Маркази миллии тестии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маркази миллии
«PISA Tajikistan»

PISA 2025

ҲИСОБОТИ МИЛЛӢ

Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)



Маркази миллии тестии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маркази миллии «PISA TAJIKISTAN»

ҲИСОБОТИ МИЛЛӢ

Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA 2025

Ҳисоботи миллӣ “Натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA 2025” – Душанбе, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – 126 саҳ.

Дар Ҳисоботи миллӣ натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), математика ва хониш дар муқоисаи байналмилалӣ, инчунин, дар заминаи миллӣ оварда шудаанд.

Ҳисобот маълумоти арзишманди таҳлилиро барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва педагогӣ фаро гирифта, ба доираи васеи ҷомеа пешбинӣ шудааст.

© Маркази миллии тестии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026

МУНДАРИҶА

Сипосгузорӣ **10**

Муқаддима **11**

Боби 1. Натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) **15**

1.1. Таҳлили дастовардҳои хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар соҳаи саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), математика ва хондан 18

1.2. Тафовути натиҷаҳо вобаста ба хусусиятҳои хонандагон. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ 22

1.3. Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон 24

1.4. Фарқи натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) вобаста ба хусусиятҳои муассисаҳои таълимӣ 28

Боби 2. Ҳиссиёт, бовар ва муносибати хонандагон ба омӯзиш вамактаб **34**

2.1. Муносибати хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба омӯзиш 36

2.2. Кунҷкобии зеҳнии хонандагон 37

2.3. Кунҷкобии зеҳнӣ вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо 39

2.4. Суботкорӣ ва матонат дар омӯзиш 40

2.5. Суботкорӣ ва матонат дар омӯзиш вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо 42

2.6. Майлу рағбат ба рушд 43

2.7. Майлу рағбат ба рушд ва натиҷаҳои таълимии хонандагон .. 46

2.8. Ҷалби хонандагон ба ҳаёти мактабӣ ва ҳисси мансубияти онҳо ба он 47

2.9. Ҳисси мансубият ба мактаб 48

2.10. Ҳисси мансубият ба мактаб вобаста ба ҷинси хонандагон... 50

2.11. Дарки муфид будани мактаб 51

2.12. Дарки муфид будани мактаб вобаста ба хусусиятҳои хонандагон 52

2.13. Дарсгурезӣ ва дер омадан ба мактаб 53

2.14. Тафовути дарсгурезӣ вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо 54

Боби 3. Захираҳои мактабҳо ва дастовардҳои таълимии хонандагон дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 56

3.1. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва робитаи он бо натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон 58

3.2. Хароҷот барои соҳаи маориф 58

3.3. Робитаи байни хароҷот барои соҳаи маориф ва натиҷаҳои таълимии хонандагон 61

3.4. Саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология)... 61

3.5. Саводи математикӣ 62

3.6. Саводи хондан..... 63

3.7. Таъмини захиравии мактабҳо дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ва робитаи он бо натиҷаҳои таълимӣ 64

3.8. Захираҳои рақамӣ ва омодагӣ ба истифодаи онҳо дар мактабҳо 68

3.9. Сиёсати мактабҳо дар самти омодагии рақамӣ..... 69

3.10. Оё мактабҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) бо кадрҳо ба қадри кофӣ таъминанд ва ин бо муваффакияти хонандагон чӣ гуна алоқаманд аст 71

3.11. Тахассуси омӯзгорон..... 74

Боби 4. Муҳити таълимӣ ҳамчун омили дастовардҳои таълимӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 79

4.1. Бехатарӣ ва хусусияти дастгирикунандаи муҳити таълимӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)..... 81

4.2. Бехатарӣ дар мактаб 81

4.3. Зӯроварӣ (буллинг)..... 84

4.4. Амалияҳои педагогии дастгиркунанда 88

4.5. Иштироки оилаҳо дар раванди таълим 90

4.6. Сатҳи иштироки оилаҳо дар раванди таълим дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар муқоиса бо кишварҳои мавриди баррасӣ..... 91

4.7. Дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо ва робитаи он бо некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводи онҳо аз фанҳои табиатшиносӣ..... 92

Боби 5. Самтҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф оид ба баланд бардоштани сифати таҳсил, таъмини адолат ва некуаҳволии хонандагон дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 95

Блоки 5.1. Дидгоҳи миллӣ оид ба рушди маориф ва афзалиятҳои стратегӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 96

5.1.1. Самти афзалиятноки 1: Таъмини сатҳи асосии дастовардҳои таълимӣ барои ҳамаи хонандагон 97

5.1.2. Самтҳои эҳтимолии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф 97

Блоки 5.2. Таҷрибаи байналмилалӣ оид ба баланд бардоштани саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология)..... 99

5.2.1. Самти афзалиятноки 2: Коҳиш додани нобаробарӣ дар имкониятҳои таълимӣ ва натиҷаҳои таълимӣ 100

5.2.2. Самтҳои эҳтимолии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф 100

Блоки 5.3. Коҳиш додани нобаробарӣ тавассути дастгирии ҳадафноки мактабҳо 101

5.3.1. Самти афзалиятноки 3: Таҳкими иштироки хонандагон ва сифати амалияҳои педагогӣ 102

5.3.2. Самтҳои эҳтимолии сиёсати давлатӣ 102

Блоки 5.4. Намунаи сиёсати давлатӣ: рушди муҳити бехатар ва дастгирикунанда дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Қазоқистон 103

5.4.1. Самти афзалиятноки 4: Таҳвияти давомот, ҷалбшавӣ ва иштироки хонандагон дар ҳаёти мактаб 104

5.4.2. Самти афзалиятноки 5: Баланд бардоштани сифати таълим ва таъмини тақсимоти одилонаи кадрҳои омӯзгорӣ, захираҳои таълимӣ ва моддию техникӣ 105

Блоки 5.5. Таҷрибаи байналмилалӣ оид ба баланд бардоштани сифати кадрҳои омӯзгорӣ: намунаи Эстония 106

5.5.1. Самти афзалиятноки 6: Таҳкими муҳити бехатар ва дастгирикунандаи мактаб..... 107

Хулоса 109

Истилоҳҳо ва мафҳумҳои асосии PISA..... 110

Рӯйхати адабиёти истифодашуда 115

Замима 116

Рӯйхати расмҳо

Расми 1.1.1.(А) Натиҷаҳои муқоисавии хонандагон аз рӯи самтҳои асосии саводи амалкардӣ, PISA 2025.
А) Саводи фанҳои табиатшиносӣ 19

Расми 1.1.1.(Б) Натиҷаҳои муқоисавии хонандагон аз рӯи самтҳои асосии саводи амалкардӣ, PISA 2025.
Б) Саводи математикӣ 20

Расми 1.1.1.(В) Натиҷаҳои муқоисавии хонандагон аз рӯи самтҳои асосии саводи амалкардӣ, PISA 2025.
В) Саводи хондан 20

Расми 1.1.2. Тақсимоти хонандагон аз рӯи сатҳи саводи фанҳои табиатшиносӣ, математика ва хониш, PISA 2025 22

Расми 1.2.1. Таъсири вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ба натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ 24

Расми 1.3.1. Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ 25

Расми 1.3.2. Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои саводи математикӣ 26

Расми 1.3.3. Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои саводи хондан 27

Расми 1.4.1. Тафовут дар натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ вобаста ба намуди муассисаҳои таълимӣ 29

Расми 1.4.2. Натиҷаҳои саводи математикӣ вобаста ба намуди муассисаи таълимӣ..... 30

Расми 1.4.3. Натиҷаҳои саводи хондан вобаста ба намуди муассисаи таълимӣ 31

Расми 1.4.4. Фарқ дар натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон вобаста ба ноҳияи ҷойгиршавии муассисаҳои таълимӣ 33

Расми 2.1.1. Робитаи байни дастовардҳо дар самти саводи фанҳои табиатшиносӣ ва кунҷкобӣ, истодагарӣ ва боварӣ ба имконияти рушди қобилиятҳои худ..... 37

Расми 2.2.1. Шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиш 38

Расми 2.3.1. Шавқу рағбат ба омӯзиши донишҳои нав вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо 39

Расми 2.4.1. Истодагарии хонандагон дар омӯзиш..... 41

Расми 2.5.1. Истодагарӣ дар омӯзиш вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо 42
Расми 2.6.1. Боварии хонандагон ба имконияти рушди қобилиятҳои худ 45
Расми 2.6.2. Боварии хонандагон ба имконияти рушди қобилиятҳои худ вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо ... 45
Расми 2.7.1. Боварии хонандагон ба имконияти рушди қобилиятҳои худ вобаста ба сатҳи дастовардҳои хонандагон аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ 46
Расми 2.8.1. Робитаи байни натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ, ҳисси мансубият ба мактаб, дарки муфид будани мактаб ва давомоти хонандагон 48
Расми 2.9.1. Ҳисси мансубияти хонандагон ба мактаб 49
Расми 2.10.1. Тафовут дар ҳисси мансубият ба мактаб байни писарон ва духтарон 50
Расми 2.11.1. Дарки муфид будани мактаб 51
Расми 2.12.1. Дарки муфид будани мактаб вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо 52
Расми 2.13.1. Дарсгурезӣ ва дер омадан ба мактаб 53
Расми 2.14.1. Дарсгурезӣ вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо 55
Расми 3.2.1. Хароҷоти маҷмуии таҳсил барои як хонанда 59
Расми 3.2.2. Хароҷот барои соҳаи маориф ҳамчун фоизи ММД..... 60
Расми 3.4.1. Натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ ва хароҷот барои соҳаи маориф 62
Расми 3.5.1. Натиҷаҳои саводи математикӣ ва хароҷот барои соҳаи маориф 63
Расми 3.6.1. Натиҷаҳои саводи хондан ва хароҷот барои соҳаи маориф 64
Расми 3.7.1. Норасоии маводи таълимӣ ва инфрасохтор 65
Расми 3.7.2. Натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ ва норасоии захираҳои моддӣ 66
Расми 3.7.3. Маводҳои таълимӣ ва инфрасохтор вобаста ба хусусиятҳои мактабҳо 67

Расми 3.8.1. Камбудӣ ё сифати пасти захираҳои рақамӣ 69
Расми 3.9.1. Сиёсати мактабҳо дар самти омодагии рақамӣ 70
Расми 3.10.1. Норасоии омӯзгорон ва тахассуси номувофиқи омӯзгорон 72
Расми 3.10.2. Норасоии омӯзгорон вобаста ба хусусиятҳои мактабҳо.... 73
Расми 3.10.3. Таъминоти мактабҳо бо таҷҳизот..... 74
Расми 3.11.1. Ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда..... 75
Расми 3.11.2. Ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда вобаста ба хусусиятҳои мактабҳо..... 76
Расми 3.11.3. Таъминоти мактабҳо бо кадрҳои баландихтисоси педагогӣ..... 77
Расми 3.11.4. Шумораи омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, ки ба таври пурра ва нопурра кор мекунанд 78
Расми 4.2.1. Дарки бехатарӣ аз ҷониби хонандагон 82
Расми 4.2.2. Эҳсоси бехатарӣ дар мактаб вобаста ба ҷинс ва вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон 83
Расми 4.2.3. Эҳсоси бехатарӣ дар мактаб вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва намуди мактаб 84
Расми 4.3.1. Дучоршавии хонандагон ба ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг) дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ва кишварҳои муқоисавӣ..... 85
Расми 4.3.2. Тафовут дар сатҳи дучоршавӣ ба ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг) вобаста ба ҷинс ва вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон..... 87
Расми 4.3.3. Тафовут дар сатҳи дучоршавӣ ба ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг) вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва намуди мактабҳо..... 88
Расми 4.4.1. Амалияҳои педагогии дастгирикунанда..... 89
Расми 4.4.2. Амалияҳои педагогии дастгирикунанда..... 90
Расми 4.6.1. Дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо..... 91
Расми 4.7.1. Дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо вобаста ба хусусиятҳои хонандагон..... 93

Рӯйхати ҷадвалҳо

Ҷадвали 1.1. Тавсифи интихоб ва иштирокдорони таҳқиқоти PISA дар шаҳри Душанбе 13

Ҷадвали 4.2. Бехатарӣ дар мактаб, некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ 83

Ҷадвали 4.3. Зӯроварӣ (буллинг), некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ 86

Ҷадвали 4.7. Дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо, некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ 92

СИПОСГУЗОРӢ

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) ба ҳамаи ташкилотҳо ва мутахассисоне, ки дар омодасозӣ, татбиқ, таҳлил ва тақриз кардани таҳқиқоти мазкур саҳм гузоштаанд, самимона арзи сипос менамояд.

ММТНПҶТ аз дастгирӣ ва ҳамкории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр, маъмурони тестҳо, инчунин аз ҳамаи хонандагоне, ки дар таҳқиқот иштирок намуда, татбиқи таҳқиқоти PISA 2025-ро дар шаҳри Душанбе имконпазир гардониданд, қадрдонӣ мекунад.

Ба Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), бахусус ба Андреас Шляйхер ва Софи Вейссеттс, барои дастгирии коршиносӣ дар раванди таҳқиқот ва татбиқи барномаи PISA, дастгирии методологӣ, машваратҳо, инчунин мусоидат дар таъмини мутобиқати таҳқиқот ба меъёрҳои байналмилалии арзёбии сифати таҳсилот миннатдории зиёд изҳор карда мешавад.

ММТНПҶТ, ҳамчунин аз Шурои Австралия оид ба таҳқиқоти соҳаи маориф (ACER), бахусус ба Йан Тео ва Ҷаклин Ченг, барои дастгирии техникӣ ва методологӣ дар марҳалаҳои омодасозӣ, идоракунӣ ва коркарди маълумоти таҳқиқот сипосгузор аст.

Миннатдории хос ба Иттиҳодияи Аврупо (ИА) барои дастгирии молиявӣ ва ба ширкати Eductrade, ки лоиҳаи Иттиҳодияи Аврупо «Дастгирии Иттиҳодияи Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар доираи Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат II (БДТБ II) амалӣ менамояд, барои дастгирии техникии таҳқиқот баён карда мешавад. Инчунин аз роҳбари гурӯҳи коршиносон Штефан Зиверт ва коршиноси асосии байналмилалӣ оид ба таҳсилоти умумӣ Айгул Кажжанова барои дастгирии коршиносӣ, машваратҳо ва мусоидат дар татбиқи муваффақонаи таҳқиқот зиёд сипосманд аст.

ММТНПҶТ, ҳамчунин ба таҳлилгари пешбари Маркази Украина оид ба арзёбии сифати таҳсилот Мария Мазорчук барои саҳми арзишманди коршиносӣ дар таҳлили маълумот, ташреҳи натиҷаҳо ва тақриз кардани ҳисоботи мазкур миннатдории махсуси худро баён мекунад.

МУҚАДДИМА

Дар шароити тағйирёбии ҷомеаи муосир масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди саводи амалкардӣ (функсионалӣ) аҳаммияти рӯзафзуни стратегии бештар пайдо мекунанд. Қобилияти хонандагон барои истифодаи донишҳои андӯхта дар соҳаҳои фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), математика ва хониш барои ҳалли масъалаҳои воқеии ҳаёт яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини омодагии насли наврас ба таҳсили минбаъда, фаъолияти касбӣ ва иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон (PISA), ки аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) амалӣ карда мешавад, яке аз бузургтарин таҳқиқот (арзёбӣ)-ҳои муқоисавии байналмилалӣ дар бахши арзёбии сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин таҳқиқот муайян карда мешавад, ки хонандагони 15-сола то чӣ андоза метавонанд дониш ва малакаҳои андӯхтаи худро дар вазъиятҳои воқеии зиндагӣ татбиқ намоянд. Равиши арзёбӣ (методология, равишу усул, низоми арзёбӣ, чаҳорӯба)-и PISA дараҷаи баланди муқоисаи байналмилалии натиҷаҳои таҳсилоти хонандагонро таъмин намуда, ба кишварҳо имкон медиҳад, ки дастовардҳои хонандагонро дар заминаи ҷаҳонӣ таҳлил кунанд ва стратегияҳои таълимии асоснокро таҳия намоянд.

Таҳқиқоти байналмилалии сифати таҳсилот дар доираи PISA (Programme for International Student Assessment), ки аз ҷониби СҲИР гузаронида мешавад, аз соли 2000 оғоз гардидааст. То соли 2022 таҳқиқот ҳар се сол як маротиба гузаронида мешуд, аммо аз соли 2025 он ҳар чаҳор сол як маротиба баргузор мегардад. Дар ҳар як даври таҳқиқот яке аз се самти асосӣ – саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), саводи математикӣ ё саводи хондан – ҳамчун самти асосӣ интихоб шуда, арзёбии амиқтари он анҷом дода мешавад. Ҳамзамон, ду самти дигари арзёбӣ низ фаро гирифта мешаванд, ки ин имкон медиҳад муқоисапазирии натиҷаҳо дар давраҳои гуногуни таҳқиқот нигоҳ дошта шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар таҳқиқоти байналмилалии PISA дар даври соли 2025 иштирок кард. Таҳқиқот дар шаҳри Душанбе дар асоси интихоби намояндагии (репрезентативии) хонандагони 15-солаи муассисаҳои таълимии пойтахт гузаронида шуда, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф мутобиқат мекунад.

Зарурати рушди низоми арзёбии сифати таҳсилот, баланд бардоштани саводи амалкардии хонандагон ва ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар як қатор ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, аз ҷумла «Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030», инъикос ёфтааст.

Дар ҳуҷҷатҳои мазкур иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муқоисавии байналмилалӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими такмили низоми арзёбии сифати таҳсилот, баланд бардоштани рақобатпазирии низоми миллии маориф ва рушди сармояи инсонӣ баррасӣ мегардад. Дар ин замина иштироки шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA 2025 барои ба даст овардани маълумоти муқоисашаванда дар бораи сифати таҳсилот ва сатҳи ташаккулу рушди салоҳиятҳои калидии хонандагон аҳаммияти махсус дорад.

Иштироки шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA 2025, инчунин ба татбиқи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ барои солҳои 2021-2025 мусоидат менамояд. Яке аз самтҳои асосии ин барнома рушди шавқу рағбати хонандагон ба фанҳои математикӣ, табиатшиносӣ ва техникӣ, такмили барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот аст.

Азбаски таҳқиқоти PISA 2025 танҳо дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе гузаронида шуд, натиҷаҳои ҳисоботи мазкур вазъи таҳсилотро танҳо дар пойтахти кишвар инъикос намуда, наметавонанд бевосита нисбат ба тамоми низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шаванд. Ҳамзамон, ин натиҷаҳо нахустин пойгоҳи маълумоти байналмилалии муқоисашавандаро ташкил медиҳанд, ки метавонад ҳамчун заминаи ибтидоӣ барои мониторинги минбаъдаи самаранокии сифати таҳсилот ва арзёбии натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи маориф истифода шавад.

Дар доираи PISA 2025 маҷмуи умумии таҳқиқот 216 муассисаи таълимиро дар бар мегирифт, ки дар онҳо 51 352 нафар хонандаи 15-сола таҳсил мекарданд. Аз ин шумора 160 муассисаи таълимӣ ба намунагирии асосӣ ворид карда шуданд, ки 153-тои онҳо давлатӣ ва 7-тоашон хусусӣ буданд. Бо мақсади таъмини намояндагии муассисаҳои таълимӣ ва пешбинӣ намудани имкони иваз кардани муассисаҳо дар ҳолати даст кашидан аз иштирок, инчунин 18 муассисаи таълимии эҳтиётӣ ба намунагирӣ дохил карда шуд.

Маҷмуан ба намунаҳои интихобшудаи хонандагон 6 270 нафар дохил гардиданд, ки аз онҳо 3 029 нафар (48,3 %) духтар ва 3 241 нафар (51,7 %) писар буданд. Дар санҷиши тестӣ 5 771 нафар хонанда (92%), аз ҷумла 2 842 (49,2%) нафар духтар ва 2 929 (50,7%) нафар писар иштирок карданд.

Иштирокдорони таҳқиқот ҳамаи чор ноҳияи шаҳри Душанберо намояндагӣ мекарданд. Шумораи бештари хонандагони дар санҷиши тестӣ иштироккарда ба ноҳияи Сино рост меомад: 2 177 нафар (37,7 %). Дар ҷойҳои баъдӣ ноҳияҳои Фирдавсӣ – 1 461 нафар (25,3 %), Шоҳмансур – 1 190 нафар (20,6 %) ва Исмоили Сомонӣ – 943 нафар (16,3 %) қарор доштанд. Аксарияти иштирокдорон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ таҳсил мекарданд – 5 600 нафар (97%); 171 нафар (3%) хонанда муассисаҳои таълимии хусусиро намояндагӣ мекарданд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.1.

Тавсифи интихоб ва иштирокдорони таҳқиқоти PISA дар шаҳри Душанбе

Тавсифи интихоб	Шумора
Шумораи умумии муассисаҳои таълимӣ	216
Интихоби асосии муассисаҳои таълимӣ	160
– давлатӣ	153
– хусусӣ	7
Муассисаҳои таълимии эҳтиётӣ	18
Шумораи умумии хонандагон дар 216 муассисаи таълимӣ	51 352
Хонандагони ба интихоб шомилшуда	6 270
Духтарон	3 029 (48,3 %)
Писарон	3 241 (51,7 %)
Дар санҷиши тестӣ иштирок карданд	5 771 (92 %)
Шумораи хонандагон аз ноҳияи Исмоили Сомонӣ	943 (16,3 %)
Шумораи хонандагон аз ноҳияи Сино	2 177 (37,7 %)
Шумораи хонандагон аз ноҳияи Фирдавсӣ	1 461 (25,3 %)
Шумораи хонандагон аз ноҳияи Шоҳмансур	1 190 (20,6 %)
Шумораи хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ	5 600 (97 %)
Шумораи хонандагони муассисаҳои таълимии хусусӣ	171 (3 %)

Натиҷаҳо нишондиҳандаи сатҳи баланди иштироки хонандагон дар таҳқиқот аст. Дар санҷиши тестӣ 92 %-и хонандагони ба интихоб шомилшуда иштирок карданд. Ин нишондиҳанда ба талаботи байналмилалии PISA оид ба сифати маълумоти таҳқиқот мутобиқ буда, барои таъмини эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада заминаи мусоид фароҳам меорад. Таркиби гендерии иштирокдорон низ нисбатан мутавозин буд: духтарон 49,2 % ва писарон 50,7 %-ро ташкил доданд. Ин таносуб имкон медиҳад, ки фарқи натиҷаҳои

таълимии гурӯҳҳои гуногуни хонандагон аз рӯи ҷинс ба таври муқоисашаванда таҳлил карда шаванд. Фарогирии муассисаҳои таълимии ҳамаи чаҳор ноҳияи шаҳри Душанбе, инчунин интихоби ҳам муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ҳам хусусӣ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои бадастомада вазъи умумии шаҳри Душанберо дар доираи аҳолии мавриди таҳқиқ – хонандагони 15-сола ба таври воқеӣ инъикос намуда, муқоисаи дурусти онҳо бо маълумоти байналмилалӣ таъмин карда шавад.

Ҳисоботи миллӣ натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)-ро дар заминаи байналмилалӣ ва миллӣ таҳлил мекунад. Дар он нишондиҳандаҳои миёнаи дастовардҳои хонандагон, тақсимоти онҳо аз рӯи сатҳҳои дастовардҳои PISA ва фарқи натиҷаҳо вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҷинс, навъи муассисаи таълимӣ ва дигар омилҳои марбут ба муҳити таълим баррасӣ мешаванд.

Сохтори ҳисобот қисмҳои зеринро дар бар мегирад:

– таҳлили натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз рӯи самтҳои асосии таҳқиқоти PISA ва муайян намудани сатҳи ташаккули салоҳиятҳо дар муқоиса бо кишварҳое, ки низоми таълимии онҳо дорои хусусиятҳои нисбатан монанданд;

– таҳлили муносибати хонандагон ба таҳсил ва мактаб, аз ҷумла ҳавасмандии онҳо ба омӯзиш, иштироки онҳо дар раванди таълим ва некуаҳволии онҳо, инчунин робитаи ин нишондиҳандаҳо бо натиҷаҳои таҳсил;

– таҳлили омилҳои таъсиррасон ба дастовардҳои таълимӣ, ки бо таъминоти захиравии муассисаҳои таълимӣ ва хусусиятҳои муҳити таълимӣ алоқаманданд;

– баррасии хусусиятҳои муҳити мактаб, сатҳи интизом ва дастгирии омӯзгорон, инчунин таъсири онҳо ба натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон;

– ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар асоси маълумоти бадастомада.

Иштироки шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар PISA 2025 барои рушди минбаъдаи низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот заминаи муҳим фароҳам меорад. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки дастовардҳои таълимии хонандагони 15-сола дар заминаи байналмилалӣ арзёбӣ шуда, ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои ниёзманди такмили низоми таълим муайян карда шаванд. Ҳамзамон, маълумоти бадастомада метавонад барои омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва такмили сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф заминаи иловагӣ фароҳам оварад.

БОБИ 1

Натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)

Дар ин боб натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони 15-солаи шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), саводи математикӣ ва саводи хондан таҳлил ва пешниҳод карда мешаванд. Натиҷаҳо бо нишондиҳандаҳои як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ, ки дар PISA 2025 иштирок намудаанд ва барои таҳлили муқоисавии дастовардҳои таълимии хонандагони шаҳри Душанбе аҳаммият доранд, муқоиса карда мешаванд. Ҳамчунин фарқи натиҷаҳо вобаста ба хусусиятҳои хонандагон, аз ҷумла вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷинс, инчунин хусусиятҳои муассисаҳои таълимӣ, аз қабили навъи муассиса (давлатӣ ё ғайридавлатӣ) ва маҳалли ҷойгиршавии он, мавриди таҳлил қарор мегирад.

Натиҷаҳои асосии боб:

- Натиҷаи миёнаи таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ 334 бал, аз рӯи саводи математикӣ 382 бал ва аз рӯи саводи хондан 368 балро ташкил дод. Азбаски иштироки шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар таҳқиқоти PISA 2025 нахустин иштироки он дар даври асосии ин таҳқиқот аст, натиҷаҳои бадастомада ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои мониторинги минбаъдаи сифати таҳсилот ва арзёбии самаранокии ислоҳоти соҳаи маориф аҳаммияти махсус доранд.
- Ҳиссаи хонандагоне, ки сатҳи 2 ё аз он болоро ноил шудаанд, аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ 11,8 %, аз рӯи саводи математикӣ 23,5 % ва аз рӯи саводи хондан 18,1 %-ро ташкил дод. Дар миқёсҳои PISA Сатҳи 2 ҳадди асосии ташаккули саводи амалкардӣ ба ҳисоб меравад ва ноил шудан ба он нишон медиҳад, ки хонанда метавонад дониш ва малакаҳои худро дар як қатор вазъиятҳои воқеӣ истифода барад.
- Тафовути натиҷаҳо аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ байни хонандагони дорои вазъи беҳтари иҷтимоию иқтисодӣ ва хонандагони аз ин ҷиҳат дар сатҳи пасттар қарордошта 46,3 балро ташкил медиҳад, ки тақрибан ба ду соли таҳсил (тақрибан 2,3 сол, тибқи арзёбии СҲИР, ки мувофиқи он ҳар 20 бали PISA ба як соли таҳсил баробар аст) мутобиқ аст. Ҳамин тавр, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ бо фарқи назаррас дар дастовардҳои таълимии хонандагон алоқаманд аст.

- Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ назаррас нест: писарон ба ҳисоби миёна аз духтарон 4 бал бештар доранд, аммо ин фарқ аз ҷиҳати оморӣ на он қадар зиёд аст. Ин нишон медиҳад, ки сатҳи дастовардҳои таълимии хонандагони ҳар ду ҷинс қобили муқоисаанд. Дар самти саводи математикӣ тафовути гендерӣ дар шаҳри Душанбе бештар ба назар мерасад: писарон ба ҳисоби миёна аз духтарон 15 бал зиёдтар доранд. Ин яке аз фарқҳои назарраси гендерӣ дар байни кишварҳои мавриди муқоиса буда, метавонад ба тафовутҳои ҳавасмандии таълимӣ, эътимод ба қобилиятҳои математикӣ ва хусусиятҳои амалияҳои таълим вобаста бошад. Натиҷаҳо аз рӯи саводи хондан бартарии духтаронро нишон медиҳанд: дар шаҳри Душанбе духтарон ба ҳисоби миёна аз писарон 8 бал бештар доранд. Гарчанде ки ин фарқ нисбат ба бисёр кишварҳои дигари минтақа камтар аст, чунин тамоюл ба натиҷаҳои байналмилалии PISA мутобиқат мекунад, ки тибқи онҳо духтарон, одатан, дар хониш ва дарки матн натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд.
- Хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ) нисбат ба хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ, саводи математикӣ ва саводи хондан ба ҳисоби миёна натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд. Тафовути бештар дар самти саводи фанҳои табиатшиносӣ мушоҳида мегардад, дар ҳоле ки аз рӯи саводи математикӣ ва саводи хондан ин фарқҳо нисбатан камтаранд. Натиҷаҳои мазкур бояд бо ба эътибор гирифтани нуктаҳои баёншуда шарҳ дода шаванд, зеро шумораи муассисаҳои таълимии ғайридавлатии ба намунаҳои интихобшудаи таҳқиқот дохилшуда маҳдуд буд.
- Натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон вобаста ба ноҳияи ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ фарқ мекунанд. Ба ҳисоби миёна муассисаҳои таълимии ноҳияи Исмоили Сомонӣ аз рӯи ҳамаи самтҳои таҳқиқоти PISA натиҷаҳои баландтар нишон доданд. Маълумоти бадастомада робитаи байни вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва дастовардҳои таълимии онҳоро инъикос менамояд.
- Дар маҷмуъ, таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе аз рӯи саводи математикӣ ва саводи хондан дар доираи натиҷаҳои кишварҳои мавриди муқоиса қарор доранд, дар ҳоле ки дар саводи фанҳои табиатшиносӣ фарқу фосилаи бештар мушоҳида мешавад.

1.1. Таҳлили дастовардҳои хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар соҳаи саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), математика ва хондан

Хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар даври PISA 2025 аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ ба ҳисоби миёна 334 бал, аз рӯи саводи математикӣ 382 бал ва аз рӯи саводи хондан 368 бал ба даст оварданд. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар байни се самти арзёбӣ саводи математикӣ натиҷаи баландтарин ва саводи фанҳои табиатшиносӣ натиҷаи пасттаринро дорад.

Барои таҳлили муқоисавии натиҷаҳои хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) кишварҳои минтақа, ки дар таҳқиқоти PISA 2025 иштирок намудаанд ва барои муқоисаи натиҷаҳои таълимӣ аҳаммияти махсус доранд, интихоб гардиданд. Ба гурӯҳи муқоисавӣ Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дохил карда шуданд. Интихоби ин кишварҳо бо назардошти наздикии ҷуғрофӣ, хусусиятҳои умумии таърихии рушди низоми маориф, инчунин шабоҳати як қатор омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангие, ки ба натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон таъсир мерасонанд, асос ёфтааст.

Ҳамзамон кишварҳои мазкур дар таҳқиқоти PISA сатҳу дараҷаҳои гуногуни дастовардҳои таълимиро нишон медиҳанд, ки онҳоро ҳамчун нишондиҳандаҳои муҳим барои таҳлили натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) истифода кардан мумкин аст. Муқоисаи натиҷаҳо бо кишварҳои ҳамсоя дар минтақа имкон медиҳад, ки на танҳо мавқеи кунунии хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар заминаи байналмилалӣ арзёбӣ карда шавад, балки амалияҳои муваффақи соҳаи маориф низ муайян гарданд, ки метавонанд барои рушди минбаъдаи низоми маориф муфид бошанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳадафи интихоби кишварҳои муқоисашаванда тартиб додани раддабандии кишварҳо нест. Он пеш аз ҳама барои муайян кардани мавқеи нисбии натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон), ошкор намудани тафловутҳои муҳим ва фароҳам овардани замина барои таҳлили омилҳои марбут ба дастовардҳои таълимӣ истифода мешавад.


Тавре аз натиҷаҳои дар расми 1.1.1 овардашуда бармеояд, натиҷаҳои хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз рӯи 3 самти асосии таҳқиқоти PISA – саводи фанҳои табиатшиносӣ, саводи математикӣ ва саводи хондан – фарқ мекунанд. Пасттарин натиҷаи миёна аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар он нишондиҳандаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз натиҷаҳои ҳамаи кишварҳои гурӯҳи муқоиса пасттаранд. Аз рӯи саводи математикӣ ва хондан натиҷаҳои хонандагони шаҳри Душанбе аз нишондиҳандаҳои Арманистон ва Қирғизистон болотар, аммо аз натиҷаҳои Озарбойҷон ва Қазоқистон пасттаранд.

Баландтарин натиҷаи миёнаро хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз рӯи саводи математикӣ (382 бал) нишон доданд, дар ҳоле ки пасттарин нишондиҳанда аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ (334 бал) ба қайд гирифта шуд. Ин ҳолат тафовутро дар сатҳи ташаккули малакаҳо ва салоҳиятҳои хонандагон аз рӯи самтҳои асосии таҳқиқоти PISA нишон медиҳад. Ин фарқ зарурати таҳлили амиқтари омилҳои марбут ба омӯзиши фанҳои табиатшиносиро, аз ҷумла тарзи истифодаи дониш дар вазъиятҳои амалӣ ба миён меорад.


Дар байни кишварҳои мавриди муқоиса аз рӯи аксари самтҳои таҳқиқот натиҷаҳои баландтаринро Қазоқистон ва Озарбойҷон нишон медиҳанд. Дар маҷмуъ, таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки натиҷаҳои хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз рӯи саводи математикӣ ва саводи хондан бо натиҷаҳои баъзе кишварҳои минтақа дар як доираи муқоисашаванда қарор доранд, дар ҳоле ки аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ пасттарин натиҷа ба саводи фанҳои табиатшиносӣ – 334 бал рост меояд. Дар заминаи байналмилалӣ натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон), дар маҷмуъ, аз сатҳи низомҳои пешрафтаи таълимӣ, ки дар таҳқиқоти PISA 2025 иштирок намудаанд, поёнтар буда, ба натиҷаҳои кишварҳое наздик аст, ки нишондиҳандаҳои миёна ё аз миёна пасттар доранд. Натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ нисбатан ташвишоваранд (нигаронкунандаанд), зеро онҳо дар байни се самти арзёбишаванда пасттаринанд. Ин зарурати такмили минбаъдаи таълими амалимеҳвари фанҳои табиатшиносӣ ва рушди малакаҳои хонандагонро барои татбиқи дониш ҳангоми ҳалли масъалаҳои марбут ба вазъиятҳои воқеии зиндагӣ нишон медиҳад.

Расми 1.1.1.


Натиҷаҳои муқоисавии хонандагон аз рӯи самтҳои асосии саводи амалкардӣ, PISA 2025.



Б) Саводи математикӣ



В) Саводи хондан



Эзоҳҳо: хатҳои иштибоҳ фосилаи эътимоднокии 95 %-и балҳои миёнаро нишон медиҳанд. Агар фосилаҳои эътимоднокии ду нишондиҳанда бо ҳамдигар мувофиқат накунанд, фарқи байни онҳо, одатан, аз ҷиҳати оморӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Ҳиссаи хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон), ки сатҳи 2 ё аз он болотарро ноил шудаанд, аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ 11,8 %, саводи математикӣ 23,5 % ва саводи хондан 18,1%-ро ташкил медиҳад (расми 1.1.2). Сатҳи 2 дар PISA ҳамчун ҳадди асосии саводи амалкардӣ баррасӣ мешавад, зеро хонандаи ба ин сатҳ расида метавонад дониш ва малакаҳои худро дар вазъиятҳои воқеии ҳаёт истифода барад. Ин нишондиҳанда, инчунин дар таҷрибаи байналмилалӣ барои мониторинги ноил шудан ба Ҳадафи рушди устувори 4.1.1 дар соҳаи маориф истифода мешавад (барои маълумоти муфассал нигаред ба Ҳадафи рушди устувори 4: Таҳсилоти босифат).

Ҳиссаи хонандагоне, ки аз рӯи миқёси PISA ба сатҳи 3 ва аз он боло расидаанд, низ нисбатан маҳдуд аст: 2,2 % аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ, 4,04 % аз рӯйи саводи математикӣ ва 2,71 % аз рӯйи саводи хондан. Дар таҳқиқоти PISA Сатҳҳои 5–6 ҳамчун дараҷаҳои баланди саводи амалкардӣ ба ҳисоб мераванд ва қобилияти хонандаро барои истифодаи дониш дар вазъиятҳои мураккаб ва ғайримаъмулӣ инъикос мекунанд. Ҳиссаи хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар ин дараҷаҳо хеле ночиз аст, ки гувоҳи маҳдуд будани гурӯҳи хонандагони дорои салоҳиятҳои пешрафта аст: онҳо ҳанӯз сатҳи лозимии саводи амалкардиро, ки барои низомҳои пешрафтаи таълимӣ хосанд, нишон намедиҳанд.

Натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ сазовори таваҷҷуҳи махсусанд, зеро дар онҳо низ танҳо 11,8 %-и хонандагон ба сатҳи асосии салоҳият ноил шудаанд. Ин баёнгари он аст, ки қисми зиёди хонандагон ҳангоми истифодаи донишҳои аз фанҳои табиатшиносӣ андӯхтаи худ барои шарҳи падидаҳо, тафсири маълумот ва ҳалли масъалаҳои амалӣ дар ҳаёти ҳаррӯза ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Ин натиҷа ба зарурати такмили минбаъдаи равишҳои таълими фанҳои табиатшиносӣ ва рушди малакаҳои хонандагон барои истифодаи дониши андӯхтаи онҳо дар шароити воқеии зиндагӣ ишора мекунад.


Дар заминаи муқоисаи байналмилалӣ натиҷаҳои хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз рӯи самтҳои асосии таҳқиқоти PISA фарқ мекунанд. Аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ бали миёнаи хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 334-ро ташкил медиҳад (фосилаи эътимоднокии 95 %: 331-337), ки аз нишондиҳандаҳои Қазоқистон (420), Озарбойҷон (409), Арманистон (369) ва Қирғизистон (363) пасттар аст. Аз рӯи саводи математикӣ бали миёнаи хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 382-ро ташкил медиҳад (фосилаи эътимоднокии 95 %: 380-384), ки аз натиҷаҳои Озарбойҷон (422) ва Қазоқистон (414) пасттар, вале аз нишондиҳандаҳои Арманистон (376) ва Қирғизистон (364) баландтар аст. Аз рӯи саводи хондан натиҷаи миёнаи хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 368 балро ташкил медиҳад (фосилаи эътимоднокии 95 %: 366-370). Ин нишондиҳанда аз натиҷаҳои Қирғизистон (344) ва Арманистон (348) баландтар, аммо аз натиҷаҳои Озарбойҷон (374) ва Қазоқистон (385) пасттар мебошад.

Дар раддабандии байналмилалии натиҷаҳои PISA дар байни 91 кишвар ва иқтисод хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ ҷойи 90-ум, аз рӯи саводи математикӣ ҷойи 68-ум ва аз рӯи саводи хондан ҷойи 71-умро ишғол мекунанд (нигаред ба Замима).

Расми 1.1.2.

Тақсимоти хонандагон аз рӯи сатҳи саводи фанҳои табиатшиносӣ, математика ва хондан, PISA 2025

Ҳиссаи хонандагоне, ки аз рӯи миқёсҳои PISA аз сатҳи 1а ё поёнтар қарор доранд ва онҳое, ки ба сатҳи 2 ё болотар ноил шудаанд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки қисми зиёди хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ҳанӯз ба сатҳи асосии саводи амалкардӣ нарасидаанд. Мушкилот, махсусан дар саводи фанҳои табиатшиносӣ, равшан аст. Ҳамзамон, натиҷаҳо аз рӯи саводи математикӣ ва саводи хондан нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) гурӯҳи муайяни хонандагон вуҷуд дорад, ки метавонанд супоришҳои мураккабтарро иҷро кунанд. Ин гурӯҳ метавонад барои омӯзиши таҷрибаҳои самараноки таълим ва муайян кардани омилҳои мусоидаткунандаи дастовардҳои баланд мавриди таҳлили минбаъда қарор гирад.

1.2. Тафовути натиҷаҳо вобаста ба хусусиятҳои хонандагон. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дастовардҳои таълимии хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) бо вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо робитаи назаррас доранд. Барои тавсифи вазъи иҷтимоию иқтисодии

хонандагон дар таҳқиқоти PISA индекси байналмилалии ESCS истифода мешавад, ки сатҳи таҳсилоти падару модар, мақоми касбии онҳо, инчунин мавҷудияти захираҳои таълимӣ ва моддиро дар оила ба эътибор мегирад.

Дар саводи фанҳои табиатшиносӣ байни хонандагони чоряки болоӣ ва чоряки поёнии шохиси (нишондиҳанда, индекс)-и ESCS фарқи аз ҷиҳати оморӣ муҳим мушоҳида мешавад. Фарқи миёнаи натиҷаҳо байни ин ду гурӯҳи хонандагон дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 46,3 балро ташкил медиҳад, ки ба пешрафти миёнаи хонандагон тақрибан дар давоми 2,3 соли таҳсил мувофиқат мекунад (расми 1.2.1).

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки робитаи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ бо дастовардҳои таълимӣ дар ҳамаи кишварҳои мавриди таҳқиқ вуҷуд дорад, аммо андозаи ин тафовутҳо яксон нест. Фарқи бештар миёни хонандагони дорои сатҳи баланди иҷтимоию иқтисодӣ ва хонандагони дорои сатҳи пасти иҷтимоию иқтисодӣ дар Озарбойҷон ва дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба қайд гирифта шудааст. Дар Қирғизистон ин фарқ дар сатҳи миёна қарор дошта, дар Арманистон ва Қазоқистон нисбатан камтар аст. Тибқи маълумоти таҳқиқот, тафовутҳо дар ҳамаи кишварҳои мазкур аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятноканд.


Натиҷаи шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) нишон медиҳад, ки ҳатто дар ҳолати вуҷуд доштани фарқи нисбатан камтар аз баъзе кишварҳои муқоисавӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ бо дастовардҳои таълимӣ робитаи муҳим дорад. Мисли дигар кишварҳо хонандагони оилаҳои дорои сатҳи баландтари иҷтимоию иқтисодӣ одатан аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ нисбат ба хонандагони оилаҳои дорои сатҳи пасттари иҷтимоию иқтисодӣ натиҷаҳои беҳтар нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки таъсири муҳити оилавӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ба дастовардҳои таълимии хонандагон ҳанӯз ҳам боқӣ мемонад ва ин аҳаммияти таъмини имкониятҳои баробари омӯзиширо новобаста аз вазъи иҷтимоию иқтисодии оила таъкид менамояд. Ҳамзамон, муқоисаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии мусоидтар худ аз худ сатҳи баланди натиҷаҳои таълимиро кафолат намедиҳад. Масалан, хонандагони гурӯҳҳои дорои нишондиҳандаҳои баландтари иҷтимоию иқтисодӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) метавонанд нисбат ба хонандагони гурӯҳҳои ҳамсон дар баъзе кишварҳои муқоисавӣ, аз ҷумла Қазоқистон ва Озарбойҷон, натиҷаҳои пасттар нишон диҳанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки барои шарҳи дастовардҳои таълимӣ танҳо хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии оила кофӣ нестанд ва бояд омилҳои марбут ба сифати таълим, мундариҷаи таълим, ташкили раванди таълим ва муҳити мактаб низ ба эътибор гирифта шаванд.

Расми 1.2.1.

Таъсири вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ба натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ

Натиҷаҳои миёнаи саводи фанҳои табиатшиносӣ дар байни хонандагони чоряки болоӣ ва чоряки поёнии индекси ESCS.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

1.3. Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки фарқҳои гендерӣ дар байни хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз фанҳои табиатшиносӣ ночизанд. Баръакси ҳамаи кишварҳои муқоисавӣ, ки дар онҳо духтарон ба ҳисоби миёна аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд, дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) писарон каме бартарӣ доранд.


Дар ҳамаи кишварҳои муқоисавӣ (Арманистон, Озарбойҷон, Қирғизистон ва Қазоқистон) духтарон аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ нисбат ба писарон ба ҳисоби миёна натиҷаҳои баландтар нишон додаанд. Фарқи бештар дар Арманистон (17,6 бал), Озарбойҷон (13,6 бал) ва Қирғизистон (13,3 бал) ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳамин ҳол, дар Қазоқистон ин фарқият камтар буда, 5,4 балро ташкил медиҳад. Дар шаҳри

Душанбе (Тоҷикистон), баръакс, натиҷаи нишондодаи писарон нисбат ба духтарон ба ҳисоби миёна 3,8 бал зиёдтар аст, ки ин фарқият аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок нест (расми 1.3.1). Ин нишон медиҳад, ки сатҳи дастовардҳои таълимии хонандагони ҳар ду ҷинс ба ҳам наздик аст.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки фарқҳои гендерӣ дар саводи хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аз фанҳои табиатшиносӣ суст ифода ёфтаанд ва аз тамоюле, ки дар кишварҳои муқоисавӣ мушоҳида мешавад, фарқ мекунанд. Дар кишварҳои муқоисавӣ духтарон аз рӯи ин самти омӯзиш пайваста бартарӣ нишон медиҳанд.

Расми 1.3.1.

Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.


Дар саводи математикӣ манзара фарқ дорад. Дар аксари кишварҳои мавриди баррасӣ тафовутҳои гендерӣ аз рӯи саводи математикӣ ночизанд. Дар Арманистон, Озарбойҷон ва Қирғизистон фарқияти байни натиҷаҳои духтарон ва писарон ночиз буда, мутаносибан 2,3, 0,8 ва 0,5 балро ташкил медиҳад.

Дар Қазоқистон тамоюли баръакс мушоҳида мешавад: писарон аз рӯи саводи математикӣ натиҷаи миёнаи баландтар нишон дода, аз духтарон ба ҳисоби миёна 8,7 бал пешсафанд. Фарқи бештар дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) мушоҳида мешавад: писарон аз рӯи саводи математикӣ ба ҳисоби миёна 14,9 бал натиҷаи баландтар нишон медиҳанд (расми 1.3.2).

Ҳамин тариқ, баръакси аксари кишварҳои муқоисавӣ, ки дар онҳо фарқи байни натиҷаҳои писарон ва духтарон аз рӯи саводи математикӣ ҳадди ақал аст, дар шаҳри Душанбе бартарии назарраси писарон мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин, танҳо маълумоти PISA барои муайян кардани сабабҳои ин тафовут кофӣ нест; барои шарҳи он омӯзиши омилҳои таълимӣ, ҳавасмандӣ, эътимод ба қобилиятҳои математикӣ ва дигар хусусиятҳои муҳити иҷтимоӣ ва таълимӣ зарур аст.

Расми 1.3.2.

Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои саводи математикӣ



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.


Натиҷаҳои саводи хондан тамоюли устувори байналмилалиро оид ба дастовардҳои баландтари духтарон нисбат ба писарон тасдиқ мекунанд. Дар ҳамаи кишварҳои мавриди баррасӣ духтарон дар саводи хондан ва дарк кардани матн натиҷаҳои беҳтар нишон медиҳанд.

Фарқи бештар байни духтарон ва писарон дар Арманистон ва Озарбойҷон мушоҳида мешавад, ки дар онҳо духтарон аз писарон мутаносибан 40,3 ва 36,1 бал пешсафанд. Дар Қазоқистон ва Қирғизистон ин фарқ камтар буда, мутаносибан 26,6 ва 26,8 балро ташкил медиҳад. Дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) низ духтарон бартарӣ доранд, аммо фарқ нисбатан камтар аст: натиҷаи миёнаи онҳо аз рӯи саводи хондан аз натиҷаи писарон ба ҳисоби миёна 8,3 бал баландтар аст (расми 1.3.3).

Ҳамин тариқ, дар саводи хондан натиҷаҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба тамоюли умумии байналмилалӣ мувофиқат мекунанд: духтарон ба ҳисоби миёна натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд. Аммо андозаи тафовут нисбатан хурд буда, ба наздик будани натиҷаҳои писарон ва духтарон дар ин самт ишора мекунад.

Расми 1.3.3.

Тафовути гендерӣ дар натиҷаҳои саводи хондан



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои таҳқиқоти байналмилалии PISA дар даврaҳои қаблӣ нишон медиҳанд, ки тафовутҳои гендерӣ дар дастовардҳои таълимӣ метавонанд бо омилҳои гуногун, аз ҷумла муносибатҳои иҷтимоӣ, натиҷаҳои мавриди интизори падару модар, хусусиятҳои муҳити таълимӣ, ҳавасмандӣ ва эътимоди хонандагон ба қобилиятҳои худ алоқаманд бошанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои ин таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки фарқҳо дар давомоти хонандагон натиҷаи қобилиятҳои модарзодӣ нестанд ва метавонанд тавассути фароҳам овардани имкониятҳои баробари таълимӣ ва муҳити дастгирикунандаи таълимӣ коҳиш ёбанд.

Натиҷаҳои бадастомада дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) набудани тафовутҳои назарраси гендериро дар саводи фанҳои табиатшиносӣ, аммо ҳамзамон мавҷудияти тафовутҳоро аз рӯи саводи математикӣ ва хондан нишон медиҳанд. Писарон аз рӯи саводи математикӣ натиҷаҳои баландтар

нишон медиҳанду духтарон дар соҳаи саводи хондан бартарӣ доранд. Чунин фарқҳо ба тамоюлҳое мувофиқат мекунанд, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон мушоҳида мешаванд, гарчанде ки андоза ва самти онҳо гуногун буда метавонанд.

Аз ин рӯ, таҳлили минбаъдаи тафовутҳои гендерӣ бояд на танҳо ба натиҷаи тестӣ, балки ба омилҳои марбут ба таҷрибаи таълимии хонандагон, ҳавасмандӣ ба омӯзиш, эътимод ба қобилиятҳои худ ва интизориҳои таълимӣ низ такя кунад. Омӯзиши ин омилҳо метавонад барои фаҳмиши сабабҳои тафовутҳои ошкоршуда ва таҳияи тадбирҳои таъмини имкониятҳои баробари таълимӣ мусоидат намояд.

1.4. Фарқи натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) вобаста ба хусусиятҳои муассисаҳои таълимӣ

Натиҷаҳои PISA имкон медиҳанд, ки дастовардҳои таълимии хонандагон на танҳо вобаста ба хусусиятҳои инфиродии онҳо, балки вобаста ба баъзе хусусиятҳои муассисаҳои таълимӣ низ таҳлил карда шаванд. Дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ин таҳлил тафовутҳои байни муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ (хусусӣ), инчунин фарқи вобаста ба ноҳияи ҷойгиршавии муассисаҳоро дар бар мегирад.


Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатии шаҳри Душанбе аз хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ ба ҳисоби миёна натиҷаҳои баландтар нишон додаанд.

Аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ натиҷаи миёнаи хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ 399 бал ва натиҷаи хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ 332 балро ташкил медиҳад. Фарқи байни ду гурӯҳ 67 бал аст (расми 1.4.1). Бо вуҷуди бузургии ин фарқ, онро набояд бевосита ҳамчун далели бартарии муассисаҳои ғайридавлатӣ (хусусӣ) маънидод кард, зеро дар таҳқиқот танҳо 7 муассисаи ғайридавлатӣ иштирок намуд. Аз ин рӯ, дар таҳлили ин натиҷаҳо эҳтиёткор бояд буд, чунки тафовути таркиби иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва дигар хусусиятҳои муассисаҳо метавонанд ба натиҷаҳо таъсир расонанд. Бо вуҷуди ин, ин фарқият дар байни кишварҳои муқоисавии минтақа яке аз назаррастарин тафовутҳо ба ҳисоб меравад.

Расми 1.4.1.

Тафовут дар натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ вобаста ба навъи муассисаҳои таълимӣ

Фарқ дар натиҷаҳои миёна аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ байни хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ва давлатӣ



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки фарқи байни натиҷаҳои таҳсилоти хонандагони муассисаҳои таълимии ва давлатӣ дар ҳамаи кишварҳои муқоисавӣ мушоҳида мешавад. Натиҷаҳои баландтаринро хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатии Озарбойҷон (495 бал), Қирғизистон (437 бал) ва Қазоқистон (425 бал) нишон медиҳанд. Дар муассисаҳои таълимии давлатӣ низ баландтарин натиҷаи миёна дар Қазоқистон (420 бал) ба қайд гирифта шудааст. Натиҷаи муассисаҳои давлатии шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) – 332 бал дар байни нишондиҳандаҳои кишварҳои муқоисавии овардашуда пасттарин аст.

Тамоюли шабеҳ аз рӯи саводи математикӣ низ мушоҳида мешавад. Дар ҳамаи кишварҳои мавриди баррасӣ хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ нисбат ба хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд.


Натиҷаҳои баландтарин аз рӯи саводи математикӣ дар байни хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ дар Озарбойҷон (533 бал)

ва Қирғизистон (426 бал) мушоҳида мешаванд, аммо дар байни муассисаҳои таълимии давлатӣ нишондиҳандаҳои баландтарин ба Озарбойҷон (420 бал) ва Қазоқистон (414 бал) рост меоянд.

Дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) натиҷаи миёнаи хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ 431 балро ташкил медиҳад, вале хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ ба ҳисоби миёна 381 бал ба даст овардаанд. Ҳамин тариқ, фарқи байни ин ду навъи муассисаҳои таълимӣ тақрибан 50 балро ташкил медиҳад, ки ба пешрафти миёнаи хонандагон дар давоми тақрибан дуюним соли таҳсил мувофиқат мекунад. Ин фарқ аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок аст. Натиҷаҳои бадастомада баёнгари мавҷудияти фарқи назаррас дар дастовардҳои таълимии хонандагон вобаста ба навъи муассисаи таълимӣ мебошад. Ҳамзамон, миқёси ин фарқ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) нисбат ба баъзе кишварҳои муқоисавӣ, аз ҷумла Озарбойҷон ва Қирғизистон, камтар ба назар мерасад (расми 1.4.2).

Расми 1.4.2.

Натиҷаҳои саводи математикӣ вобаста ба намуди муассисаи таълимӣ



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.


Дар саводи хондан низ хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатии ба намунагирӣ дохилшуда натиҷаи баландтар нишон додаанд. Натиҷаи миёнаи онҳо 415 бал ва натиҷаи хонандагони муассисаҳои давлатӣ 367 балро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, тафовут 48 бал аст (расми 1.4.3).

Тамоюли шабеҳ дар дигар кишварҳои муқоисавӣ низ мушоҳида мешавад. Натиҷаҳои баландтарин аз рӯи саводи хондан дар байни хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ дар Озарбойҷон (452 бал) ва Қирғизистон (425 бал) ба қайд гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои таълимии давлатӣ натиҷаи миёнаи баландтарин дар Қазоқистон (385 бал) мушоҳида мешавад, лекин дар дигар кишварҳо натиҷаҳои хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ аз нишондиҳандаҳои муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ пасттар мебошанд.

Ҳамин тавр, дар намунаи PISA 2025 хонандагони муассисаҳои ғайридавлатӣ дар ҳамаи кишварҳои мавриди баррасӣ, аз ҷумла шаҳри Душанбе (Тоҷикистон), ба ҳисоби миёна аз рӯи саводи хондан натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд. Дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) фарқ 48 балро ташкил дода, нисбат ба тафовутҳои зиёда аз 80-балӣ дар Озарбойҷон ва Қирғизистон камтар аст (расми 1.4.3).

Расми 1.4.3.

Натиҷаҳои саводи хондан вобаста ба навъи муассисаи таълимӣ



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада мавҷудияти тафовутҳои устуворро дар дастовардҳои таълимии хонандагон вобаста ба навъи муассисаи таълимӣ нишон медиҳанд. Дар ҳамаи кишварҳои мавриди таҳқиқ хонандагони

муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ба ҳисоби миёна нисбат ба хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд, аммо андозаи ин фарқҳо гуногун аст.

Дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) фарқи байни навъҳои муассисаҳои таълимӣ яке аз назаррастаринҳо дар байни кишварҳои муқоисавӣ, махсусан аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ ва саводи хондан ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки барои баровардани хулосаи умумӣ дар бораи ҳамаи муассисаҳои ғайридавлатии шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) заминаи кофӣ вуҷуд надорад, зеро шумораи чунин муассисаҳо дар намунаҳои интихобшуда маҳдуд буд (хусусан дар шаҳри Душанбе, ки ба намуна танҳо 7 муассисаи хусусӣ дохил шудааст). Таҳлили фарқҳо байни муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар ҳисобот дар ҷавоб ба дархости таҳлилии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, хусусияти тавсифӣ дорад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои он набояд ҳамчун маълумоти комилан барои ҳамаи муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ё давлатӣ дорои намояндагии кофӣ шарҳ дода шаванд. Арзиши асосии ин натиҷаҳо дар ошкор намудани тафовутҳои мавҷуда ва муайян кардани самтҳои таҳлили минбаъда аст.


Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дар натиҷаҳои миёнаи таҳсилоти хонандагон вобаста ба ноҳияи ҷойгиршавии муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) тафовутҳо мавҷуданд. Ин тафовутҳо аз рӯи ҳар се самти арзёбӣ – саводи фанҳои табиатшиносӣ, математикӣ ва хондан таҳлил шудаанд.

Тавре аз расми 1.4.4 бармеояд, муассисаҳои таълимии ноҳияи Исмоили Сомонӣ аз рӯи ҳар се самти PISA натиҷаи миёнаи баландтар нишон медиҳанд. Ҳамзамон, хонандагони ин ноҳия дорои нишондиҳандаи миёнаи баландтари индекси ESCS ҳастанд. Дар ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Шоҳмансур, ки нишондиҳандаи миёнаи ESCS нисбатан пасттар аст, натиҷаҳои таълимӣ низ дар маҷмуъ пасттаранд.

Бо вуҷуди ин, тафовутҳо байни ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар бисёр ҳолатҳо аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок нестанд ва натиҷаҳои муассисаҳои алоҳидаи таълимӣ ба таври назаррас бо ҳамдигар шабоҳат доранд. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд чунин хулоса бароварда шавад, ки тафовутҳо дар дастовардҳои таълимии хонандагон бештар ба фарқи шароити иҷтимоию иқтисодии таҳсили онҳо вобастаанд, на ба ҷойгиршавии ҷуғрофии муассисаҳои таълимӣ.

Расми 1.4.4.

Фарқ дар натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон вобаста ба ноҳияи ҷойгиршавии муассисаҳои таълимӣ



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои PISA 2025 нахустин бор барои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) имконият фароҳам меоранд, ки дастовардҳои таълимии хонандагони 15-сола бо нишондиҳандаҳои байналмилалӣ муқоиса карда шаванд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки хонандагон натиҷаҳои беҳтаринро аз рӯи саводи математикӣ нишон медиҳанд. Натиҷаҳо аз рӯи саводи хондан дар сатҳи миёна қарор доранд. Аммо мушкилот ҳамоно дар саводи фанҳои табиатшиносӣ боқӣ мемонад.

Таҳқиқот ҳамзамон мавҷудияти тафовутҳоро дар дастовардҳои таълимӣ вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон, навъи муассисаи таълимӣ ва хусусиятҳои муҳити таълимӣ ошкор кард. Маълумоти бадастомада заминаи муҳимро барои мониторинги минбаъдаи сифати таҳсилот, таҳлили омилҳои ба натиҷаҳои таълими хонандагон таъсиргузор ва таҳияи тадбирҳое, ки ба баланд бардоштани сифат ва дастрасии таҳсилот дар шаҳри Душанбе равона шудаанд, фароҳам меорад.

БОБИ 2

Ҳиссиёт, бовар ва муносибати хонандагон ба омӯзиш ва мактаб

Муваффақияти хонандагон танҳо ба сатҳи дониш ва малакаю маҳорати онҳо вобаста нест. Он, инчунин ба шавқу рағбати онҳо ба омӯзиш, эътимод ба қобилияти худ, омодагӣ барои бартараф кардани мушкилот ва эҳсоси пайвастагӣ бо ҷомеаи мактаб алоқаманд аст. Дар ин боб эҳсосот, бовар ва муносибати хонандагон ба омӯзишу мактаб баррасӣ мешаванд, зеро ин омилҳо ба таҷрибаи таҳсил ва натиҷаҳои таълимии онҳо таъсири мустақим мерасонанд. Ба ин омилҳо бовари хонандагон ба азхудкунии донишҳои нав, дарки имкони рушди зеҳн, суботкорӣ, кунҷкобии зеҳнӣ, ҳисси мансубият ба мактаб ва дарки фоидаи таҳсил дохил мешаванд.

Ин омилҳо бо сатҳи иштирок дар дарсҳо, ҳавасмандӣ ба омӯзиш ва некуаҳволии умумии хонандагон дар муҳити мактаб робитаи зич доранд. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти байналмилалии PISA, хонандагони дорои шавқу рағбати баланд ва саъю кӯшиши пайваста, ки дастгирии мактабро эҳсос мекунанд, одатан натиҷаҳои беҳтари таълимиро соҳиб мешаванд.[1]

Дар ин боб ҳар як ҷанба ҳам дар заминаи байналмилалӣ ва ҳам дар мисоли хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) таҳлил карда мешавад. Илова бар ин, тафовутҳо вобаста ба ҷинс, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, навъи муассисаи таълимӣ (давлатӣ ва ғайридавлатӣ (хусусӣ)) ва ҷойи ҷойгиршавии онҳо баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои асосии боб:

- Аксарияти хонандагон ба омӯзиш муносибати мусбат доранд. 79,6 %-и хонандагон изҳор доштаанд, ки омӯхтани донишҳои нав ба онҳо писанд аст. Дар маҷмуъ, хонандагони дорои шавқу рағбати бештар одатан натиҷаҳои беҳтари таълимӣ нишон медиҳанд.
- Сатҳи суботкорӣ дар омӯзиш ва майлу рағбат ба рушди зеҳн нисбатан паст боқӣ мемонад. На ҳамаи хонандагон ҳангоми дучор шудан ба мушкилот кӯшишро идома медиҳанд. Ҳамчунин, ҳиссаи хонандагоне, ки бовар доранд зеҳну қобилиятҳоро тавассути омӯзиш метавон рушд дод, нисбатан кам аст, ҳарчанд чунин бовар ба натиҷаҳои таълим таъсири мусбат мерасонад.

[1] **OECD.** (2023). *PISA 2022 Results (Volume II): Learning During – and From – Disruption*. Paris: OECD Publishing
OECD (2026), PISA 2025 Results (Volume I): Future-Ready Students, PISA, OECD Publishing, Paris, https://doi.org/10.1787/73451bc5-en.

- Ҳисси мансубият ба мактаб, дастгирӣ аз ҷониби ҷомеаи мактабӣ ва иштироки фаъол бо дастовардҳои таълимӣ ва ҳавасмандии хонандагон робитаи мустақим доранд. Бо вуҷуди ин, беш аз 12,6 %-и хонандагон худро узви ҷомеаи мактабӣ эҳсос намекунанд.
- Сарфи назар аз нисбатан паст будани сатҳи дарсгурезӣ, масъалаҳои риояи интизоми давомот ва дарки манфиати таҳсил ҳанӯз ҳам мавҷуданд. Зиёда аз нисфи хонандагон дар ду ҳафтаи пеш аз арзёбӣ ҳадди ақал як маротиба дар дарсҳо дер ҳозир шудаанд. Ин ҳолат зарурати таҳкими фарҳанги давомот, масъулиятшиносӣ ва иштироки фаъоли хонандагонро талаб мекунад.

2.1. Муносибати хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба омӯзиш

Ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш бештар ба муносибати онҳо ба раванди таълим, шавқу рағбат ба донишҳои нав ва омодагӣ барои саъйу кӯшиш барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд вобаста аст. Ҷузъҳои муҳими ин ҳавасмандӣ кунҷкобии зеҳнӣ, суботкорӣ ва матонат дар иҷрои вазифаҳои мураккаб ва бовар ба имкони рушди қобилиятҳои хеш аст. Дар таҳқиқоти PISA чунин эътиқод ҳамчун «бовар ба имкони рушди қобилиятҳо» муайян карда мешавад.


Таҳқиқоти байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки муносибати хонандагон ба омӯзиш на танҳо бо ҳавасмандии онҳо, инчунин бо натиҷаҳои таълимии онҳо алоқаманд аст. Тавре ки дар расми 2.1.1 нишон дода шудааст, нишондиҳандаҳои мавриди баррасӣ ба натиҷаҳои баландтар аз рӯйи саводи фанҳои табиатшиносӣ мувофиқат мекунанд. Сутунҳо бузургии ин робитаро бе дарназардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон инъикос менамоянд. Ҳатто пас аз ба эътибор гирифтани нишондиҳандаи ESCS (вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии хонандагон) ин робита мусбат боқӣ мемонад. Ин нишон медиҳад, ки омилҳои мазкур ба дастовардҳои таълимии хонандагон на танҳо тавассути шароити иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин мустақиман таъсир мерасонанд.

Таҳлили ҳавасмандӣ ва муносибати хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба омӯзиш имкон медиҳад, ки омилҳои таъсиркунанда ба дастовардҳои таълимӣ ва таҷрибаи таҳсилии онҳо беҳтар дарк карда шаванд.

Расми 2.1.1.

Робитаи байни дастовардҳо дар самти саводи фанҳои табиатшиносӣ ва кунҷкобӣ, суботкорӣ ва майлу рағбат ба рушд

Фарқ дар натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ вобаста ба афзоиши як воҳиди нишондиҳандаҳои зерин:



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.2. Кунҷкобии зеҳнии хонандагон

Аксари хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба омӯзиш ва азхудкунии донишҳои нав шавқ зоҳир мекунанд. Кунҷкобии зеҳнӣ майлу хоҳиши хонандагонро ба омӯзиши донишҳои нав, дарки падидаву равандҳои гуногун ва густариши ҷаҳонбиниву донишҳои онҳо дар соҳаҳои гуногун инъикос менамояд. Таҳқиқоти байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки хонандагони дорои сатҳи баланди кунҷкобӣ дар раванди таълим фаъолона иштирок карда, натиҷаҳои беҳтар нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои PISA нишон медиҳанд, ки аксари хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба омӯзиш шавқу рағбати зиёд доранд. Аз ҷумла,

79,6 %-и онҳо изҳор доштанд, ки омӯхтани донишҳои нав ба онҳо писанд аст. Ин аз нишондиҳандаи миёнаи кишварҳои муқоисашаванда каме баландтар аст. Илова бар ин, 70,4 %-и хонандагон қайд карданд, ки барои онҳо фаҳмидани сабабу тарзи ба вуҷуд омадани падидаву равандҳои гуногун ҷолиб аст. Ин нишондиҳанда ба сатҳи кишварҳои дигари таҳқиқот мувофиқат мекунад.

Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки шавқу рағбат ба омӯзиш яке аз ҷанбаҳои қавии хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) аст. Нигоҳдорӣ ва рушди ин кунҷкобӣ ба иштироки фаъолонаи онҳо дар дарсҳо ва ташаккули саводи амалкардӣ (функсионалӣ) мусоидат хоҳад кард.

Расми 2.2.1.

Шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиш

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розӣ ҳастанд:



Эзоҳ: Кишварҳо ва иқтисодҳо бо тартиби коҳишёбии ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти «Ба ман омӯхтани донишҳои нав писанд аст» қисман ё комилан розиянд, гурӯҳбандӣ шудаанд.

Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.3. Кунҷкобии зеҳнӣ вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи кунҷкобии зеҳнии хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) вобаста ба баъзе хусусиятҳои онҳо ва муассисаҳои таълимӣ фарқ мекунад (расми 2.3.1).

Тафовути байни духтарон ва писарон назаррас аст. Духтарон ба омӯзиш нисбат ба писарон бештар шавқу рағбат нишон медиҳанд. Аз ҷумла, 85,5 %-и духтарон қайд карданд, ки омӯхтани донишҳои нав ба онҳо писанд аст. Дар байни писарон ин нишондиҳанда 74,3 %-ро ташкил медиҳад.

Тафовутҳо инчунин бо вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон алоқаманд аст. 85,5 %-и хонандагон аз оилаҳои дорои вазъи иҷтимоию иқтисодии баландтар изҳор намуданд, ки омӯхтани донишҳои нав ба онҳо писанд аст, дар ҳоле ки дар байни хонандагон аз оилаҳои камбизоат (дорои сатҳи пасттари иҷтимоию иқтисодӣ) ин нишондиҳанда 80,0%-ро ташкил медиҳад.


Баъзе тафовутҳо вобаста ба навъи муассисаи таълимӣ низ мушоҳида мешаванд. Ҳиссаи хонандагоне, ки омӯхтани донишҳои нав ба онҳо писанд аст, дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ) 81,9 % ва дар муассисаҳои таълимии давлатӣ 79,5 % аст. Фарқ байни мактабҳои ғайридавлатию давлатӣ нисбат ба тафовутҳои ҷинсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ камтар аён аст.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки сатҳи баландтари кунҷкобии зеҳнӣ бештар ба духтарон, хонандагони оилаҳои дорои вазъи беҳтари иҷтимоию иқтисодӣ ва хонандагони муассисаҳои таълимии хусусӣ хос аст. Чунин тафовутҳо дар бисёр кишварҳои иштироккунандаи таҳқиқоти PISA низ мушоҳида мешаванд, ки дар онҳо муносибати мусбат ба омӯзиш бо иштироки фаъоли хонандагон дар раванди таълим алоқаманд аст. Ин ҳолат аҳаммияти фароҳам овардани муҳити таълимиеро таъкид месозад, ки шавқу рағбатро дар байни ҳамаи гурӯҳҳои хонандагон баробар дастгирӣ намояд.

Расми 2.3.1.

Шавқу рағбат ба омӯзиши донишҳои нав вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва муассисаҳои таълимӣ

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти «Ба ман омӯхтани донишҳои нав писанд аст» қисман ё комилан розиянд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.4. Суботкорӣ ва матонат дар омӯзиш

Аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) изҳор медоранд, ки ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо мушкилиҳо дар омӯзиш омодаанд барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ саъйу кӯшиши иловагӣ ба харҷ диҳанд.

Суботкорӣ ва матонат қобилияти идома додани кор аст, ҳатто агар он душвор ё тақозокунандаи кӯшиши зиёд бошад. Ин хусусият барои таълими муваффақ муҳим аст, зеро ба хонандагон кумак мекунад, ки ҳавасмандии худро нигоҳ доранд, мушкилотро паси сар кунанд ва ба вазъиятҳои нав мутобиқ шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи баланди суботкорӣ бо натиҷаҳои беҳтар дар саводи фанҳои табиатшиносӣ алоқаманд аст. Дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) афзоиши суботкорӣ, ҳатто бо дарназардошти омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва намуди мактаб, ба баланд шудани дастовардҳои таълимӣ мусоидат мекунад.


Аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) нисбат ба бартараф кардани мушкилоти таълимӣ муносибати мусбат доранд. 71,1 %-и хонандагон изҳор доштанд, ки ҳангоми душвор шудани супориш барои иҷрои пурраи он кӯшиши иловагӣ ба харҷ ва инчунин, иҷрои супоришро то анҷоми пурраи он идома медиҳанд. Ин нишондиҳанда аз натиҷаҳои як қатор кишварҳои дорои низоми шабеҳи таълимӣ баландтар аст. Фарқиятҳои муайяншуда аз ҷиҳати оморӣ дорои аҳаммиятанд (расми 2.4.1.).

Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки бисёре аз хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) омодаанд дар раванди таълим, ҳатто ҳангоми мушкилот, саъйу кӯшиши пайваста нишон диҳанд, ки ин ба иштироки фаъол ва натиҷаҳои беҳтар мусоидат мекунад.

Расми 2.4.1.

Суботкорӣ ва матонати хонандагон дар омӯзиш

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розиянд



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.5. Суботкорӣ ва матонат дар омӯзиш вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи суботкорӣ ва матонати хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) вобаста ба ҷинс, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва навъи муассисаи таълимӣ фарқ мекунад.

Фарқиятҳои назаррас бештар байни писарон ва духтарон мушоҳида мешаванд. 78,6 %-и духтарон қайд карданд, ки ҳангоми душвор шудани супориш кӯшиши иловагӣ мекунанд. Дар байни писарон ин нишондиҳанда 64,5 %-ро ташкил медиҳад (расми 2.5.1.).

Тафовутҳо вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон низ мушоҳида мешаванд. Хонандагони аз оилаҳои дорои вазъи беҳтар (74,7 %) нисбат ба хонандагони аз оилаҳои камбизоат (69,3 %) бештар омодаанд, ки ҳангоми мушкилот саъй кунанд. Фарқи байни гурӯҳҳо аз ҷиҳати оморӣ муҳим аст ва робитаи байни вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва муносибати онҳо ба бартараф намудани мушкилоти таълимиро нишон медиҳад.


Ғайр аз ин, хонандагони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (хусусӣ) дар муқоиса бо хонандагони муассисаҳои таълимии давлатӣ суботкорӣ ва матонати бештар дар омӯзиш нишон медиҳанд. Ҳиссаи хонандагоне, ки омодагии худро барои ба харҷ додани кӯшишҳои иловагӣ ҳангоми ҳалли супоришҳои мушкили таълимӣ изҳор намуданд, дар муассисаҳои таълимии хусусӣ 80,8 % ва дар муассисаҳои таълимии давлатӣ 70,9 %-ро ташкил медиҳад.

Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки суботкорӣ ва матонат ба духтарон, хонандагони аз оилаҳои дорои вазъи беҳтар ва мактабҳои хусусӣ хос аст. Азбаски ин хусусият бо натиҷаҳои беҳтари таълимӣ алоқаманд аст, ин тафовутҳо ҳангоми таҳлили дастовардҳои таълимии хонандагони шаҳри Душанбе аҳаммияти махсус доранд (расми 2.5.1.).

Расми 2.5.1.

Суботкорӣ ва матонат дар омӯзиш вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розӣ ҳастанд: «Вақте ки супориши таълимӣ душвор мегардад, ман барои ҳалли он кӯшишҳои иловагӣ ба харҷ медиҳам»



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.6. Майлу рағбат ба рушд

Тақрибан нисфи хонандагони 15-солаи шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) бовар доранд, ки қобилиятҳои худро метавонанд рушд диҳанд.

Дар таҳқиқоти PISA майлу рағбат ба рушд ҳамчун боварии хонандагон ба он муайян карда мешавад, ки зеҳн ва қобилиятҳо метавонанд тавассути кӯшиш, омӯзиш ва суботкорӣ рушд дода шаванд. Ин мафҳум ба консепсияи

growth mindset-и Кэрол Двек асос ёфта, дар пурсишномаҳои PISA истифода мешавад.[2] Хонандагони дорои чунин тафаккур бештар омодаанд донишҳои навро аз худ кунанд, мушкилотро паси сар намоянд ва ҳатто ҳангоми ба вуҷуд омадани душвориҳо таҳсилро идома диҳанд. Баръакс, ҳангоми мавҷудияти тафаккури собит ё набудани бовар ба имконияти рушди қобилиятҳои худ зеҳн ҳамчун хусусияти асосан тағйирнопазир қабул карда мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки 52 %-и хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) бо изҳороте, ки сатҳи зеҳнро ба таври назаррас тағйир додан ғайриимкон аст, розӣ нестанд. Ин аз мавҷудияти майлу рағбати онҳо ба рушд шаҳодат медиҳад (расми 2.6.1.). Ин нишондиҳанда бо натиҷаҳои Озарбойҷон муқоисашаванда буда, ҳамзамон аз нишондиҳандаҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон пасттар боқӣ мемонад.

Таҳлил инчунин фарқиятҳоро вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва навъи муассисаи таълимӣ нишон медиҳад. Хонандагони дорои вазъи иҷтимоию иқтисодии беҳтар, инчунин хонандагони муассисаҳои таълимии хусусӣ, дар муқоиса бо хонандагони аз оилаҳои дорои сатҳи пасттари иҷтимоию иқтисодӣ ва муассисаҳои таълимии давлатӣ, бештар майлу рағбат ба рушд нишон медиҳанд. Ҳамин тавр, дар байни хонандагони муассисаҳои таълимии хусусӣ ҳиссаи хонандагоне, ки майлу рағбат ба рушд доранд, 68,1%-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ин нишондиҳанда 51,5% мебошад (расми 2.6.2.).

Дар ин масъала байни писарон ва духтарон фарқи ҷиддӣ дида намешавад. Шумораи писароне, ки бовар доранд қобилияти зеҳниро метавон инкишоф дод, танҳо тақрибан 1 банди фоизӣ аз шумораи духтарон бештар аст. Аммо ин фарқият хеле хурд буда, аз ҷиҳати оморӣ муҳим нест. Яъне, дар ин маврид байни писарон ва духтарон тафовути назаррас вуҷуд надорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки тақрибан нисфи хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба рушди худ майлу рағбат доранд. Ҳамзамон, қисми назарраси хонандагон ҳанӯз ҳам метавонанд қобилиятҳои зеҳниро ҳамчун хусусиятҳои асосан тағйирнопазир қабул намоянд.

Таҳқиқоти байналмилалии PISA нишон медиҳанд, ки майлу рағбат ба рушд бо ҳавасмандии баландтар ба омӯзиш, иштироки бештари хонандагон дар раванди таълим ва натиҷаҳои баландтари таълимӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, рушди ин гуна муносибатҳо метавонад ба баланд бардоштани иштироки хонандагон дар раванди таълим мусоидат кунад.


---

[2] Dweck, C. (2006). *Mindset: The New Psychology of Success*. New York: Random House.
OECD (2026), PISA 2025 Results (Volume I): Future-Ready Students, PISA, OECD Publishing, Paris, https://doi.org/10.1787/73451bc5-en.

Расми 2.6.1.

Майлу рағбати хонандагон ба рушд

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розӣ нестанд:«Шумо сатҳи муайяни зеҳн доред ва дар ҳақиқат, барои тағйир додани он қариб ҳеҷ кор карда наметавонед»




Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Расми 2.6.2.

Майлу рағбат ба рушд вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розӣ нестанд: «Шумо сатҳи муайяни зеҳн доред ва дар ҳақиқат, барои тағйир додани он қариб ҳеҷ кор карда наметавонед»



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.7. Майлу рағбат ба рушд ва натиҷаҳои таълимии хонандагон


Хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон), ки ба рушди зеҳни худ бовар доранд, аз рӯйи саводи фанҳои табиатшиносӣ нисбат ба онҳое, ки зеҳнро тағйирнопазир медонанд, натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки майлу рағбат ба рушд бештар бахонандагони дорои натиҷаҳои баландтари таълимӣ хос аст. Дар байни хонандагоне, ки дар таҳқиқоти PISA аз рӯйи саводи фанҳои табиатшиносӣ ба сатҳи 3 ва болотар ноил шудаанд, 91 % изҳор доштаанд, ки зеҳну қобилиятҳоро метавон рушд дод. Аммо дар байни хонандагоне, ки натиҷаашон аз сатҳи 2 пасттар аст, ин нишондиҳанда ҳамагӣ 49 %-ро ташкил медиҳад (расми 2.7.1.). Фарқи нишондиҳандаҳои ин ду гурӯҳ беш аз 40 банди фоизиро ташкил медиҳад, ки аз робитаи назарраси байни майлу рағбат ба рушд ва дастовардҳои таълимии хонандагонро нишон медиҳад.

Таҳқиқоти байналмилалӣ низ тасдиқ мекунанд, ки майлу рағбат ба рушд бо ҳавасмандии баландтар, иштироки бештар дар раванди таълим ва натиҷаҳои беҳтар алоқаманд аст.

Расми 2.7.1.

Майлу рағбат ба рушд вобаста ба сатҳи дастовардҳои хонандагон аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розӣ нестанд: «Шумо сатҳи муайяни зеҳн доред ва барои тағйир додани он коре карда наметавонед».



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.8. Ҷалби хонандагон ба ҳаёти мактабӣ ва ҳисси мансубияти онҳо ба он

Дар таҳқиқоти PISA мавзуъҳои иштироки хонандагон дар ҳаёти мактабӣ, ҳисси мансубияташон ба он, муносибати онҳо ба таҳсил, инчунин дарки аҳаммият ва манфиати мактаб ҳамчун қисми муҳими ҳаёти ҳозира ва ояндаи онҳо баррасӣ мешаванд. Иштироки хонандагон дар ҳаёти мактабӣ на танҳо бо муносибати онҳо ба мактаб, балки бо натиҷаҳои таълимӣ, ҳавасмандии омӯзишӣ ва некуаҳволии умумӣ низ алоқаманд аст.

Ҳисси мансубият ба мактаб дараҷаеро инъикос мекунад, ки то чӣ андоза хонандагон худро ҳамчун узви пазируфташуда ва дастгиришавандаи ҷомеаи мактабӣ эҳсос мекунанд. Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки хонандагоне, ки сатҳи баландтари иштирок дар ҳаёти мактабӣ ва ҳисси мансубияти бештар ба он доранд, одатан натиҷаҳои беҳтари таълимӣ нишон медиҳанд ва муносибаташон нисбат ба омӯзиш беҳтар аст.

Ҳамзамон, сатҳи нокифояи иштирок дар ҳаёти мактаб метавонад дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла дар ҳавасмандии паст ба омӯзиш, мунтазам дер омадан ба дарсҳо ва аз дарс гурехтан зоҳир гардад. Омилу сабабҳои чунин шаклҳои дуршавӣ аз ҳаёти мактабӣ шароити иҷтимоию иқтисодӣ, вазъи оилавӣ, хусусиятҳои муҳити мактаб ё коҳиши шавқу рағбат ба омӯзиш буда метавонанд. Дарсгурезии мунтазам ва дер омадан ба дарсҳо боиси кам шудани вақти таълим мегардад ва, одатан, бо натиҷаҳои пасти таълим ва камтар ҷалб шудани хонандагон ба ҳаёти мактабӣ алоқаманд аст.

Таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки ҳисси мансубият ба мактаб, дарки муфид будани таҳсил ва давомоти мунтазам бо натиҷаҳои баланди саводи фанҳои табиатшиносӣ алоқаманданд (расми 2.8.1). Хонандагоне, ки мактабро барои оянда муфид мешуморанд, натиҷаҳои беҳтар доранд. Ин аҳаммияти ташаккули фаҳмиши арзиши амалии таҳсилотро барои хонандагон нишон медиҳад.

Таҳлили маълумоти PISA нишон медиҳад, ки ҳисси мансубият ба мактаб, дарки муфид будани таҳсил ва иштироки мунтазам дар дарсҳо бо натиҷаҳои баландтари хонандагон аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ алоқаманд мебошанд (расми 2.8.1). Ин нишон медиҳад, ки муваффақияти хонандагон на танҳо ба он чи дар ҷараёни дарс рух медиҳад, инчунин ба он вобаста аст, ки онҳо то чӣ андоза худро як қисми ҷомеаи мактабӣ эҳсос мекунанд ва муфид будани таҳсилоти мактабиро дарк менамоянд.

Робитаи мусбати қавитарин байни дарки муфид будани мактаб ва натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ мушоҳида мешавад. Таҳлили маълумоти PISA нишон медиҳад, ки дарки муфид будани мактаб ва давомоти мунтазам бо натиҷаҳои беҳтар аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ алоқаманданд. Хонандагоне, ки бовар доранд мактаб барои оянда дониши муфид медиҳад, натиҷаҳои баландтар нишон медиҳанд. Ин аҳаммияти рушди фаҳмиши арзиши амалии таҳсилотро барои хонандагон нишон медиҳад.


Ҳамчунин, робитаи мусбат байни иштироки мунтазам дар дарсҳо ва натиҷаҳои беҳтар мушоҳида мешавад. Хонандагоне, ки дар ду ҳафтаи пеш аз санҷиши PISA дар ҳамаи дарсҳо иштирок кардаанд, аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ натиҷаҳои беҳтар доранд.

Дар баробари ин, робитаи байни ҳисси мансубият ба мактаб ва натиҷаҳо аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ пас аз ба инобат гирифтани хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва мактабҳо камтар ба назар мерасад. Ин метавонад нишон диҳад, ки робитаи байни ҳисси мансубият ба мактаб ва натиҷаҳои таълим хусусияти мураккаб дошта, на танҳо аз муҳити мактаб, балки аз дигар омилҳо, аз ҷумла аз шароити иҷтимоию иқтисодӣ, некуаҳволии хонандагон ва сатҳи иштироки онҳо дар ҳаёти мактаб низ вобаста мебошад.

Расми 2.8.1.

Робитаи байни натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ, ҳисси мансубият ба мактаб, дарки муфид будани мактаб ва давомоти хонандагон

Тафовут дар натиҷаҳо аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ вобаста ба ҷавобҳои хонандагон ба саволҳои зерин:



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.9. Ҳисси мансубият ба мактаб

Аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) худро узви ҷомеаи мактабӣ эҳсос ва муҳити мактабро мусоид арзёбӣ мекунанд.

Ҳисси мансубият ба мактаб, яъне эҳсоси узви пазируфташуда, дастгиришаванда ва алоқаманд будан бо ҳамсолон ва дигар аъзои ҷомеаи

мактабӣ аст. Барои наврасон мавҷудияти муносибатҳои мусбати иҷтимоӣ ва дастгирӣ аз ҷониби атрофиён дар ташаккули ҳисси бехатарӣ, эътимод ба худ ва некуаҳволии равонӣ нақши муҳим дорад. Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки ҳисси мансубият ба мактаб на танҳо бо вазъи равонии хонандагон, балки инчунин бо натиҷаҳои таълимӣ ва сатҳи иштироки онҳо дар раванди омӯзиш алоқаманд аст.


Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) худро қисми ҷомеаи мактабӣ эҳсос мекунанд. Аз ҷумла, 87,4 %-и хонандагон изҳор доштаанд, ки худро ба мактаб мансуб меҳисобанд, ки ин ба сатҳи миёнаи кишварҳои муқоисашаванда мувофиқат мекунад. Илова бар ин, 90,6 % хонандагон қайд карданд, ки дар мактаб барои онҳо дӯст пайдо кардан осон аст (расми 2.9.1.). Ин нишон медиҳад, ки барои аксари хонандагон муҳити мактаб барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ мусоид аст.

Аммо беш аз 12,6 %-и хонандагон худро узви ҷомеаи мактабӣ ҳис намекунанд. Ин баёнгари он аст, ки на ҳама хонандагон ҳисси мансубият ва дастгирии зарурӣ аз ҷониби муҳити мактабиро эҳсос мекунанд. Зарур аст, ки барои ташаккули муҳити мусоиди мактабӣ, таъмини некуаҳволии равонӣ ва иштироки фаъоли хонандагон шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Расми 2.9.1.

Ҳисси мансубияти хонандагон ба мактаб

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розӣ ҳастанд:



Эзоҳ: кишварҳо ва иқтисодҳо бо тартиби коҳишёбии ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти «Дар мактаб барои ман дӯст пайдо кардан осон аст» қисман ё комилан розӣ ҳастанд, раддабандӣ шудаанд.

Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.10. Ҳисси мансубият ба мактаб вобаста ба ҷинси хонандагон

Дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) духтарон нисбат ба писарон ба ҳисоби миёна ҳисси мансубияти баландтар ба мактабро нишон медиҳанд. Чунин тамоюл дар Қазоқистон ва Арманистон низ мушоҳида мешавад.


Фарқи байни писарон ва духтарон аз рӯйи ин нишондиҳанда дар Қазоқистон, Арманистон ва шаҳри Душанбе аз ҳама бештар ва аз ҷиҳати оморӣ муҳим аст (расми 2.10.1). Ин нишон медиҳад, ки духтарон нисбат ба писарон бештар худро қисми ҷомеаи мактабӣ эҳсос мекунанд, дастгирӣ аз ҷониби муҳити мактабиро бештар эҳсос менамоянд ва худро бештар бо мактаб алоқаманд меҳисобанд.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дарки муҳити мактабӣ метавонад дар байни писарон ва духтарон фарқ кунад. Ин фарқиятҳо қобили таваҷҷуҳанд, зеро ҳисси мансубият ба мактаб бо иштироки фаъолонаи хонандагон дар ҳаёти мактабӣ, некуаҳволии онҳо ва муносибаташон ба таҳсил алоқаманд аст.

Расми 2.10.1.

Тафовути байни писарон ва духтарон вобаста ба ҳисси мансубият ба мактаб

Индекси ҳисси мансубияти хонандагон ба мактаб, ки дар асоси ҷавобҳои хонандагон ҳисоб карда шудааст.



Эзоҳ: Тафовутҳои аз ҷиҳати оморӣ муҳим бо ранги нисбатан тира нишон дода шудаанд.

Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.11. Дарки муфид будани мактаб

Аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) бовар доранд, ки мактаб ба онҳо дониш ва малакаҳоеро медиҳад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти ояндаи онҳо муфиданд.

Дарки муфид будани таҳсилот яке аз ҷузъҳои асосии ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш аст. Вақте хонандагон эҳсос мекунанд, ки таҳсил ба онҳо барои оянда кумак мекунад, онҳо одатан дар раванди таълим фаъолтар иштирок мекунанд.


Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 78,5 %-и хонандагон бо изҳороти «Мактаб ба ман донишҳоеро омӯзондааст, ки метавонанд дар оянда дар фаъолияти кории ман муфид бошанд» қисман ё комилан розӣ ҳастанд. Ин нишондиҳанда дар байни кишварҳои муқоисашаванда, аз ҷумла Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон ва Қирғизистон, яке аз баландтаринҳост (расми 2.11.1.).

Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки аксари хонандагон таҳсилоти мактабиро ҳамчун манбаи муҳими дониш ва малакаҳои зарурӣ барои ҳаёт ва касб қабул мекунанд. Арзёбии баланди арзиши амалии мактаб метавонад ба ташаккули муносибати мусбат ба таҳсил, баланд гардидани ҳавасмандӣ ва иштироки фаъолтари хонандагон мусоидат кунад.

Расми 2.11.1.

Дарки муфид будани мактаб

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розӣ мебошанд: «Мактаб ба ман донишҳоеро омӯзондааст, ки метавонанд дар оянда дар фаъолияти кории ман муфид бошанд».



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.12. Дарки муфид будани мактаб вобаста ба хусусиятҳои хонандагон

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дар дарки муфид будани таҳсилоти мактабӣ байни писарон ва духтарон тафовут вуҷуд дорад.

Ҳамин тавр, 83,8%-и духтарон бо он розӣ ё комилан розӣ мебошанд, ки мактаб ба онҳо донишҳоеро омӯзондааст, ки метавонанд дар оянда дар фаъолияти корӣ онҳо муфид бошанд, дар ҳоле ки дар байни писарон ин нишондиҳанда 73,5%-ро ташкил медиҳад (расми 2.12.1.).


Ҳамзамон, дар дарки муфид будани мактаб байни хонандагони дорои вазъи гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин байни хонандагони муассисаҳои таълимии хусусӣ ва давлатӣ фарқиятҳои назаррас мушоҳида намешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки духтарон нисбат ба писарон бештар таҳсилоти мактабиро барои ҳаёти оянда ва фаъолияти касбии худ муфид арзёбӣ мекунанд. Ҳамзамон, дарки фоида ва аҳаммияти мактаб вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва навъи муассисаи таълимӣ қариб фарқ намекунад. Ин нишон медиҳад, ки дар байни гурӯҳҳои гуногуни хонандагон муносибати мусбат ба аҳаммияти амалии таҳсилоти мактабӣ ба таври васеъ паҳн шудааст.

Расми 2.12.1.

Дарки муфид будани мактаб вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин қисман ё комилан розӣ мебошанд: «Мактаб ба ман донишҳоеро омӯзондааст, ки метавонанд дар оянда барои фаъолияти корӣ ман муфид бошанд».



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.13. Дарсгурезӣ ва дер омадан ба мактаб

Ҳузури мунтазам дар дарсҳо яке аз омилҳои муҳими муваффақияти таълимӣ ва иштирок дар раванди таълим аст. Дар таҳқиқоти PISA дарсгурезӣ ва дер омадан ба мактаб ҳамчун нишондиҳандаҳои иштироки хонандагон дар ҳаёти мактабӣ ва муносибат ба таҳсил баррасӣ мешаванд. Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, хонандагоне, ки мунтазам ба дарсгурезӣ роҳ медиҳанд ё ба дарс дер меоянд, одатан натиҷаҳои пасттар ва дар раванди таълим камтар иштирок доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) беш аз нисфи хонандагон дар ду ҳафтаи пеш аз санҷиш дарсгурезӣ накардаанд. Аммо 47,6 %-и хонандагон ҳадди ақал як маротиба дар дарсҳо ғоиб будаанд (расми 2.13.1.).

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки сатҳи дарсгурезӣ дар Душанбе (Тоҷикистон) нисбат ба чанде аз кишварҳои муқоисашаванда пасттар, аммо нисбат ба Қазоқистон баландтар аст. Дар Қазоқистон ҳиссаи хонандагоне, ки дар бораи ҳолатҳои дарсгурезӣ хабар додаанд, 36,1 %-ро ташкил кардааст.

Дар таҳқиқот ҳолатҳои дер омадан ба мактаб низ баррасӣ шудаанд. Дар шаҳри Душанбе 56,5 %-и хонандагон дар ду ҳафтаи пеш аз санҷиш ҳадди ақал як маротиба дер омадаанд, ки ин нишондиҳанда аз аксари кишварҳои муқоисашаванда баландтар аст. (расми 2.13.1.). Ҳамин тавр, дер омадан ба дарсҳо дар байни хонандагони Душанбе нисбат ба дарсгурезӣ бештар маъмул аст.


Сабабҳо дар ин ҳолатҳо метавонанд гуногун бошанд: шароити иҷтимоию иқтисодӣ, мушкилоти нақлиёт, вазъи оилавӣ, ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш ва дараҷаи иштироки онҳо дар ҳаёти мактабӣ. Хусусиятҳои муҳити мактабӣ, интизом ва ҳисси мансубияти хонандагон ба мактаб низ метавонанд дар ин масъала нақши муайян дошта бошанд.

Таҳлили маълумоти бадастомада нишон медиҳад, ки ҳарчанд сатҳи дарсгурезӣ нисбатан паст аст, аммо дер омадан ба мактаб ҳамчун масъалаи изтиробангези вобаста ба қисми назарраси хонандагон боқӣ мемонад. Ин зарурати таваҷҷуҳи бештарро ба масъалаҳои интизому фарҳанги давомот ва иштироки мунтазам дар раванди таълим таъкид мекунад, зеро он бо натиҷаҳои беҳтар ва саводнокии амалкардӣ алоқа дорад.

Расми 2.13.1.

Дарсгурезӣ ва дер омадан ба мактаб

Ҳиссаи хонандагоне, ки дар бораи ҳолатҳои дарсгурезӣ ё дер омадан ба дарсҳо дар давоми ду ҳафтаи пеш аз гузаронидани санҷиши PISA хабар додаанд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

2.14. Тафовути дарсгурезӣ вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи дарсгурезӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) вобаста ба ҷинси хонандагон ва навъи мактаб фарқ мекунад.

Ҳамин тавр, 49,8 %-и духтарон ва 45,6 %-и писарон дар ду ҳафтаи пеш аз санҷиш ҳадди ақал як маротиба дар дарс ё рӯзи дарсӣ ғоиб будаанд (расми 2.14.1.). Ин фарқи байни писарон ва духтарон аз ҷиҳати оморӣ муҳим аст.

Вобаста ба мақоми иҷтимоию иқтисодии хонандагон тафовутҳо камтаранд. Хонандагони оилаҳои дорои сатҳи пасттари иҷтимоӣ нисбат ба хонандагони иҷтимоиёташон беҳтар каме бештар дар бораи ҳолатҳои дарсгурезӣ хабар додаанд, аммо ин тафовутҳо аз ҷиҳати оморӣ муҳим нестанд.


Фарқиятҳои назаррас инчунин байни мактабҳои хусусӣ ва давлатӣ мушоҳида мешаванд. Сатҳи дарсгурезӣ дар байни хонандагони мактабҳои давлатӣ нисбат ба хонандагони мактабҳои ғайридавлатӣ (хусусӣ) баландтар будааст. Ин гувоҳи фарқи сатҳи давомот дар байни намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ аст.

Маълумоти аз таҳлил ҳосилшуда нишон медиҳад, ки давомоти мунтазами хонандагон на танҳо ба хусусиятҳои инфиродии онҳо, балки ба хусусиятҳои муҳити таълимӣ низ вобаста мебошад. Таҳлили давомоти хонандагон имкон медиҳад, ки омилҳои вобаста ба иштироки хонандагон дар ҳаёти мактабӣ ва раванди таълим беҳтар дарк карда шаванд. Таҳлили давомот барои беҳтар дарк намудани омилҳои марбут ба иштироки хонандагон дар ҳаёти мактабӣ ва раванди таълим мусоидат мекунад.

Расми 2.14.1.

Тафовути дарсгурезӣ вобаста ба хусусиятҳои хонандагон ва мактабҳо

Ҳиссаи хонандагоне, ки дар бораи ҳадди ақал як маротиба дар дарс ё рӯзи дарсӣ ғоиб будани худ дар давоми ду ҳафтаи пеш аз баргузории санҷиши PISA хабар додаанд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки аксари хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ба таҳсил ва шавқу рағбат ба донишҳои нав муносибати мусбат доранд. Ҳамзамон, зарурати таваҷҷуҳ ба ташаккули майлу рағбати хонандагон ба рушд, таҳкими ҳисси мансубият ба мактаб ва беҳтар намудани интизоми давомот (масъалаи дер омадан) вуҷуд дорад. Дастовардҳои таълимии хонандагон на танҳо ба сатҳи дониш, балки ба ҳавасмандӣ, муносибат ба таҳсил, дарки фоидаи мактаб ва иштироки мунтазам дар раванди таълим робитаи бевосита доранд.

БОБИ 3

Захираҳои мактабҳо ва дастовардҳои таълимии хонандагон дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)

Дар ин боб захираҳое, ки ба низоми маорифи шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) **бо мақсади таъмини раванди таълиму тарбия ҷудо карда мешаванд** ва робитаи онҳо бо натиҷаҳои таълимии хонандагон баррасӣ мегарданд. Таҳлил масъалаҳои захираҳои моддӣ, таъминоти кадрӣ, вақти таълимӣ ва шароити дигари таълим дар мактабҳо, инчунин хусусиятҳои тақсимоти онҳоро байни муассисаҳои таълимӣ ва гурӯҳҳои гуногуни хонандагон фаро мегирад.

Таваҷҷуҳи махсус ба сатҳи таъминоти мактабҳо бо захираҳо дар муқоиса бо кишварҳои муқоисашаванда, тафовутҳо дар дастрасӣ ба захираҳо байни муассисаҳои таълимӣ, инчунин робитаи байни шароити таълим ва натиҷаҳои таълимии хонандагон аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ, саводи математикӣ ва саводи хондан нигаронида шудааст. Илова бар ин, ҷанбаҳои алоҳидаи ташкили раванди таълим, аз ҷумла истифодаи захираҳои рақамӣ, таъминоти кадрии мактабҳо ва шароити таълими хонандагон баррасӣ мешаванд.

Натиҷаҳои асосии боб:

- Низоми маорифи шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявӣ барои ҳар як хонанда фаъолият мекунад, сарфи назар аз он ки ҳиссаи нисбатан зиёди хароҷоти давлатӣ барои маориф дар сохтори ММД 5,43 %-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии хароҷот ба ҳар як хонанда дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои кишварҳои муқоисашаванда ба таври назаррас паст боқӣ мемонад.
- Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA робитаи мусбати байни сатҳи хароҷот барои маориф ва натиҷаҳои таълимии хонандагонро нишон медиҳанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таълимӣ на танҳо ба ҳаҷми маблағгузорӣ, балки ба самарабахшии тақсимот ва истифодаи захираҳои мавҷуда низ вобастаанд.
- Дар муқоиса бо кишварҳои муқоисашаванда, мактабҳои шаҳри Душанбе, дар маҷмуъ, бо захираҳои моддию техникӣ ва рақамӣ нисбатан хуб таъминанд. Аммо пас аз ба назар гирифтани вазъ дар самти иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва мактабҳо, тафовутҳои натиҷаҳои таълимӣ, ки ба сатҳи таъминот бо захираҳо вобастаанд, ба таври назаррас коҳиш меёбанд.
- Сарфи назар аз сатҳи нисбатан баланди таъминот бо дастгоҳҳои рақамӣ, омодагии мактабҳо барои истифодаи самарабахши онҳо дар раванди таълим маҳдуд боқӣ мемонад. Натиҷаҳои баландтари таълимӣ бештар на ба мавҷудияти технологияҳо, балки ба тарзи самарабахши ҳамгиро намудани онҳо ба раванди таълиму омӯзиш вобастаанд.

- Норасоии кадрҳои омӯзгорӣ яке аз омилҳое боқӣ мемонад, ки ба натиҷаҳои таълимии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад. Дар таъминоти кадрӣ ва сатҳи тахассусии омӯзгорон байни мактабҳо фарқҳо боқӣ мемонанд. Хонандагони шаҳри Душанбе вақти зиёдеро дар дарсҳо мегузаронанд, аммо вақти барои кори мустақили таълимӣ сарфшаванда нисбат ба як қатор кишварҳои минтақа камтар аст. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот нисбатан самарабахшии вақти таълимиро низ нишон медиҳанд.
- Дар маҷмуъ, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дастовардҳои таълимии хонандагон бо маҷмуи омилҳо, аз ҷумла сатҳи маблағгузорӣ, таъминоти мактабҳо бо захираҳо, иқтидори кадрӣ, ташкили раванди таълим ва омодагии мактабҳо барои истифодаи технологияҳои рақамӣ алоқаманданд.

3.1. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва робитаи он бо натиҷаҳои таҳсилоти хонандагон

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи баланди хароҷот барои соҳаи маориф маъмулан бо натиҷаҳои баландтари таълимии хонандагон алоқаманданд. Ин қонуният, дар маҷмуъ, барои ҳамаи кишварҳое, ки дар таҳқиқоти PISA иштирок кардаанд, мушоҳида мешавад. Ҳамзамон, афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ худ аз худ сабаби баланд гардидани сифати таҳсилот намешавад.

Натиҷаҳои таълимӣ на танҳо ба ҳаҷми захираҳои дастрас, балки ба самарабахшии тақсимот ва истифодаи онҳо низ вобаста аст. Аз ин рӯ, сифати таълим, сатҳи таъминоти мактабҳо бо захираҳои зарурӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таълими самарабахши хонандагон нақши муҳим доранд.

3.2. Хароҷот барои соҳаи маориф

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳаи маориф 5,4 %-и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-ро ҷудо мекунад, ки аз нишондиҳандаи ҳадди ақалли 4 %, ки дар доираи Ҳадафи рушди устувори СММ № 4 дар соҳаи маориф муқаррар шудааст, зиёд аст. Ин нишондиҳанда бо сатҳи як қатор кишварҳои муқоисашаванда қобили муқоиса буда, гувоҳи афзалияти соҳаи маориф дар сиёсати давлатии маблағгузорӣ аст (расми 3.2.2).

Ҳамзамон, ҳаҷми захираҳои молиявии дастрас ба ҳисоби ҳар як хонанда маҳдуд боқӣ мемонад. Тибқи маълумоти соли 2024, хароҷоти умумӣ ба ҳар як хонанда дар шаҳри Душанбе 5 098 доллари ИМА аз рӯи ҳамарзии (баробарқиматии) қобилияти харид (ҲҚХ)-ро ташкил медод, ки ин дар байни кишварҳои муқоисавӣ нишондиҳандаи пасттарин аст (расми 3.2.1).

Расми 3.2.1.

Хароҷоти маҷмуии таҳсил барои як хонанда

Тибқи маълумоти соли 2024, хароҷоти умумӣ ба ҳар як хонанда дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) 5 098 доллари ИМА (ҲҚХ)-ро ташкил медод.



Эзоҳ: Кишварҳо ва иқтисодҳо аз рӯи коҳиши ҳаҷми хароҷоти умумӣ ба ҳар як хонанда гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Манбаъ: дар асоси маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.


Пойгоҳи маълумоти "Education at a Glance"; Маълумоти кушодаи Бонки ҷаҳонӣ (World Bank Open Data, соли 2025); Шарҳи иқтисодиёти ҷаҳони Фонди байналмилалии асъор (IMF World Economic Outlook, соли 2025).

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки ҳиссаи баланди харoҷот барои соҳаи маориф дар сохтори ММД на ҳамеша ба маънои мавҷудияти ҳаҷми зиёди захираҳои молиявӣ ба ҳисоби ҳар як хонанда аст. Сарфи назар аз ҳиссаи назарраси харoҷоти давлатӣ барои соҳаи маориф, ҳаҷми захираҳои молиявӣ ба ҳар як хонанда дар Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои муқоисашаванда ба таври назаррас паст боқӣ мемонад.

Расми 3.2.2.

Харoҷот барои соҳаи маориф ҳамчун дарсади ММД

Харoҷоти давлатӣ барои соҳаи маориф ҳамчун дарсади маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар сатҳи миллӣ. Маълумот барои соли 2023 пешниҳод шудааст.



Эзоҳ: кишварҳо ва иқтисодҳо аз рӯи камшавии ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) ба соҳаи маориф ҷудогардида гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Манбаъ: дар асоси маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

UNESCO Institute for Statistics (UIS); The World Bank Group. Ҳамаи нишондиҳандаҳо барои соли 2023 пешниҳод шудаанд. Замони нашр: феврали соли 2026.

3.3. Робитаи байни хароҷот барои соҳаи маориф ва натиҷаҳои таълимии хонандагон


Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки ҳаҷми бештари хароҷот барои соҳаи маориф одатан бо натиҷаҳои баландтари таълимии хонандагон алоқаманданд. Ин робита дар ҳар се самти арзёбишаванда – саводи фанҳои табиатшиносӣ, математикӣ ва хондан мушоҳида мешавад (расмҳои 3.4.1-3.6.1). Ҳамзамон, ин робита мустақим ва афзояндаи мутаносиб нест: пас аз расидан ба сатҳи муайяни маблағгузорӣ афзоиши минбаъдаи хароҷот на ҳамеша сабаби зиёдшавии мутаносиби натиҷаҳои таълимӣ мегардад. Илова бар ин, тафовутҳои байни кишварҳо нишон медиҳанд, ки натиҷаҳои таълимии хонандагон на танҳо аз ҳаҷми маблағгузорӣ, балки аз самарабахшии истифодаи захираҳо, сифати таълим, ташкили раванди таълим ва омилҳои дигар низ вобаста аст.

3.4. Саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология)

Чунон ки дар расми 3.4.1 нишон дода шудааст, шаҳри Душанбе дар байни кишварҳои муқоисавӣ аз рӯи ҳаҷми умумии хароҷот ба ҳар як хонанда дорои нишондиҳандаи пасттарин буда, ҳамзамон аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) низ натиҷаҳои пасттаринро нишон медиҳад. Дар маҷмуъ, дар байни кишварҳои мавриди баррасӣ робитаи мусбат байни сатҳи хароҷот барои соҳаи маориф ва натиҷаҳои таълимӣ мушоҳида мешавад, гарчанде ки баъзе кишварҳо аз тамоюли умумӣ фарқ доранд.

Расми 3.4.1.

Натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ ва харочоти барои соҳаи маориф



Харочоти умумӣ ба ҳар як хонанда дар давоми давраи назариявии таҳсил (бо доллари ИМА, ки аз рӯи ҳамарзии қобилияти харид (ҲҚХ) тасҳеҳ шудааст)


Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

3.5. Саводи математикӣ

Чунин қонуният дар самти саводи математикӣ низ мушоҳида мешавад (расми 3.5.1).

Расми 3.5.1.

Натиҷаҳои саводи математикӣ ва хароҷот барои соҳаи маориф



Хароҷоти умумӣ ба ҳар як хонанда дар давоми давраи назариявии таҳсил
(бо доллари ИМА, ки аз рӯи ҳамарзии қобилияти харидорӣ — ҲҚХ — тасҳеҳ шудааст)


Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

3.6. Саводи хондан

Дар бахши саводи хондан низ байни хароҷот барои соҳаи маориф ва натиҷаҳои таълимии хонандагон робитаи мусбат мушоҳида мешавад (расми 3.6.1), аммо ин робита нисбат ба саводи фанҳои табиатшиносӣ ва саводи математикӣ каме заифтар аст. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки баланд бардоштани сифати маориф на танҳо ба ҳаҷми сармоягузорӣ, балки ба самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷуда низ вобаста мебошад.

Расми 3.6.1.

Натиҷаҳои саводи хондан ва харочот барои соҳаи маориф



Харочоти умумӣ ба ҳар як хонанда дар давоми давраи назариявии таҳсил
(бо доллари ИМА, ки аз рӯи ҳамарзии қобилияти харидорӣ — ҲҚХ — тасҳеҳ шудааст)

Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

3.7. Таъминоти мактабҳо бо захираҳо дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ва робитаи он бо натиҷаҳои таълимӣ

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки тафовутҳо дар натиҷаҳои таълимӣ байни низомҳои маориф на танҳо ба ҳаҷми захираҳои молиявӣ, балки ба самарабахшии тақсимот ва истифодаи онҳо низ вобаста аст. Таъминоти мактабҳо бо кадрҳои омӯзгории соҳибтахассус, захираҳои таълимӣ ва моддӣ, инчунин қобилияти низоми маориф барои таъмини дастрасии баробар ба шароити босифати таълим барои ҳамаи хонандагон, новобаста аз навъи мактаб ва таркиби иҷтимоию иқтисодии он, нақши муҳим доранд.

Дар таҳқиқоти PISA маълумот дар бораи таъминоти мактабҳо бо захираҳо дар асоси ҷавобҳои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҷамъоварӣ карда шудаанд. Маълумоти бадастомада арзёбии роҳбарони мактабҳоро дар бораи он, ки то кадом андоза норасоии захираҳои гуногун ба ташкили раванди

таълим халал мерасонад, баён мекунанд. Ин усул имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи умумии таъминоти мактабҳо бо захираҳо, балки фарқҳои байни муассисаҳои таълимӣ низ, ки метавонанд бо шароити таълими хонандагон алоқаманд бошанд, арзёбӣ карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки мактабҳои шаҳри Душанбе нисбат ба кишварҳои муқоисашаванда, дар маҷмуъ, бо сатҳи камтари норасоии зерсохтори моддӣ ва маводди таълимӣ рӯ ба рӯ ҳастанд (расми 3.7.1).

Ҳамин гуна, 14,6 %-и хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки роҳбарони онҳо аз норасоии зерсохтори моддӣ хабар додаанд. Ҳамзамон 29,3 %-и хонандагон таҳсилкунандаи мактабҳое ҳастанд, ки мушкили норасоии маводди таълимиро доранд. Аз рӯи нишондиҳандаи норасоии зерсохтори моддӣ шаҳри Душанбе дар байни кишварҳо ва иқтисодҳои мавриди баррасӣ вазъи нисбатан мусоидтар дорад. Аз рӯи норасоии маводди таълимӣ низ нишондиҳандаҳои Душанбе нисбат ба Қирғизистон, Озарбойҷон ва Арманистон пасттар, аммо нисбат ба Қазоқистон баландтаранд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот баёнгари онанд, ки танҳо мавҷудияти зерсохтор ва маводди таълимӣ тафовутҳоро дар натиҷаҳои таълимии хонандагон пурра нишон намедиҳад. Хусусиятҳои истифодаи захираҳо, инчунин омилҳои иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва мактабҳо низ дар ин самт нақши муҳим доранд.

Расми 3.7.1.

Норасоии маводди таълимӣ ва зерсохтор



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, хонандагони мактабҳое, ки роҳбарони онҳо дар бораи норасоии маводди таълимӣ хабар медиҳанд, ба ҳисоби миёна аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ натиҷаҳои каме пасттар доранд (расми 3.7.2). Пеш аз ба эътибор гирифтани вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва мактабҳо фарқ тақрибан 5 бал аз рӯи PISA-ро ташкил медиҳад ва баъди дар назар гирифтани ин омилҳо то 4 бал коҳиш меёбад. Аммо дар ҳар ду ҳолат ин робита аз ҷиҳати оморӣ муҳим нест.


Робитаи қавитар вобаста ба норасоии кадрҳои омӯзгорӣ ба назар мерасад. Пеш аз ба эътибор гирифтани вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва мактабҳо афзоиши индекси норасоии кадрҳои омӯзгорӣ ба андозаи як воҳид бо коҳиши натиҷаҳо аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ тақрибан ба андозаи 10 бал аз рӯи PISA алоқаманд аст, аммо дар ҳолати ба эътибор гирифтани ин омилҳо чунин коҳиш тақрибан 8 балро ташкил медиҳад. Дар ҳар ду ҳолат ин робита аз ҷиҳати оморӣ муҳим боқӣ мемонад.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки норасоии кадрҳои омӯзгорӣ ҳатто пас аз ба эътибор гирифтани вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва мактабҳо нисбат ба норасоии маводди таълимӣ робитаи устувортар бо натиҷаҳои таълимии хонандагон дорад.

Расми 3.7.2.

Натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ ва норасоии захираҳои моддӣ

Тағйирёбии натиҷаҳои саводи фанҳои табиатшиносӣ ҳангоми афзоиши индекси норасоии маводди таълимӣ ва индекси норасоии кадрҳои омӯзгорӣ ба андозаи як воҳид пеш аз ба эътибор гирифтани вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва мактабҳо ва баъди он.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Дар шаҳри Душанбе хонандагони мактабҳое, ки дар онҳо ҳиссаи хонандагони дорои шароити нисбатан маҳдуди иҷтимоию иқтисодӣ бештар аст, нисбат ба мактабҳое, ки дар онҳо ҳиссаи хонандагони дорои шароити беҳтари иҷтимоию иқтисодӣ зиёдтар аст, бештар таҳсилкунандаи муассисаҳои таълимие ҳастанд, ки роҳбарони онҳо норасоии маводди таълимиро қайд кардаанд. Ҳиссаи чунин хонандагон дар гурӯҳи якум 30 %-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар гурӯҳи дуюм ин нишондиҳанда 20 % аст (расми 3.7.3).

Чунин тамоюл вобаста ба навъи муассисаи таълимӣ низ мушоҳида мешавад. Дар муассисаҳои таълимии давлатӣ 30 %-и хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки роҳбарони онҳо норасоии маводди таълимиро қайд кардаанд, дар ҳоле ки дар муассисаҳои таълимии хусусӣ ин нишондиҳанда ба 16 % баробар аст.


Тафовутҳо, инчунин дар байни ноҳияҳои шаҳри Душанбе дида мешаванд. Ҳиссаи бештарини хонандагоне, ки дар мактабҳои дорои норасоии маводди таълимӣ таҳсил мекунанд, дар ноҳияи Фирдавсӣ (45 %) ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ ва Сино ин нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 31 % ва 29 % рост меояд, дар ҳоле ки дар ноҳияи Шоҳмансур он ҳамагӣ 4 % аст.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки байни таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо маводди таълимӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон, навъи муассисаи таълимӣ ва ноҳияи ҷойгиршавии он тафовутҳо мавҷуданд.

Расми 3.7.3.

Маводди таълимӣ ва зерсохтор вобаста ба хусусиятҳои мактабҳо

Ҳиссаи хонандагоне, ки дар мактабҳои дорои норасоии маводди таълимӣ ва зерсохтор таҳсил мекунанд, вобаста ба хусусиятҳои мактабҳо.



Эзоҳ: Мактабҳо вобаста ба қимати миёнаи индекси вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон (ESCS) ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: мактабҳое, ки дар онҳо ҳиссаи хонандагони дорои вазъи нисбатан беҳтари иҷтимоию иқтисодӣ бештар аст, ва мактабҳое, ки дар онҳо ҳиссаи хонандагони дорои вазъи нисбатан маҳдуди иҷтимоию иқтисодӣ бештар аст.

Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

3.8. Захираҳои рақамӣ ва омодагӣ ба истифодаи онҳо дар мактабҳо

Мавҷудияти захираҳои таълимӣ ва рақамӣ худ аз худ баланд гардидани сифати таълимро кафолат намедиҳад. Қобилияти мактабҳо ва омӯзгорон барои самарабахш истифода бурдани захираҳои мавҷуда дар раванди таълим бо мақсади дастгирии таълиму омӯзиш нақши муҳим дорад.[3]

Аҳаммияти технологияҳои рақамӣ дар соҳаи маориф, махсусан пас аз пандемияи Ковид-19, вақте ки низомҳои маориф аксаран бо зарурати гузариши босуръат ба таълими фосилавӣ рӯ ба рӯ шуданд, афзоиш ёфт. Дар чунин шароит масъалаи дастрасӣ ба дастгоҳҳои рақамӣ ва сифати зерсохтори рақамӣ ба унсурҳои муҳими устувории низомҳои маориф табдил ёфтанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки мактабҳои шаҳри Душанбе дар муқоиса бо аксари кишварҳои муқоисашаванда, ба истиснои Қазоқистон, сатҳи нисбатан пасти норасоии захираҳои рақамӣ доранд.

Чунон ки дар расми 3.8.1 нишон дода шудааст, 31,0 %-и хонандагони шаҳри Душанбе дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки ба ақидаи роҳбарони онҳо, раванди таълим ба андозаи муайян аз сабаби норасоии захираҳои рақамӣ душвор мегардад. Илова бар ин, 29,8 %-и хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки роҳбарони онҳо номувофиқ будан ё паст будани сифати захираҳои рақамиро қайд кардаанд.

Ин нишондиҳандаҳо нисбат ба Қирғизистон, Арманистон ва Озарбойҷон пасттар, аммо нисбат ба Қазоқистон каме баландтаранд. Ин барои хулоса баровардан, ки аз рӯи таъминот бо захираҳои рақамӣ мактабҳои шаҳри Душанбе, дар маҷмуъ, нисбат ба аксари кишварҳо ва иқтисодҳои мавриди баррасӣ дар вазъи нисбатан мусоид қарор доранд.


---

[3] OECD (2026), PISA 2025 Results (Volume I): Future-Ready Students, PISA, OECD Publishing, Paris, https://doi.org/10.1787/73451bc5-en.

Расми 3.8.1.

Камбудӣ ё сифати пасти захираҳои рақамӣ

Ҳиссаи хонандагони мактабҳое, ки тибқи гуфтаи роҳбарони онҳо, раванди таълим ба андозае ё ба таври назаррас дар натиҷаи норасоӣ ё паст будани сифати захираҳои рақамӣ душвор мегардад.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

3.9. Сиёсати мактабҳо дар самти омодагии рақамӣ

Самарабахшии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим на танҳо аз мавҷудияти таҷҳизот, балки аз сиёсати мактаб, сатҳи омодагии омӯзгорон ва ҳамгироии амалии воситаҳои рақамӣ ба раванди таълим низ вобаста аст. Дар доираи таҳқиқоти PISA ба роҳбарони мактабҳо дар бораи мавҷудияти сиёсатҳо ва амалияҳои расмии марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар мактабҳо савол дода шуд.

Барои муқоисаи натиҷаҳои мактабҳои шаҳри Душанбе ба таври иловагӣ маълумоти Қазоқистон истифода мешавад, зеро ин кишвар натиҷаҳои баландтари таълимии хонандагонро нишон медиҳад ва метавонад аз нуқтаи назари таҳлили амалияҳои мактабҳо дар самти рақамикунонии таҳсил маълумоти муқоисавии муфид пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мактабҳои шаҳри Душанбе сиёсат ва амалияҳои вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамиро ба дараҷаҳои гуногун татбиқ мекунанд (расми 3.9.1). Амалияи маъмултарин манъи истифодаи телефонҳои мобилӣ дар ҳудуди мактаб аст, ки ин чора нисбат ба 85,2%-и хонандагон татбиқ мегардад. Илова бар ин, 79,1%-и

хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки дар онҳо қоидаҳои истифодаи дастгоҳҳои рақамӣ ҳангоми дарсҳо амал мекунанд ва 75,2%-и хонандагон таҳсилкунандаимактабҳое ҳастанд, ки хонандагон дар таҳияи қоидаҳои истифодаи захираҳои рақамӣ ҷалб карда мешаванд.


Ҳамзамон, амалияҳои марбут ба ҳамгироии мустақими технологияҳои рақамӣ ба раванди таълим то андозае камтар паҳн шудаанд. Ҳамин тавр, танҳо 25,7%-и хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки дар онҳо сиёсати махсус оид ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар таълиму омӯзиш амал мекунад. Инчунин, танҳо 52,4%-и хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки дар онҳо барномаҳои махсус оид ба омода намудани хонандагон ба рафтори масъулона дар Интернет амалӣ карда мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дар мактабҳои шаҳри Душанбе чораҳои марбут ба танзими истифодаи дастгоҳҳои рақамӣ ва таъмини амнияти рақамӣ нисбат ба амалияҳое, ки ба ҳамгироии мунтазами онҳо ба таълиму омӯзиш равона шудаанд, бештар паҳн шудаанд.

Расми 3.9.1.

Сиёсати мактабҳо дар самти омодагии рақамӣ

Ҳиссаи хонандагони таҳсилкунанда дар мактабҳое, ки роҳбарони онҳо дар бораи мавҷудияти сиёсат ва амалияҳои гуногуни вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ хабар додаанд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Таҳлили минбаъда метавонад барои муайян намудани омилҳои вобаста ба тафовутҳо дар истифодаи технологияҳои рақамӣ байни мактабҳо мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки мавҷудияти захираҳои рақамӣ ва қоидаҳои мактабӣ дар соҳаи рақамикунонӣ на ҳамеша бо истифодаи фаъоли онҳо дар раванди таълиму омӯзиш ҳамроҳ аст. Ин муҳим будани омӯзиши минбаъдаи амалияҳои истифодаи технологияҳои рақамиро дар раванди таълим нишон медиҳад.

3.10. Оё мактабҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) бо кадрҳо ба қадри кофӣ таъминанд ва ин бо муваффакияти хонандагон чӣ гуна алоқаманд аст?

Дар доираи таҳқиқоти PISA таъминоти мактабҳо бо кадрҳои омӯзгорӣ дар асоси ҷавобҳои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ арзёбӣ карда шуданд. Аз директорони мактабҳо пурсида шуд, ки то чӣ андоза раванди таълим бо сабаби норасоии омӯзгорон, инчунин, нокифоя будани тахассуси кадрҳои омӯзгорӣ душвор мегардад.

Ҳангоми тафсири натиҷаҳо бояд ба назар гирифт, ки ин нишондиҳандаҳо бар ақидаи роҳбарони мактабҳо асос ёфта, арзёбии мустақими объективии норасоии кадрҳо ба ҳисоб намераванд. Тасаввурот дар бораи он ки чӣ ҳамчун норасоии кадрҳо ё сатҳи нокифояи тахассуси омӯзгорон ҳисобида мешавад, метавонад байни низомҳои маориф ва мактабҳои алоҳида фарқ кунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки масъалаи таъминоти кадрӣ барои як қисми мактабҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ҳамоно боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, 31,7%-и хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки роҳбарони онҳо аз он, ки норасоии омӯзгорон то андозае ба раванди таълим халал мерасонад, хабар медиҳанд. Аз рӯи ин нишондиҳанда Душанбе нисбат ба Қирғизистон дар вазъи мусоидтар қарор дорад, аммо аз Озарбойҷон, Қазоқистон ва Арманистон, ки дар онҳо ҳиссаи чунин хонандагон камтар мебошад, қафо мемонад (яъне, нишондиҳандаи баландтар дорад) (расми 3.10.1).


Илова бар ин, 18,0%-и хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки роҳбарони онҳо дар бораи номувофиқ ё паст будани тахассуси омӯзгорон хабар додаанд. Ин нишондиҳанда бо натиҷаи Қазоқистон (18,3%) қобили муқоиса буда, аз нишондиҳандаҳои Қирғизистон (47,6%) ва Озарбойҷон (21,1%) пасттар, аммо аз Арманистон (4,6%) баландтар аст.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дар муқоиса бо як қатор кишварҳои муқоисашаванда мактабҳои шаҳри Душанбе нисбатан камтар бо мушкилоти таъминоти кадрӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳамзамон, қариб сеяки

хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки роҳбарони онҳо норасоии омӯзгоронро қайд мекунанд ва қариб панҷяки хонандагон дар мактабҳое таҳсил мекунанд, ки дар онҳо ба номувофиқ ё паст будани тахассуси омӯзгорон ишора мешавад. Ин нишон медиҳад, ки масъалаи таъминоти кадрӣ ҳамоно яке аз самтҳои муҳими рушди низоми маориф аст.

Расми 3.10.1.

Норасоии омӯзгорон ва тахассуси номувофиқи омӯзгорон



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Нишондиҳандаҳои миёнаи шаҳри Душанбе тафовутҳоро байни гурӯҳҳои алоҳидаи мактабҳо инъикос намекунанд. Таҳлили минбаъда нишон медиҳад, ки сатҳи таъминоти мактабҳо бо кадрҳои омӯзгорӣ вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии оилаҳои хонандагон, навъи муассисаи таълимӣ ва маҳалли ҷойгиршавии он метавонад фарқ кунад.

Тибқи маълумоти расми 3.10.2, дар мактабҳое, ки дар онҳо хонандагони оилаҳои дорои сатҳи пасттари иҷтимоию иқтисодӣ таҳсил мекунанд, дар муқоиса бо мактабҳое, ки хонандагонашон аз оилаҳои дорои сатҳи баландтари иҷтимоию иқтисодианд, қиматҳои баландтари индекси норасоии омӯзгорон мушоҳида мешаванд (мутаносибан 0,41 ва 0,16). Чунин тамоюл вобаста ба навъи муассисаи таълимӣ низ мушоҳида мешавад: дар муассисаҳои таълимии давлатӣ қимати миёнаи индекс 0,32-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар муассисаҳои таълимии хусусӣ он ба сифр наздик аст.


Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки таъминоти мактабҳо бо кадрҳои омӯзгорӣ вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии оилаҳои хонандагон ва навъи муассисаи таълимӣ фарқ дорад. Бо назардошти он ки норасоии

омӯзгорон аз ҷиҳати оморӣ бо натиҷаҳои пасттари хонандагон аз рӯи саводи фанҳои табиатшиносӣ робитаи муҳим дорад (нигаред ба расми 3.7.2), тафовутҳои маълумшуда байни гурӯҳҳои мактабҳо метавонанд барои таъмини имкониятҳои баробари таълимӣ дорои аҳаммият бошанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои марбут ба мактабҳои хусусӣ бояд бо эҳтиёт шарҳ дода шаванд, зеро шумораи чунин мактабҳо дар намунаҳои интихобшуда маҳдуд буд.

Расми 3.10.2.

Норасоии омӯзгорон вобаста ба хусусиятҳои мактабҳо

Диаграммаи мазкур қимати индекси норасоии омӯзгоронро дар мактабҳое нишон медиҳад, ки аз рӯи се меъёри асосӣ ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки таҷрибаи ҷудо намудани маблағҳои иловагӣ барои таҷҳизоти муосири таълими фанҳои табиатшиносӣ дар мактабҳои шаҳри Душанбе дар сатҳи миёна паҳн шудааст.


Ҳамин тавр, 41,4%-и директорони мактабҳои шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) хабар доданд, ки мактабҳои онҳо барои хариди таҷҳизоти муосир бо мақсади таълими фанҳои табиатшиносӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо мекунанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба Қирғизистон (28,4%), Арманистон (27,5%) ва Озарбойҷон (4,6%) баландтар, аммо нисбат ба Қазоқистон (57,7%) пасттар аст (расми 3.10.3).

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки ҳиссаи мактабҳои шаҳри Душанбе, ки барои харидории таҷҳизоти муосир бо мақсади таълими фанҳои табиатшиносӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо мекунанд, нисбат ба аксари кишварҳои муқоисашаванда баландтар, аммо нисбат ба Қазоқистон пасттар мебошад.

Расми 3.10.3.

Таъминоти мактабҳо бо таҷҳизот

Ҳиссаи директорони мактабҳое, ки хабар додаанд, ки мактаб барои таҷҳизоти муосир ҷиҳати таълими фанҳои табиатшиносӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо мекунад.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

3.11. Тахассуси омӯзгорон

Аттестатсия ва сертификатсияи омӯзгорон яке аз механизмҳои таъмини сифати таълим ба ҳисоб рафта, мавҷудияти тахассусҳои зарурирро дар омӯзгорон барои анҷом додани фаъолияти касбӣ тасдиқ мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тахассуси касбии кормандони соҳаи педагогӣ тавассути

тартиби аттестатсия тасдиқ карда мешавад, ки тартиби гузаронидани он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 281 аз 7-уми июни соли 2017 танзим карда мешавад. Аттестатсия арзёбии фаъолияти касбии омӯзгорон ва мутобиқати онҳоро ба талаботи тахассусии муқарраршуда, пешбинӣ менамояд.


Дар шаҳри Душанбе 79,5% омӯзгороне, ки дар синфи маъмултарини PISA (синфи 9, ки дар он ҳиссаи аз ҳама зиёди хонандагони 15-сола таҳсил мекунанд) дарс медиҳанд, пурра сертификатсия шудаанд. Мувофиқи маълумоти расми 3.11.1, ин нишондиҳанда нисбат ба Қирғизистон (89,6%) пасттар, аммо нисбат ба Қазоқистон (72,0%), Озарбойҷон (45,2%) ва Арманистон (37,0%) баландтар аст.

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда дар шаҳри Душанбе дар муқоиса бо аксари кишварҳои муқоисавӣ нисбатан баланд мебошад. Ҳамзамон, тақрибан панҷяки омӯзгороне, ки дар синфи маъмултарини PISA дарс медиҳанд, сертификатсияи пурра надоранд, ки ин зарурати идомаи рушди иқтидори кадрии низоми маорифро нишон медиҳад.

Расми 3.11.1.

Ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда

Ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда дар мактабҳои дорои синфи маъмултарини PISA, тибқи маълумоти роҳбарони мактабҳо.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Мувофиқи маълумоти расми 3.11.2, ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда дар мактабҳои хусусӣ (83,3%) нисбат ба муассисаҳои таълимии давлатӣ (79,4%) каме баландтар аст. Фарқ вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон камтар ба назар мерасад: дар мактабҳое, ки дар онҳо хонандагони дорои сатҳи баландтари иҷтимоӣ бештаранд, ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда 81,9%-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар мактабҳое, ки дар онҳо хонандагони дорои сатҳи пасттари иҷтимоӣ бештаранд, ин нишондиҳанда 79,6% мебошад.


Дар байни ноҳияҳои шаҳри Душанбе низ тафовутҳои муайян ба назар мерасанд. Ҳиссаи баландтарини омӯзгорони пурра сертификатсияшуда дар муассисаҳои таълимии ноҳияҳои Шоҳмансур (84,9%) ва Сино (82,9%) ба қайд гирифта шудааст, аммо нишондиҳандаи пасттарин дар ноҳияи Фирдавсӣ (69,7%) мушоҳида мешавад. Дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда 79,6%-ро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда дар ҳамаи гурӯҳҳои баррасишавандаи мактабҳо нисбатан баланд аст. Ҳамзамон, байни ноҳияҳои алоҳидаи шаҳр ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар тақсимоти кадрҳои педагогии пурра сертификатсия-шуда тафовутҳои муайян боқӣ мемонанд.

Расми 3.11.2.

Ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда вобаста ба хусусиятҳои мактабҳо

Ҳиссаи омӯзгорони пурра сертификатсияшуда дар синфи маъмултарини PISA, тибқи маълумоти роҳбарони мактабҳо.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.


Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин нишон медиҳанд, ки қисми зиёди директорони мактабҳои шаҳри Душанбе ҳангоми ҷалби омӯзгорони соҳибихтисоси фанҳои табиатшиносӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳамин тавр, 66,6%-и директорони мактабҳо изҳор доштанд, ки ҷалби чунин мутахассисон нисбат ба омӯзгорони дигар фанҳо душвортар аст (расми 3.11.3).

Аз рӯйи ин нишондиҳанда Душанбе амалан аз Қирғизистон (67,0%) фарқе надорад, аммо аз Қазоқистон (49,1%), Озарбойҷон (43,6%) ва Арманистон (33,7%) нишондиҳандаи баландтар дорад. Натиҷаҳо бозгӯйи онанд, ки ҷалби омӯзгорони соҳибихтисоси фанҳои табиатшиносӣ яке аз масъалаҳои мубрами кадрии низоми маорифи шаҳри Душанбе боқӣ мемонад.

Расми 3.11.3.

Таъминоти мактабҳо бо кадрҳои баландихтисоси педагогӣ

Ҳиссаи директорони мактабҳо, ки бо ин изҳорот розианд: "Ҷалби омӯзгорони соҳибихтисоси фанҳои табиатшиносӣ нисбат ба омӯзгорони дигар фанҳо душвортар аст".



Эзоҳ: Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.


Маълумоти иловагиро дар бораи таъминоти кадрӣ барои таълими фанҳои табиатшиносӣ сохтори шуғли омӯзгорони ин фанҳо дар мактабҳои шаҳри Душанбе пешниҳод мекунад.

Тибқи маълумоти таҳқиқоти PISA, ба ҳисоби миёна ба ҳар як мактаби шаҳри Душанбе тақрибан 9 омӯзгори фанҳои табиатшиносӣ, ки ба таври пурра кор мекунанд ва тақрибан 1 омӯзгори фанҳои табиатшиносӣ, ки дар ҳолати нопурра кор мекунад, рост меояд (расми 3.11.4).

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки таълими фанҳои табиатшиносӣ дар мактабҳои шаҳри Душанбе асосан аз ҷониби омӯзгороне таъмин карда мешавад, ки ба таври пурра фаъолият мекунанд. Шумораи омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, ки ба таври нопурра кор мекунанд, нисбатан кам боқӣ мемонад.

Расми 3.11.4.

Шумораи омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, ки ба таври пурра ва нопурра кор мекунанд



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе дар муқоиса бо як қатор кишварҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати таъминот бо захираҳои моддӣ, рақамӣ ва кадрӣ дар сатҳи нисбатан мусоид қарор доранд. Ҳамзамон, байни гурӯҳҳои алоҳидаи муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи сатҳи таъминот бо маводди таълимӣ, таъминоти кадрӣ ва сатҳи тахассусии омӯзгорон тафовутҳо боқӣ мемонанд. Иинчунин, таъсири захираҳо ба дастовардҳои таълимии хонандагон то андозае ба шароити иҷтимоию иқтисодии хонандагону мактабҳо ва самарабахшии истифодаи имкониятҳои мавҷуда вобаста аст. Ин аҳаммияти на танҳо рушди минбаъдаи заминаи захиравии низоми маориф, балки баланд бардоштани самарабахшии истифодаи онро барои беҳтар намудани сифати таълим ва натиҷаҳои таълимии хонандагон таъкид менамояд.

БОБИ 4

Муҳити таълимӣ ҳамчун омили дастовардҳои таълимӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)

Дар ин боб хусусиятҳои муҳити таълимӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ва робитаи онҳо бо натиҷаҳои таълимӣ ва некуаҳволии хонандагон баррасӣ мешаванд. Таҳлил чунин ҷанбаҳоро дар бар мегирад: эҳсоси бехатарии хонандагон дар муассисаи таълимӣ ва ҳангоми рафтуомад ба мактаб, паҳншавии зӯроварӣ (буллинг), амалияҳои дастгирикунандаи педагогӣ, инчунин дастгираз ҷониби оилаҳо.

Маҷмӯи нишондиҳандаҳои баррасишаванда имкон медиҳад, ки шароити таълим, сатҳи бехатарӣ ва дастгирие, ки хонандагон эҳсос мекунанд, инчунин робитаи ин омилҳо бо иштироки хонандагон дар раванди таълим, некуаҳволии онҳо ва натиҷаҳои таҳсилоти онҳо аз рӯйи саводи илмҳои табиатшиносӣ тавсиф карда шавад.

Натиҷаҳои асосии боб:

- Аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ҳангоми рафтан ба мактаб ва бозгашт ба хона худро бехатар эҳсос мекунанд: тақрибан 9 нафар аз ҳар 10 хонанда аз сатҳи баланди эҳсоси бехатарӣ хабар медиҳанд.
- Фарқиятҳо дар дарки бехатарӣ вобаста ба ҷинс ва мақоми иҷтимоию иқтисодӣ ночиз боқӣ мемонанд. Ҳамзамон, духтарон ва хонандагони оилаҳои дорои вазъи нисбатан беҳтари иҷтимоию иқтисодӣ каме бештар аз сатҳи баландтари бехатарӣ хабар медиҳанд, вале ин фарқиятҳо аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок нестанд.
- Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мушкилоти зӯроварӣ ё буллинг дар шаҳри Душанбе ҳамчунон мубрам боқӣ мемонад. Қисми назарраси хонандагон аз ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг), ки чанд маротиба дар як моҳ рух медиҳанд, хабар медиҳанд. Дар баробари ин, писарон бештар ба чунин ҳолатҳо дучор мешаванд ва дар муассисаҳои таълимии дорои вазъи нисбатан номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ сатҳи паҳншавии буллинг баландтар мебошад. Ҳамзамон, фарқият байни муассисаҳои таълимии давлатӣ ва хусусӣ аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок нест. Натиҷаҳои бадастомада инчунин нишон медиҳанд, ки буллинги мунтазам бо сатҳи пасттари қаноатмандии хонандагон аз ҳаёт алоқаманд аст.
- Аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе қайд мекунанд, ки омӯзгорон мунтазам аҳаммияти амалии илмҳои табиатшиносиро барои ҳаёти ҳаррӯза нишон медиҳанд. Илова бар ин, дар дарсҳо усулҳои педагогие васеъ истифода мешаванд, ки ба рушди малакаҳои таҳлилӣ ва тавзеҳдиҳии хонандагон, аз ҷумла мустақилона шарҳ додани падидаҳо ва принсипҳои илмӣ, равона шудаанд.
- Иштироки оилаҳо дар раванди таълим ҳамчунон маҳдуд боқӣ мемонад: танҳо як қисми волидон мунтазам ба ҳаёти мактабии хонандагон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар раванди таълим ба онҳо кӯмак мерасонанд.

4.1. Бехатарӣ ва хусусияти дастгирикунандаи муҳити таълимӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)

Муҳити дастгирикунандаи мактабӣ яке аз шартҳои муҳими омӯзиши самаранок ва некуаҳволии хонандагон мебошад. Дар ин бахш масъалаҳои бехатарии хонандагон ҳангоми рафтан ба мактаб ва бозгашт ба хона, паҳншавии буллинг (зӯроварӣ) дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин хусусиятҳои муҳити мактабӣ, ки ба ташаккули ҳисси дастгирӣ ва мансубият ба ҷомеаи мактабӣ мусоидат мекунанд, баррасӣ мешаванд.

Омилҳои мавриди баррасӣ таҷрибаи ҳаррӯзаи хонандагонро дар муҳити мактаб тавсиф намуда, имкон медиҳанд, ки робитаи онҳо бо некуаҳволии хонандагон, ҳисси мансубият ба мактаб ва натиҷаҳои таълимӣ арзёбӣ карда шавад. Муқоисаи натиҷаҳои шаҳри Душанбе бо кишварҳои муқоисавӣ имкон медиҳад, ки ҳам ҷиҳатҳои қавии марбут ба ташаккули муҳити бехатар ва дастгирикунандаи мактабӣ ва ҳам ҷанбаҳои мушкилоти боқимонда муайян карда шаванд.

4.2. Бехатарӣ дар мактаб

Ҳисси бехатарӣ шарти муҳими таҳсили самаранок ва некуаҳволии хонандагон мебошад. Сатҳи баланди дарки бехатарӣ ба тамаркузи хонандагон ба фаъолияти таълимӣ, иштироки фаъолона дар раванди таълим ва ташаккули муносибатҳои мусбат бо омӯзгорон ва ҳамсолон мусоидат мекунад.


Аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе изҳор медоранд, ки ҳангоми рафтан ба мактаб ва бозгашт ба хона худро бехатар эҳсос мекунанд. Ҳамин тавр, 89,8%-и хонандагон қайд намуданд, ки ҳангоми рафтан ба мактаб ва баргаштан ба хона худро бехатар эҳсос мекунанд. Дар муқоиса бо кишварҳои ба таҳлили муқоисавӣ дохилшуда, ин нишондиҳанда дар Душанбе нисбат ба Қазоқистон (86,6%), Озарбойҷон (81,2%) ва Қирғизистон (80,4%) баландтар буда, аммо нисбат ба Арманистон (93,7%) каме пасттар мебошад (расми 4.2.1).

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе ҳангоми рафтан ба мактаб ва бозгашт ба хона худро бехатар эҳсос мекунанд. Ин метавонад барои иштироки хонандагон дар раванди таълим ва таъмини некуаҳволии умумии онҳо шароити мусоид фароҳам оварад.

Расми 4.2.1.

Дарки бехатарӣ аз ҷониби хонандагон

Ҳиссаи хонандагоне, ки бо изҳороти зерин розӣ ё комилан розӣ мебошанд: "Ман ҳангоми рафтан ба мактаб ва баргаштан ба хона худро бехатар эҳсос мекунам".



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки ҳисси бехатарӣ дар муассисаи таълимӣ бо некуаҳволии субъективии хонандагон ва ҳисси мансубияти онҳо ба ҷомеаи мактабӣ робитаи мусбат дорад (ҷадвали 4.2).

Барои таҳлили робитаҳо дар таҳқиқоти PISA индекси ҳисси бехатарӣ истифода мешавад, ки арзёбии умумии хонандагонро дар бораи бехатарии онҳо дар муҳити мактабӣ инъикос менамояд. Хонандагоне, ки қиматҳои баландтари ин индексро доранд, бештар аз сатҳи баланди қаноатмандии худ аз ҳаёт ва ҳисси қавитари мансубият ба мактаб хабар медиҳанд. Ҳамзамон, байни қиматҳои индекс ва натиҷаҳои хонандагон аз рӯйи саводи илмҳои табиатшиносӣ робитаи аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок муайян карда нашудааст.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки ҳисси бехатарӣ бештар бо некуаҳволии хонандагон ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо ба ҳаёти мактабӣ алоқаманд аст, на мустақиман бо натиҷаҳои таълимӣ.

Ҷадвали 4.2.

Бехатарӣ дар мактаб, некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводи илмҳои табиатшиносӣ


Робитаи байни ҳисси бехатарӣ дар муассисаи таълимӣ, некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳо аз рӯи саводи илмҳои табиатшиносӣ.

	Қаноатмандӣ аз зиндагӣ	**Ҳисси мансубият ба мактаб**	**Натиҷаҳо аз рӯи илмҳои табиатшиносӣ**
Робита бо ҳисси бехатарӣ дар мактаб	Мусбат	Мусбат	Аҳаммиятнок нест

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Душанбе дарки бехатарӣ дар муассисаи таълимӣ амалан вобаста ба ҷинс ва мақоми иҷтимоию иқтисодии хонандагон фарқ намекунад (расми 4.2.2). Қимати миёнаи индекси ҳисси бехатарӣ дар писарон 0,02 ва дар духтарон 0,05, инчунин дар хонандагони оилаҳои дорои сатҳи пасттари иҷтимоию иқтисодӣ 0,05 ва дар хонандагони оилаҳои дорои сатҳи баландтари иҷтимоию иқтисодӣ 0,07-ро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди каме баландтар будани қимати индекс дар духтарон ва хонандагони оилаҳои дорои вазъи беҳтари иҷтимоию иқтисодӣ, фарқият байни гурӯҳҳои дахлдор мутаносибан 0,03 ва 0,02 банди индексро ташкил дода, аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок нест.

Расми 4.2.2.

Эҳсоси бехатарӣ дар муассисаи таълимӣ вобаста ба ҷинс ва вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон




Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи ҳисси бехатарии хонандагон дар шаҳри Душанбе амалан вобаста ба профили иҷтимоию иқтисодии муассисаи таълимӣ ва навъи он фарқ намекунад. Қимати миёнаи индекси ҳисси бехатарӣ дар муассисаҳои таълимии дорои профили иҷтимоию иқтисодии баландтар 0,07 ва дар муассисаҳои дорои профили иҷтимоию иқтисодии пасттар 0,10-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, қимати миёнаи индекс дар муассисаҳои таълимии хусусӣ 0,08 ва дар муассисаҳои таълимии давлатӣ 0,03 мебошад. Бо вуҷуди фарқиятҳои ночиз байни гурӯҳҳо, на аз рӯйи профили иҷтимоию иқтисодии муассисаи таълимӣ ва на аз рӯйи навъи он ин фарқиятҳо аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок нестанд (расми 4.2.3).

Расми 4.2.3.

Эҳсоси бехатарӣ дар мактаб вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва намуди мактаб



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои бадастомада аз мавҷуд набудани фарқиятҳои аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок дар дарки бехатарии муҳити мактабӣ аз ҷониби хонандагон вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва навъи муассисаи таълимӣ шаҳодат медиҳанд.

4.3. Зӯроварӣ (буллинг)

Буллинг ё худ зӯроварӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими фазои мактабӣ ба ҳисоб рафта, метавонад ба некуаҳволии хонандагон, ҳисси бехатарӣ ва эҳсоси мансубияти онҳо ба мактаб таъсири манфӣ расонад. Мунтазам дучор шудан ба шаклҳои гуногуни зӯроварӣ боиси афзоиши сатҳи изтироб, коҳиш ёфтани иштирок дар ҳаёти мактабӣ ва бад шудани шароити таълим мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Душанбе 13,9%-и хонандагон хабар додаанд, ки ҳадди ақал ба яке аз шаклҳои зӯроварӣ на камтар аз якчанд маротиба дар як моҳ дучор мешаванд. Барои ҳисоб кардани ин нишондиҳанда шаклҳои зерини зӯроварӣ ба назар гирифта шудаанд: масхара кардани хонанда аз ҷониби дигар хонандагон, таҳдидҳо, таъсири ҷисмонӣ (задан ё тела додан), паҳн кардани овозаҳои нохуш ва инчунин дар интернет бе розигии хонанда нашр намудани маълумот дар бораи ӯ, ки боиси эҳсосоти манфӣ гардидааст.


Дар муқоиса бо кишварҳо ва иқтисодҳое, ки ба таҳлили муқоисавӣ дохил шудаанд, ин нишондиҳанда нисбат ба Қазоқистон (8,8%) ва Арманистон (9,3%) баландтар буда, ба нишондиҳандаи Озарбойҷон (13,2%) наздик аст, аммо аз нишондиҳандаи Қирғизистон (19,0%) пасттар мебошад (расми 4.3.1.).

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз сатҳи баланди эҳсоси бехатарӣ дар муҳити мактабӣ, як қисми хонандагон ҳамоно мунтазам ба шаклҳои гуногуни буллинг (зӯроварӣ) дучор мешаванд. Ин аҳаммияти рушди минбаъдаи чораҳои пешгирии зӯроварӣ, таҳкими фазои мусбати мактабӣ ва ташаккули муҳити бехатари таълимиро барои ҳамаи хонандагон таъкид менамояд.

Расми 4.3.1.

Дучоршавии хонандагон ба ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг) дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) ва кишварҳои муқоисавӣ

Ҳиссаи хонандагоне, ки хабар додаанд, ки ҳадди ақал якчанд маротиба дар як моҳ ба зӯроварӣ дучор мешаванд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Хонандагоне, ки ба зӯроварӣ дучор мешаванд, одатан сатҳи пасттари некуаҳволии субъективӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Душанбе дучоршавӣ ба зӯроварӣ (буллинг) дар байни хонандагоне, ки сатҳи пасттари қаноатмандӣ аз зиндагӣ ва эҳсоси мансубият ба мактаб доранд, бештар аст. Хонандагоне, ки дар бораи ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг) хабар медиҳанд, ба ҳисоби миёна камтар аз зиндагии худ қаноатманд буда, камтар худро ҳамчун қисми ҷомеаи мактабӣ эҳсос мекунанд (ҷадвали 4.3).

Ҳамзамон, робитаи байни дучоршавӣ ба зӯроварӣ ва натиҷаҳо аз рӯйи саводи илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) хусусияти омехта дошта, аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок нест.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки зӯроварӣ пеш аз ҳама бо коҳиш ёфтани некуаҳволии равонии хонандагон ва суст шудани эҳсоси мансубияти онҳо ба мактаб алоқаманд аст, дар ҳоле ки робитаи он бо натиҷаҳои таълимӣ бо маълумоти аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок тасдиқ намешавад.

Ҷадвали 4.3.

Зӯроварӣ (буллинг), некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводи илмҳои табиатшиносӣ

Самти робитаи байни дучоршавӣ ба зӯроварӣ, некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳо аз рӯйи саводи илмҳои табиатшиносӣ.


	Қаноатмандӣ аз зиндагӣ	**Ҳисси мансубият ба мактаб**	**Натиҷаҳо аз рӯи илмҳои табиатшиносӣ**
Робита бо буллинг	Манфӣ	Манфӣ	Ночиз

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки писарон дар шаҳри Душанбе нисбат ба духтарон бештар хабар медиҳанд, ки ҳадди ақал ба яке аз шаклҳои зӯроварӣ на камтар аз якчанд маротиба дар як моҳ дучор мешаванд. Ҳиссаи чунин хонандагон дар байни писарон 16,48% ва дар байни духтарон 11,20%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҳиссаи хонандагоне, ки дар бораи зӯроварии мунтазам хабар додаанд, дар байни писарон нисбат ба духтарон 5,3 банди фоизӣ баландтар мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки фарқият дар дучоршавӣ ба зӯроварӣ вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ночиз аст. Фарқи байни хонандагони дорои сатҳи баландтари иҷтимоию иқтисодӣ ва хонандагони дорои сатҳи пасттари иҷтимоию иқтисодӣ 2,0 банди фоизиро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, хонандагони оилаҳои дорои сатҳи пасттари иҷтимоию иқтисодӣ каме бештар дар бораи ҳолатҳои зӯроварӣ хабар медиҳанд (расми 4.3.2.).

Расми 4.3.2.

Тафовут дар сатҳи дучоршавӣ ба ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг) вобаста ба ҷинс ва вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.


Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дар сатҳи паҳншавии зӯроварӣ (буллинг) байни мактабҳои хусусӣ ва давлатии шаҳри Душанбе амалан фарқият вуҷуд надорад. Ҳиссаи хонандагоне, ки хабар додаанд, ҳадди ақал ба яке аз шаклҳои зӯроварӣ на камтар аз якчанд маротиба дар як моҳ дучор мешаванд, дар муассисаҳои таълимии хусусӣ 13,8% ва дар муассисаҳои таълимии давлатӣ 13,9%-ро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дар сатҳи паҳншавии зӯроварӣ байни мактабҳои хусусӣ ва давлатии шаҳри Душанбе амалан фарқият вуҷуд надорад. Фарқият байни ду навъи мактаб тақрибан 0,1 банди фоизиро ташкил медиҳад, ки аз сатҳи муқоисашавандаи паҳншавии зӯроварӣ новобаста аз навъи мактаб шаҳодат медиҳад.

Фарқиятҳои бештар назаррас байни мактабҳо бо таркиби гуногуни иҷтимоию иқтисодии хонандагон мушоҳида мешаванд. Дар мактабҳое, ки ҳиссаи хонандагон аз оилаҳои дорои сатҳи пасттари иҷтимоӣ бештар аст, ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба мактабҳое, ки дар онҳо хонандагон аз оилаҳои дорои сатҳи баландтари иҷтимоӣ бештар аст, каме бештар ба қайд гирифта мешаванд. Фарқият байни ин гурӯҳҳо тақрибан 2,7 банди фоизиро ташкил медиҳад (расми 4.3.3.).

Расми 4.3.3.

Тафовут дар сатҳи дучоршавӣ ба ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг) вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва намуди мактабҳо



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

4.4. Амалияҳои педагогии дастгирикунанда

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе қайд мекунанд, ки омӯзгорон ҳангоми таълими илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) аз амалияҳои педагогии дастгирикунанда истифода мебаранд.


Ҳамин тавр, 84,5%-и хонандагон хабар додаанд, ки омӯзгор дар ҳамаи дарсҳо ё аксарияти дарсҳо нишон медод, ки илмҳои табиатшиносӣ чӣ гуна метавонанд дар ҳаёти ҳаррӯза муфид бошанд. Ҳамзамон, 15,5%-и хонандагон қайд кардаанд, ки омӯзгор аҳаммияти амалии маводи омӯхташавандаро танҳо дар баъзе дарсҳо шарҳ медод ё ҳеҷ гоҳ ё қариб ҳеҷ гоҳ ин корро намекард (расми 4.4.1.).

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагон таълими илмҳои табиатшиносиро ҳамчун раванде дарк мекунанд, ки бо ҳаёти ҳаррӯза алоқаманд аст. Чунин амалия метавонад ба баланд бардоштани шавқу рағбат ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), ҷалбшавии хонандагон ба раванди таълим ва дарки арзиши амалии донишҳои андӯхташуда мусоидат намояд.

Расми 4.4.1.

Амалияҳои педагогии дастгирикунанда

Ҳиссаи хонандагоне, ки хабар додаанд, ки омӯзгор дар дарсҳо нишон медод, ки илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) чӣ гуна метавонанд дар ҳаёти ҳаррӯза муфид бошанд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки хонандагони шаҳри Душанбе аз ҷониби омӯзгорон ба шарҳи принсипҳои илмӣ дар дарсҳои илмҳои табиатшиносӣ ба дараҷаҳои гуногун ҷалб карда мешаванд.


19,0%-и хонандагон хабар доданд, ки омӯзгор ҳеҷ гоҳ ё қариб ҳеҷ гоҳ аз онҳо шарҳи принсипҳои илмиро талаб намекард. Ҳамзамон, 56,7%-и хонандагон қайд карданд, ки чунин ҳолат тақрибан дар нисфи дарсҳо рух медод, дар ҳоле ки 24,3%-и хонандагон ҷавоб доданд, ки омӯзгор дар ҳар як дарс ё қариб ҳар як дарс аз онҳо шарҳи принсипҳои илмиро талаб мекард (расми 4.4.2.).

Натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки амалияи ҷалбсозии хонандагон ба шарҳи принсипҳои илмӣ дар раванди таълим ба таври васеъ истифода мешавад, аммо шиддатнокии истифодаи он гуногун аст. Ин метавонад хусусиятҳои ташкили раванди таълим ва равишҳои педагогии истифодашаванда ҳангоми таълими илмҳои табиатшиносиро инъикос намояд.

Расми 4.4.2.

Амалияҳои педагогии дастгирикунанда

Ҳиссаи хонандагоне, ки хабар доданд, ки омӯзгор дар дарсҳо аз онҳо шарҳи принсипи илмиро талаб мекард.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

4.5. Иштироки оилаҳо дар раванди таълим

Оила ва махсусан падару модарон дар ташаккули таҷрибаи таълимӣ ва некуаҳволии хонандагон нақши муҳим доранд. Иштироки мунтазами оила дар ҳаёти мактабӣ ба нигоҳ доштани ҳавасмандии омӯзишии хонандагон, таҳкими арзиши таҳсилот ва дастгирии эмотсионалӣ, махсусан дар давраи наврасии хонандагон, мусоидат мекунад.

Гарчанде ки дастгирии оила нақши мактаб ва омӯзгоронро иваз намекунад, он раванди таълимро пурра намуда, ба хонандагон барои нигоҳ доштани сатҳи иштироки онҳо дар раванди таълим, бартараф намудани мушкилот ва нигоҳ доштани муносибати мусбати хонандагон ба мактаб кӯмак мерасонад. Маълумоти таҳқиқоти PISA имкон медиҳад арзёбӣ карда шавад, ки то чӣ андоза мунтазам хонандагон чунин дастгириро аз ҷониби оила эҳсос мекунанд. Ин маълумот дар бораи муҳити таълимие, ки хонандагон дар он ба воя мерасанд ва таҳсил мекунанд, тасаввуроти иловагӣ медиҳад.

4.6. Сатҳи иштироки оилаҳо дар раванди таълим дар шаҳри Душанбе дар муқоиса бо кишварҳои мавриди баррасӣ

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи иштироки оилаҳо дар раванди таълим дар шаҳри Душанбе дар муқоиса бо кишварҳо ва иқтисодҳои ба таҳлили муқоисавӣ дохилшуда чунин аст: 63,4%-и хонандагон хабар додаанд, ки падару модар ё дигар аъзои оилаи онҳо ҳадди ақал як маротиба дар як ҳафта дар бораи он ки дар давоми рӯз дар мактаб бо онҳо чӣ рӯй додааст, пурсон мешаванд. Ин нишондиҳанда нисбат ба Арманистон (71,7%) пасттар буда, ҳамзамон аз нишондиҳандаҳои Озарбойҷон (62,6%), Қирғизистон (57,3%) ва Қазоқистон (54,4%) каме баландтар мебошад (расми 4.6.1.).


Фарқиятҳои мушоҳидашаванда метавонанд бо омилҳои гуногун, аз ҷумла хусусиятҳои шуғли волидайн, шароити меҳнат, ӯҳдадориҳои оилавӣ, тасаввуроти фарҳангӣ дар бораи нақши оила дар таҳсилот, инчунин хусусияти ҳамкории байни мактаб ва оила вобаста бошанд.

Бояд ба назар гирифт, ки натиҷаҳои PISA танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи иштироки оилаҳо дар раванди таълимро инъикос мекунанд ва барои пурра арзёбӣ намудани сифат, шаклҳо ва шиддатнокии иштироки волидайн дар раванди таълим имкон намедиҳанд. Бо вуҷуди ин, онҳо имкон медиҳанд муайян карда шавад, ки то чӣ андоза мунтазам хонандагон таваҷҷӯҳи аҳли оилаи худ нисбат ба ҳаёти мактабии худро эҳсос мекунанд.

Расми 4.6.1.

Дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо

Ҳиссаи хонандагоне, ки хабар додаанд, ки волидайн ё дигар аъзои оилаашон ҳадди ақал як маротиба дар як ҳафта аз онҳо мепурсанд, ки дар он рӯз дар мактаб чӣ кор кардаанд.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

4.7. Дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо ва робитаи он бо некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводнокии онҳо аз илмҳои табиатшиносӣ

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи баланди дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо бо сатҳи баланди некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои баландтар аз рӯйи саводи илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) алоқаманд аст.

Дар шаҳри Душанбе хонандагоне, ки иштирок ва дастгирии бештарро аз ҷониби оила эҳсос мекунанд, бештар дар бораи сатҳи баландтари қаноатмандӣ аз зиндагӣ ва эҳсоси қавитари мансубият ба мактаб хабар медиҳанд. Илова бар ин, сатҳи баланди дастгирӣ аз ҷониби оила бо натиҷаҳои баландтари хонандагон аз рӯйи саводи илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) алоқаманд аст (ҷадвали 4.7).

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дастгирӣ аз ҷониби оила метавонад дар некуаҳволии эмотсионалии хонандагон, мутобиқшавии иҷтимоии онҳо дар муҳити мактабӣ ва дастовардҳои таълимӣ нақши муҳим дошта бошад. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки робитаҳои муайяншуда аз мавҷудияти вобастагии сабабӣ ва натиҷавӣ шаҳодат намедиҳанд. Натиҷаҳои баландтари таълимӣ ва муносибати мусбат ба мактаб низ метавонанд ба иштироки фаъолтари оила дар ҳаёти таълимии хонандагон мусоидат кунанд.

Ҷадвали 4.7.

Дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо, некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводноки аз илмҳои табиатшиносӣ

Робитаи байни дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо, некуаҳволии хонандагон ва натиҷаҳои саводноки аз илмҳои табиатшиносӣ.

	Қаноатмандӣ аз зиндагӣ	**Ҳисси мансубият ба мактаб**	**Натиҷаҳо аз рӯи илмҳои табиатшиносӣ**
Робита бо дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо	Мусбат	Мусбат	Мусбат


Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо дар шаҳри Душанбе дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон фарқ мекунад. Фарқиятҳои бештар назаррас вобаста ба натиҷаҳои таълимии хонандагон ва вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо мушоҳида мешаванд, дар ҳоле ки фарқиятҳо аз рӯйи ҷинс камтар ифода ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сатҳи дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо дар шаҳри Душанбе дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон фарқ мекунад. Фарқиятҳои бештар возеҳ вобаста ба натиҷаҳои таълимии хонандагон мушоҳида мешаванд. Индекси дастгирӣ аз ҷониби оила дар байни хонандагони дорои натиҷаҳои баланди таълимӣ нисбат ба хонандагони дорои натиҷаҳои паст 0,9 банди индекс баландтар аст. Фарқият вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ хеле камтар буда, ба 0,2 банди индекс ба фоидаи хонандагони дорои сатҳи баландтари иҷтимоию иқтисодӣ баробар аст. Фарқият аз рӯйи ҷинс −0,3 банди индексро ташкил медиҳад, ки аз сатҳи баланди дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо дар байни духтарон нисбат ба писарон шаҳодат медиҳад. Ҳамаи ин фарқиятҳо аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок мебошанд. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки фарқият дар сатҳи дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо бештар бо натиҷаҳои таълимии хонандагон алоқаманд аст, дар ҳоле ки фарқиятҳо вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷинс камтар ифода ёфтаанд. Натиҷаҳои бадастомада дар расми 4.7.1. пешниҳод шудаанд.

Расми 4.7.1.

Дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо вобаста ба хусусиятҳои хонандагон

Индекси дастгирӣ аз ҷониби оила вобаста ба ҷинс, мақоми иҷтимоию иқтисодӣ ва натиҷаҳои таълимии хонандагон.



Манбаъ: пойгоҳи маълумоти PISA 2025.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дастгирӣ аз ҷониби оилаҳо дар шаҳри Душанбе ҳам бо вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон ва ҳам бо натиҷаҳои таълимии онҳо робитаи зич дорад. Фарқиятҳои бештар возеҳ байни хонандагони дорои сатҳҳои гуногуни дастовардҳои таълимӣ мушоҳида мешаванд. Ҳамзамон, робитаҳои муайяншударо набояд ҳамчун робитаҳои сабабӣ ва натиҷавӣ маънидод кард. Сатҳи баланди дастгирӣ аз ҷониби оила метавонад ба натиҷаҳои беҳтари таълимии хонандагон мусоидат кунад, аммо эҳтимол дорад таъсири баръакс низ вуҷуд дошта бошад: хонандагони дорои дастовардҳои баландтари таълимӣ метавонанд бештар аз таваҷҷӯҳ ва дастгирии оила бархӯрдор шаванд.

БОБИ 5

Самтҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф оид ба баланд бардоштани сифати таҳсил, таъмини адолат ва некуаҳволии хонандагон дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)

Дар боби мазкур самтҳои эҳтимолии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф пешниҳод шудаанд, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти PISA дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон) таҳия гардидаанд. Самтҳои пешниҳодшуда рӯйхати мукаммали тавсияҳоро дар бар намегиранд, аммо соҳаҳои калидиеро инъикос менамоянд, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар онҳо имкониятҳои такмили минбаъдаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро нишон медиҳанд. Татбиқи онҳо метавонад ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, таъмини адолат ва беҳтар намудани некуаҳволии хонандагон мусоидат намояд.

Блоки 5.1. Дидгоҳи миллӣ оид ба рушди маориф ва афзалиятҳои стратегӣ дар шаҳри Душанбе (Тоҷикистон)

Рушди низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз омилҳои калидии таҳкими сармояи инсонӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии он баррасӣ мегардад. Дар шаҳри Душанбе масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот, таъмини адолат ва фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ барои ҳамаи хонандагон аҳаммияти махсус доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA имкон медиҳанд, ки самтҳои асосии такмили минбаъдаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф муайян карда шаванд. Ба онҳо баланд бардоштани сатҳи саводнокии функсионалии хонандагон, таъмини сатҳи базавии дастовардҳои таълимӣ, коҳиш додани фарқият дар натиҷаҳои таълимӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳсили бомуваффақият барои ҳамаи хонандагон, новобаста аз вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо, дохил мешаванд.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ба навсозии мӯҳтавои таҳсилот, рушди инфрасохтори рақамии мактабҳо, такмили механизмҳои арзёбии сифати таҳсилот ва баланд бардоштани иқтидори касбии кадрҳои педагогӣ нигаронидашуда амалӣ карда мешаванд.

Самтҳои мазкур ба афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мувофиқат дошта, бо Ҳадафи 4-уми рушди устувор ҳамоҳанг мебошанд, ки таъмини таҳсилоти фарогир, одилона ва босифат, инчунин васеъ намудани имкониятҳои омӯзиш дар тамоми давраи ҳаётро пешбинӣ менамояд.

5.1.1. Самти афзалиятноки 1: Таъмини сатҳи базавии дастовардҳои таълимӣ барои ҳамаи хонандагон

Таъмини шароит барои ноилшавии ҳамаи хонандагон ба сатҳи базавии омодагӣ аз рӯи саводи илмҳои табиатшиносӣ ва саводи хондан, махсусан хонандагоне, ки дар шароити нисбатан номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки ҳиссаи хонандагоне, ки ба сатҳи базавии омодагӣ (сатҳи 2 аз рӯи ҷадвали PISA) ноил шудаанд, бахусус аз рӯи саводи илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), ҳамоно паст боқӣ мемонад. Танҳо 11,8%-и хонандагон аз рӯи саводи илмҳои табиатшиносӣ, 23,5% – аз рӯи саводи математикӣ ва 18,1% – аз рӯи саводи хондан ба сатҳи базавӣ мерасанд. Илова бар ин, вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон фарқиятҳо дар натиҷаҳои таълимӣ боқӣ мемонанд, ки зарурати минбаъд коҳиш додани нобаробарии таълимиро нишон медиҳад. Натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти фароҳам овардани шароитеро таъкид мекунанд, ки ноил гардидани ҳамаи хонандагон ба сатҳи ҳадди ақали саводнокии функсионалиро таъмин намояд.

Таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудан ба саводи илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) зарур аст, зеро маҳз аз рӯи ин самт дар шаҳри Душанбе натиҷаҳои пасттарин ба қайд гирифта шудаанд. Ин метавонад аз зарурати таҳлили минбаъдаи сифати таълими илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), мӯҳтавои таълим ва шароити омӯзиши онҳо шаҳодат диҳад.

5.1.2. Самтҳои эҳтимолии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф

Сиёсати давлатӣ метавонад ба ошкорсозии барвақти мушкилоти таълимӣ ва пешниҳоди дастгирии суроғавӣ ба хонандагон дар асоси натиҷаҳои арзёбии ташхисӣ ва ташаккулдиҳанда равона карда шавад. Чунин дастгирӣ метавонад таълим дар гурӯҳҳои хурд, роҳнамоӣ аз ҷониби мураббиён (тюторҳо), инчунин барномаҳои кӯтоҳмуддати бартараф намудани камбудиҳои таълимиро дар бар гирад. Ҳамзамон, яке аз самтҳои ояндадори сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф муайян намудани талаботи ҳадди ақал ба натиҷаҳои таълимӣ дар стандартҳои давлатии таҳсилот, ки ноил гардидани ҳамаи хонандагон ба сатҳи базавии саводнокии функсионалиро таъмин менамоянд, мебошад.

Чораҳои кӯтоҳмуддат:

- пурзӯр намудани дастгирии мактабҳо ва омӯзгорон дар кор бо хонандагоне, ки бо мушкилоти таълимӣ рӯ ба рӯ мешаванд, аз ҷумла гузаронидани ташхиси мунтазами натиҷаҳои таълимӣ барои муайян намудани хонандагоне, ки ба сатҳи базавии омодагӣ ноил нашудаанд, таҳияи нақшаҳои дастгирии суроғавӣ аз ҷониби мактабҳо ва таъмин намудани омӯзгорон бо тавсияҳои методӣ оид ба кор бо чунин хонандагон;
- тавсеаи истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда тавассути омодасозии омӯзгорон оид ба масъалаҳои истифодаи супоришҳои ташхисӣ, таҳлили натиҷаҳои таълим ва ислоҳи раванди таълим. Ба мактабҳо тавсия додан мумкин аст, ки натиҷаҳои арзёбии ҷориро барои ошкорсозии барвақти камбудиҳо дар дониш ва банақшагирии дастгирии иловагӣ истифода баранд;
- ҷорӣ намудани барномаҳои дастгирии таълимии инфиродӣ ва гурӯҳӣ (тюторӣ) барои хонандагоне, ки сатҳи пасти натиҷаҳои таълимӣ доранд. Амалӣ намудани чунин барномаҳо метавонад ташкили машғулиятҳои иловагӣ дар гурӯҳҳои хурд, омодасозии омӯзгорон ё мураббиён (тюторҳо), истифодаи маълумоти ташхисӣ барои ташкили гурӯҳҳо ва мониторинги пешрафти хонандагонро дар бар гирад.

Чораҳои дарозмуддат:

- такмил додани стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ бо таваҷҷӯҳ ба рушди саводнокии функсионалӣ. Ин метавонад тавассути бознигарии натиҷаҳои пешбинишавандаи таълимӣ, татбиқи васеътари муносибати босалоҳият дар барномаҳои таълимӣ, зиёд намудани ҳиссаи супоришҳое, ки ба истифодаи донишҳо дар ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ равона шудаанд, инчунин навсозии тадриҷии маводи таълимию методӣ мутобиқи равишҳои муосири байналмилалӣ оид ба арзёбии дастовардҳои таълимӣ амалӣ карда шавад;
- рушди минбаъдаи низоми миллии арзёбии натиҷаҳои таълимӣ. Тавсия дода мешавад, ки истифодаи таҳқиқоти миллии мониторингӣ ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда барои пайгирии мунтазами дастовардҳои таълимии хонандагон, сари вақт ошкор намудани камбудиҳои таълимӣ ва арзёбии самаранокии ислоҳоти амалишавандаи соҳаи маориф васеъ карда шавад;

- эҷоди механизмҳои устувори дастгирии хонандагоне, ки сатҳи пасти дастовардҳои таълимӣ доранд. Устувории дарозмуддати чунин низом метавонад тавассути ташаккули фарҳанги дастгирии барвақтии ҳар як хонанда, рушди ҳамкорӣ байни мактаб, оила ва ҷомеаи маҳаллӣ, инчунин баланд бардоштани арзишмандии иҷтимоии таҳсилот тавассути маъракаҳои иттилоотӣ, лоиҳаҳои маърифатӣ ва паҳн намудани амалияҳои муваффақи таълимӣ дар воситаҳои ахбори омма ва муҳити рақамӣ таъмин карда шавад.

Блоки 5.2. Таҷрибаи байналмилалӣ оид ба баланд бардоштани саводнокии илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология)

Таҷрибаи як қатор кишварҳо нишон медиҳад, ки баланд бардоштани устувори сатҳи саводнокии илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) на тавассути ташаббусҳои алоҳида, балки дар натиҷаи ислоҳоти фарогир ба даст оварда мешавад. Чунин ислоҳот такмили мӯҳтавои таълим, рушди таълими ба амалия ва таҳқиқот нигаронидашуда, инчунин омодасозии системавӣ ва мунтазами кадрҳои педагогиро дар бар мегирад.

Дар Бруней-Доруссалом як қатор чораҳо оид ба такмили таълими илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), рушди таълими ба амалия ва таҳқиқот нигаронидашуда, инчунин баланд бардоштани сатҳи тахассусии омӯзгорон амалӣ карда шудаанд. Таҷрибаи мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи рушди минбаъдаи таълими илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) ва такмили омодагии касбии омӯзгорон аҳаммияти хос дорад.

Сингапур ба шарофати татбиқи пайвастаи муносибати системавӣ дар самти саводнокии илмҳои табиатшиносӣ натиҷаҳои устувори сатҳи баланд нишон медиҳад. Ин муносибат таълим ба таҳқиқот нигаронидашуда, истифодаи васеи супоришҳои амалӣ, рушди тафаккури илмии хонандагон ва сатҳи баланди омодагии касбии кадрҳои педагогиро дар бар мегирад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи байналмилалии мазкур аҳаммияти амалӣ дорад, зеро он ба афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мутобиқ буда, метавонад дар раванди такмили минбаъдаи таълими илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) истифода шавад.

Манбаъ: СҲИР (2023), *Натиҷаҳои PISA 2022* (Ҷилдҳои I–II)

5.2.1. Самти афзалиятноки 2: Коҳиш додани нобаробарӣ дар имкониятҳои таълимӣ ва натиҷаҳои таълимӣ

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки дастовардҳои таълимии хонандагон дар шаҳри Душанбе вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо фарқ мекунанд. Илова бар ин, байни намудҳои алоҳидаи муассисаҳои таълимӣ ва гурӯҳҳои гендерии хонандагон низ фарқиятҳо ба мушоҳида мерасанд.

5.2.2. Самтҳои эҳтимолии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф

Сиёсати давлатӣ метавонад ба таъсиси механизмҳои иловагии дастгирии хонандагоне, ки дар шароити нисбатан номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд, инчунин мактабҳое, ки ба дастгирии бештар ниёз доранд, равона карда шавад. Чунин чораҳо метавонанд тақсимоти суроғавии захираҳои молиявӣ, кадрӣ ва педагогӣ, такмили механизмҳои ҷалбсозӣ ва нигоҳдории омӯзгорони соҳибтахассус дар мактабҳои бештар ниёзманд, инчунин рушди минбаъдаи низоми мониторинги натиҷаҳои таълимиро дар бар гиранд. Рушди низоми мониторинг бояд барои сари вақт муайян намудани хавфҳои марбут ба натиҷаҳои таълимӣ ва арзёбии самаранокии чораҳои андешидашуда мусоидат намояд.

Чораҳои кӯтоҳмуддат:

- таҳияи механизмҳои дастгирии суроғавии мактабҳое, ки дар онҳо ҳиссаи зиёди хонандагони дорои шароити нисбатан номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ таҳсил мекунанд, аз ҷумла муайян намудани мактабҳои дорои эҳтиёҷоти баланди таълимӣ дар асоси маълумоти мониторинги натиҷаҳои таълимӣ ва хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии хонандагон, инчунин муайян намудани самтҳои афзалиятноки дастгирӣ;
- васеъ намудани дастрасии мактабҳо ба захираҳои босифати таълимию методӣ, аз ҷумла таъсис ё рушди захираи ягонаи рақамӣ бо маводи ройгон барои омӯзгорон ва хонандагон, тавсияҳои методӣ, супоришҳои ташхисӣ ва намунаҳои таҷрибаҳои самараноки таълим. Дар сурати мавҷуд будани платформаҳои амалкунандаи рақамии таълимӣ, истифодаи васеътари онҳо аз ҷониби мактабҳоро таъмин кардан мувофиқи мақсад мебошад;
- рушди дастгирии касбии омӯзгороне, ки дар мактабҳои дорои эҳтиёҷоти баландтарини таълимӣ фаъолият мекунанд, тавассути гузаронидани семинарҳои методӣ, вебинарҳо ва машваратҳо оид ба масъалаҳои кор бо гурӯҳҳои гуногуни хонандагон, истифодаи стратегияҳои самараноки таълим ва мутобиқсозии раванди таълим ба эҳтиёҷоти инфиродии хонандагон.

Чораҳои дарозмуддат:

- такмили механизмҳои маблағгузорӣ бо назардошти шароити иҷтимоию иқтисодии фаъолияти мактабҳо ва эҳтиёҷоти таълимии хонандагон тавассути тақсимоти суроғавитари маблағҳои буҷетӣ, ҷалби захираҳои иловагӣ тавассути барномаҳои ҳамкории байналмилалӣ, ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор ва дастгирии ташаббусҳои таълимӣ дар сатҳи мактабҳо;
- рушди низоми устувори дастгирии суроғавии мактабҳое, ки дар онҳо ҳиссаи назарраси хонандагони дорои шароити нисбатан номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ таҳсил мекунанд;
- ҷорӣ намудани механизмҳои муайянсозии барвақт ва роҳнамоии хонандагоне, ки бо мушкилоти таълимӣ рӯ ба рӯ мешаванд;
- рушди механизмҳои ҷалбсозӣ ва нигоҳдории омӯзгорони соҳибтахассус дар мактабҳое, ки дорои эҳтиёҷоти баландтарини таълимӣ мебошанд;
- таъсис додани низоми устувори мониторинги нобаробарии таълимӣ ва арзёбии самаранокии чораҳои андешидашуда.

Блоки 5.3. Коҳиш додани нобаробарӣ тавассути дастгирии суроғавии мактабҳо

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки коҳиш додани нобаробарӣ дар соҳаи маориф на танҳо маблағгузории иловагии мактабҳо, балки таъсиси механизмҳоеро талаб мекунад, ки истифодаи самараноки захираҳоро барои баланд бардоштани сифати таълим таъмин намоянд. Дар бисёр кишварҳо дастгирии суроғавии мактабҳо таҳия ва татбиқи ҳатмии барномаҳои баланд бардоштани натиҷаҳои таълимиро дар бар мегирад.

Яке аз чунин намунаҳо барномаи маблағгузории афзалиятноки мактабҳо дар Чили мебошад. Дар доираи ин барнома мактабҳое, ки ҳиссаи назарраси хонандагони дорои шароити нисбатан номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ доранд, дар сурати татбиқи нақшаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мониторинги мунтазами натиҷаҳои бадастомада захираҳои молиявии иловагӣ мегиранд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи мазкур аҳаммияти амалӣ дорад, зеро он имконияти омезиши дастгирии суроғавии мактабҳо бо механизмҳои баланд бардоштани иқтидори ташкилӣ ва педагогии онҳоро нишон медиҳад. Чунин муносибат метавонад ба тақсимоти одилонаи захираҳо ва баланд бардоштани сифати таҳсилот дар мактабҳое, ки эҳтиёҷоти баландтарини таълимӣ доранд, мусоидат намояд.

Манбаъ: СҲИР (2018), Дурнамои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф: Чили; СҲИР (2023), Баробарӣ ва фарогирӣ дар соҳаи маориф.

5.3.1. Самти афзалиятноки 3: Таҳкими иштироки хонандагон ва сифати амалияҳои педагогӣ

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагон баъзе ҷанбаҳои амалияҳои педагогии ҳангоми таълими илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология) истифодашавандаро мусбат арзёбӣ мекунанд. Ҳамзамон, барои рушди минбаъдаи усулҳои таълим, ки ба баланд бардоштани иштироки хонандагон дар раванди таълим, рушди малакаҳои таҳқиқотӣ ва ташаккули саводнокии функсионалӣ равона шудаанд, имкониятҳо вуҷуд доранд. Дар ин робита, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф метавонад такмили минбаъдаи амалияҳои педагогии дастгирикунандаи таълими фаъол, ба амалия нигаронидашуда ва таҳқиқотӣ бошад.

5.3.2. Самтҳои эҳтимолии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф

- васеъ намудани истифодаи усулҳои таълими ба амалия нигаронидашуда ва таҳқиқотӣ ҳангоми таълими илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология);
- рушди минбаъдаи амалияи арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи дастгирии раванди таълим ва сари вақт муайян намудани мушкилоти таълимӣ;
- такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон бо таваҷҷӯҳ ба истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва рушди саводнокии функсионалии хонандагон.

Чораҳои кӯтоҳмуддат:

- пурзӯр намудани дастгирии методии омӯзгорон оид ба истифодаи усулҳои фаъоли таълим, таълими ба амалия нигаронидашуда ва таҳқиқотӣ. Ин чора метавонад тавассути таҳияи тавсияҳои методӣ, гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ ва мастер-классҳо барои омӯзгорон, инчунин таъсис додан ва паҳн намудани махзани амалияҳои муваффақи педагогӣ амалӣ карда шавад;
- васеъ намудани истифодаи супоришҳои таълимие, ки ба ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ ва истифодаи амалии донишҳои илмҳои табиатшиносӣ асос ёфтаанд. Рушди амалияи таҳия ва истифодаи супоришҳои ба формати PISA монанд, аз ҷумла таъсиси бонки миллии чунин супоришҳо барои истифода дар раванди таълим мувофиқи мақсад аст;

- рушди фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотии хонандагон дар доираи раванди таълим. Ин метавонад тавассути ташкили лоиҳаҳои таълимӣ, корҳои лабораторӣ ва амалӣ, таҳқиқотҳои байнифаннӣ, иштироки хонандагон дар озмунҳо, фестивалҳои илмӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти таҳқиқотӣ таъмин карда шавад;
- рушди амалияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълим. Муҳим аст, ки истифодаи мунтазами пешниҳоди фикру мулоҳизаҳо, худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии ҳамдигарии хонандагон тавсеа дода шуда, натиҷаҳои арзёбӣ барои ислоҳи раванди таълим, сари вақт муайян намудани мушкилоти таълимӣ ва инфиродикунонии таълим истифода шаванд.

Чораҳои дарозмуддат:

- такмили системаи тайёркунӣ ва рушди муттасили касбии кадрҳои педагогӣ бо таваҷҷӯҳ ба усулҳои муосири таълим;
- ба таври системавӣ ҷорӣ намудани таълими таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ ба раванди таълим тавассути навсозии стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимӣ ва маводи таълимию методӣ, ки афзоиши ҳиссаи шаклҳои амалӣ, таҷрибавӣ ва байнисоҳавии таълимро пешбинӣ менамояд;
- рушди фарҳанги таълими фаъол дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, ки ба ташаккули саводнокии функсионалӣ, тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои ҳалли масъалаҳои амалӣ равона шудааст.

Блоки 5.4. Намунаи сиёсати давлатӣ: рушди муҳити бехатар ва дастгирикунанда дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Қазоқистон

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ташаккули муҳити бехатар ва дастгирикунандаи таълимӣ муносибати ҳамаҷонибаро талаб менамояд, ки пешгирии зӯроварӣ ва озори ҳамсолон (буллинг), рушди системаи дастгирии равонӣ ва педагогӣ ва таҳкими фазои мусбати мактабиро дар бар мегирад.

Яке аз намунаҳои татбиқи чунин сиёсат Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад, ки дар он солҳои охир бо дастгирии ЮНИСЕФ як қатор барномаҳо оиди пешгирии зӯроварӣ (буллинг), такмили системаи дастгирии равонӣ ва педагогии хонандагон, тайёркунии кадрҳои педагогӣ ва мониторинги мунтазами фазои мактабӣ амалӣ карда мешаванд. Ба ташаккули ҳисси бехатарӣ, эҳсоси мансубият ба мактаб ва рушди муносибатҳои мусбат байни хонандагон ва омӯзгорон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таҷриба аҳаммияти амалӣ дорад, зеро натиҷаҳои таҳқиқоти PISA ба робитаи зичи байни фазои мактабӣ, некуаҳволии хонандагон ва иштироки онҳо дар раванди таълим ишора мекунанд. Рушди системаи ҳамаҷонибаи пешгирии зӯроварӣ (буллинг), дастгирии равонӣ ва педагогӣ ва мониторинги некуаҳволии хонандагон метавонад ба ташаккули муҳити таълимии бехатар, дастгирикунанда ва фарогир мусоидат намояд.

Манбаъҳо:

Ҳисоботи солонаи Қазоқистон барои соли 2024: *https://kazakhstan.un.org/en/291613-un-kazakhstan-annual-report-2024*.

Ҳисоботи солонаи ЮНИСЕФ дар Қазоқистон барои соли 2025: *https://www.unicef.org/kazakhstan/en/reports/country-office-annual-report-2025-unicef-kazakhstan*

5.4.1. Самти афзалиятноки 4: Тақвияти давомот, ҷалбшавӣ ва иштироки хонандагон дар ҳаёти мактаб

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагони шаҳри Душанбе мунтазам ба дарсҳо ҳозир мешаванд ва сатҳи баланди иштирок дар раванди таълимро нигоҳ медоранд. Дар баробари ин, дар баъзе аз хонандагон нишонаҳои коҳиши иштирок дар раванди таълим, аз ҷумла дарсгурезӣ ва фаҳмиши нокифояи аҳаммияти амалии таҳсили мактабӣ мушоҳида мешавад. Чунин хусусиятҳо асосан натиҷаҳои нисбатан пасти таълимиро ба бор меоранд.

Ҳисси бегонагӣ нисбати мактаб ва номунтазам ҳозир шудан ба дарсҳо бештар дар байни писарон ва хонандагоне мушоҳида мешавад, ки шароити нисбатан номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ доранд. Ин зарурати татбиқи чораҳои системавӣ барои нигоҳ доштани иштироки устувори хонандагон дар раванди таълимро таъкид менамояд.

Дар ин робита, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати соҳаи маориф метавонад рушди механизмҳои муайянкунии барвақти хонандагони гурӯҳи зери хатар дар асоси маълумот оид ба давомот, фаъолияти таълимӣ ва натиҷаҳои таълимӣ бошад. Самти муҳими дигар тақвияти корҳои роҳнамоии касбӣ ва баланд бардоштани дарки аҳаммияти амалии таҳсил дар мактаб аз ҷониби хонандагон мебошад.

Чораҳои кӯтоҳмуддат:

- ҷорӣ намудани системаҳои муайянкунии барвақти хонандагони гурӯҳи зери хатар дар асоси маълумот оид ба давомот, ҳолатҳои дер омадан ба дарсҳо, фаъолияти таълимӣ ва натиҷаҳои таълимӣ;
- тақвияти роҳнамоии касбӣ ва машварати касбӣ барои хонандагон, аз ҷумла тавассути гузаронидани вохӯриҳо бо намояндагони касбҳои гуногун, корхонаҳо, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва таҳсилоти олӣ, инчунин истифодаи воситаҳои муосири рақамии роҳнамоии касбӣ;
- васеъ намудани амалияи муҳокимаи масирҳои таҳсилӣ ва касбии хонандагон дар доираи раванди таълим. Ин чора метавонад тавассути гузаронидани соатҳои тарбиявӣ, машваратҳои инфиродӣ ва чорабиниҳои роҳнамоии касбӣ бо иштироки омӯзгорон, равоншиносон ва волидон амалӣ карда шавад. Ҳадафи чунин чорабиниҳо огоҳ намудани хонандагон дар бораи имкониятҳои таҳсили минбаъда, рушди малакаҳои банақшагирии масири таҳсилӣ ва интихоби огоҳонаи масири касбии оянда мебошад.

Чораҳои дарозмуддат:

- рушди системаҳои устувори мактабӣ барои роҳнамоии хонандагони гурӯҳи зери хатар дар муассисаҳои таълимӣ дар асоси маълумот оид ба давомот, иштироки хонандагон дар раванди таълим ва натиҷаҳои таълимӣ;
- таҳкими ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва олӣ бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои худмуайянкунии касбии хонандагон;
- такмили системаи миллии муайянкунии барвақт ва роҳнамоии хонандагони гурӯҳи зери хатар бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла таҷрибаҳое, ки ба ҳамгироии муайянкунии барвақти хавфҳои таълимӣ ва дастгирии инфиродии хонандагон асос ёфтаанд.

5.4.2. Самти афзалиятноки 5: Баланд бардоштани сифати таълим ва таъмини тақсимоти одилонаи кадрҳои омӯзгорӣ, захираҳои таълимӣ ва моддию техникӣ

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сифати таълим, бо кадрҳои педагогии соҳибихтисос таъмин будани муассисаҳои таълимӣ ва дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ аз ҷумлаи шароитҳои муҳими таъмини натиҷаҳои баланди таълимии хонандагон мебошанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки байни муассисаҳои таълимӣ дар робита ба

масъалаи таъмин будан бо омӯзгорони соҳибихтисос, бахусус дар муассисаҳои таълимие, ки дар онҳо хонандагони дорои шароити нисбатан номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ таҳсил мекунанд, ҳанӯз ҳам фарқиятҳо боқӣ мондаанд.

Фарқиятҳои мавҷуда дар дастрасӣ ба кадрҳои педагогии соҳибихтисос зарурати такмили минбаъдаи системаи тайёркунӣ, рушди касбӣ ва тақсимоти омӯзгоронро бо назардошти эҳтиёҷоти таълимии муассисаҳои таълимӣ таъкид менамоянд. Дар баробари ин, таъмини дастрасии одилонатар ба маводи муосири таълимӣ ва захираҳои моддӣ барои муассисаҳои таълимӣ ҳамчун самти муҳими дигар боқӣ мемонад.

Блоки 5.5. Таҷрибаи байналмилалӣ оид ба баланд бардоштани сифати кадрҳои омӯзгорӣ: намунаи Эстония

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки сифати кадрҳои педагогӣ яке аз омилҳои калидии муайянкунандаи натиҷаҳои таълимии хонандагон мебошад. Такмили устувори сифати таҳсилот на танҳо системаи самараноки тайёркунии омӯзгорон, балки фароҳам овардани шароит барои рушди муттасили касбии онҳо дар тамоми давраи фаъолияти меҳнатиашонро талаб менамояд.

Яке аз намунаҳои муваффақтарин Эстония мебошад, ки системаи тайёркунӣ ва рушди касбии кадрҳои педагогиро пайваста такмил додааст. Ба баланд бардоштани талабот нисбат ба таҳсилоти педагогӣ, рушди мураббигӣ, дастгирии омӯзгорони ҷавон ва васеъ намудани имкониятҳои омӯзиши муттасили касбӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи мазкур аҳаммияти амалӣ дорад, зеро он аҳаммияти муносибати системавӣ ба рушди кадрҳои педагогиро ҳамчун яке аз шартҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот нишон медиҳад. Такмили пайвастаи тайёркунӣ, рушди касбӣ ва дастгирии омӯзгорон метавонад ба таҳкими иқтидори кадрии низоми маориф ва беҳтар гардидани натиҷаҳои таълимии хонандагон мусоидат намояд.

Манбаъ: OECD (2021), Education Policy Outlook 2021; OECD (2024), Education Policy Outlook 2024.

Чораҳои кӯтоҳмуддат:

- тақвияти муваққатии таъминоти кадрии муассисаҳои таълимӣ, ки эҳтиёҷоти бештари таълимӣ доранд;
- татбиқи барномаҳои мақсадноки баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон оид ба рушди саводи илмҳои табиатшиносӣ, саводи математикӣ ва саводи хондани хонандагон;

- таъмини суроғавии муассисаҳои таълимии дорои эҳтиёҷоти бештари таълимӣ бо маводи муосири таълимӣ ва захираҳои моддӣ.

Чораҳои дарозмуддат:

- такмили системаи таҳсилоти педагогӣ ва стандартҳои касбии фаъолияти педагогӣ. Ин метавонад тавассути навсозии мӯҳтавои барномаҳои тайёркунӣ ва баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон бо назардошти талаботи муосир ба салоҳиятҳои касбии омӯзгор, тақвияти самти амалии таҳсилоти педагогӣ, рушди системаи рушди муттасили касбии омӯзгорон, инчунин такмили механизмҳои арзёбӣ ва аттестатсияи кадрҳои педагогӣ мутобиқи стандартҳои навшудаи касбӣ амалӣ карда шавад;
- рушди механизмҳои ҷалбсозӣ, нигоҳдорӣ ва дастгирии касбии омӯзгорони соҳибихтисос дар муассисаҳои таълимие, ки эҳтиёҷоти бештари таълимӣ доранд;
- рушди минбаъдаи низоми миллии рушди муттасили касбии кадрҳои педагогӣ;
- рушди низоми мураббигӣ ва ҷомеаҳои касбии омӯзгорон.

5.5.1. Самти афзалиятноки 6: Таҳкими муҳити бехатар ва дастгиркунандаи мактаб

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз дарки дар маҷмӯъ мусоиди бехатарии мактаб, як қисми хонандагон ҳанӯз ҳам бо шаклҳои гуногуни зӯроварӣ (буллинг) ва рафтори хашмгинона рӯ ба рӯ мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дучор шудан ба зӯроварӣ пеш аз ҳама бо коҳиши қаноатмандӣ аз зиндагӣ ва эҳсоси мансубият ба мактаб алоқаманд аст. Ин аҳаммияти рушди минбаъдаи чораҳои ҳамаҷонибаро, ки ба пешгирии зӯроварӣ, таҳкими фазои мусбати мактабӣ ва таъмини муҳити бехатару дастгирикунандаи таълимӣ барои ҳамаи хонандагон равона шудаанд, таъкид менамояд.

Чораҳои кӯтоҳмуддат:

- татбиқи барномаҳои ҳамаҷонибаи пешгирии зӯроварӣ (буллинг) ва ташаккули муҳити бехатари мактабӣ. Татбиқи ин чора метавонад таҳияи протоколҳои мактабӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои зӯроварӣ, гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ барои хонандагон, омӯзгорон ва волидон, инчунин омӯзишдиҳии омӯзгорон оид ба усулҳои муайянкунии барвақт, пешгирӣ ва ҳалли ҳолатҳои муноқишавиро дар бар гирад;

- мониторинги мунтазами фазои мактабӣ, некуаҳволии хонандагон ва ҳолатҳои зӯроварӣ. Бо ин мақсад истифодаи назарпурсиҳои беноми хонандагон, таҳлили муроҷиатҳои хонандагон, волидон ва омӯзгорон, инчунин ба назар гирифтани натиҷаҳои мониторинг ҳангоми банақшагирӣ ва ислоҳи чораҳои пешгирикунанда мувофиқи мақсад мебошад;
- такмили қоидаҳои рафтор дар мактаб ва механизмҳои пайваста татбиқ намудани онҳо бо иштироки омӯзгорон, хонандагон ва волидон. Ин метавонад тавассути таҳияи расмиёти ягонаи пешгирӣ, баррасӣ ва ҳалли ҳолатҳои муноқишавӣ, инчунин огоҳ намудани ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим дар бораи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо ва механизмҳои дастраси дастгирӣ таъмин карда шавад.

Чораҳои дарозмуддат:

- ташкили низоми устувори таъмини некуаҳволии хонандагон ва пешгирии зӯроварӣ (буллинг) дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ. Ин ҷорӣ намудани муносибатҳои ягона ба пешгирии зӯроварӣ (буллинг), арзёбии мунтазами фазои мактабӣ, таҳияи механизмҳои муайянкунии барвақти ҳолатҳои муноқишавӣ, инчунин расонидани дастгирии методӣ ба муассисаҳои таълимӣ дар татбиқи чораҳои пешгирикунандаро пешбинӣ менамояд;
- рушди системаи тайёркунӣ ва баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон дар соҳаи дастгирии равонӣ ва педагогии хонандагон ва ташаккули фазои мусбати мактабӣ. Ин чора метавонад васеъ намудани дастрасӣ ба равоншиносон ва омӯзгорони иҷтимоии мактаб, такмили барномаҳои тайёркунии кадрҳои педагогӣ, инчунин ҷорӣ намудани барномаҳои рушди малакаҳои иҷтимоию эҳсосии хонандагонро дар бар гирад;
- ташаккули муҳити бехатар, дастгирикунанда ва фарогири таълимӣ, ки ба некуаҳволӣ ва таҳсили муваффақонаи ҳамаи хонандагон мусоидат менамояд. Самти муҳими ин раванд таҳкими ҳамкории мактаб, оилаҳо ва ҷомеаи маҳаллӣ дар масъалаҳои пешгирии ҳолатҳои зӯроварӣ (буллинг) тавассути татбиқи маъракаҳои муштараки иттилоотӣ, омӯзишдиҳии волидон, инчунин рушди механизмҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хадамоти соҳавӣ мебошад.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA дар шаҳри Душанбе аз зарурати татбиқи муносибати ҳамаҷониба ба баланд бардоштани минбаъдаи сифати таҳсилот шаҳодат медиҳанд, ки таъмини сатҳи базавии дастовардҳои таълимӣ барои ҳамаи хонандагон, коҳиш додани нобаробарии таълимӣ, такмили таҷрибаҳои педагогӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва таҳкими муҳити бехатару дастгирикунандаи таълимиро дар бар мегирад.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки такмили устувори натиҷаҳои таълимӣ тавассути ҳамгироии ислоҳоти системавӣ, рушди пайвастаи иқтидори кадрӣ, такмили механизмҳои идоракунии соҳаи маориф ва дастгирии суроғавии хонандагон ва муассисаҳои таълимие, ки эҳтиёҷоти бештари таълимӣ доранд, ба даст оварда мешавад.

Самтҳои пешниҳодшудаи сиёсати соҳаи маориф ба афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мувофиқ буда, метавонанд ҳамчун замина барои муҳокимаи минбаъда ва таҳияи чораҳое, ки ба баланд бардоштани сифат, адолат ва самаранокии низоми маориф равона шудаанд, истифода шаванд.

ИСТИЛОҲҲО ВА МАФҲУМҲОИ АСОСИИ PISA

ИСТИЛОҲ	ТАЪРИФ
Таҳқиқоти PISA (Programme for International Student Assessment / Барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон)	Таҳқиқоти байналмилалии сифати таҳсилот, ки таҳти сарпарастии Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) гузаронида мешавад. Таҳқиқот аз соли 2000 амалӣ шуда, ба арзёбии он равона шудааст, ки то чӣ андоза хонандагони 15-сола метавонанд дониш ва малакаҳои дар мактаб андӯхтаашонро барои ҳалли масъалаҳои амалии ҳаёт истифода баранд. То давраи PISA 2022 таҳқиқот ҳар се сол як маротиба гузаронида мешуд, аммо шурӯъ аз PISA 2025 давраи гузаронидани он ба ҳар чор сол як маротиба тағйир дода шуд. Дар таҳқиқот хонандагони синни аз 15 солаву 3 моҳа то 16 солаву 2 моҳа иштирок мекунанд. Самтҳои асосии арзёбӣ саводи илмҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология), саводи хондан ва саводи математикиро дар бар мегиранд.
Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР)	Ташкилоти байналмилалие, ки соли 1961 таъсис ёфта, кишварҳоро бо мақсади мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ муттаҳид менамояд. СҲИР татбиқи барномаи PISA-ро ҳамоҳанг намуда, муносибатҳои байналмилалӣ барои арзёбии сифати таҳсилотро таҳия мекунад. Қароргоҳи марказии ташкилот дар шаҳри Париж (Фаронса) ҷойгир аст.
Кишварҳои муқоисавӣ	Кишварҳое, ки барои муқоисаи байналмилалии нишондиҳандаҳои шаҳри Душанбе дар доираи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти PISA истифода мешаванд. Ба онҳо кишварҳое дохил мешаванд, ки хусусиятҳои монанди таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии рушд, инчунин муносибатҳои қиёспазир ба ташкили таҳсилоти мактабӣ доранд.
Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ-ҳо)	Рӯзномаи глобалии рушд, ки аз ҷониби давлатҳои узви СММ соли 2015 барои давраи то соли 2030 қабул гардида, 17 ҳадафи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад. Дар заминаи маориф Ҳадафи 4 "Таҳсилоти босифат" аҳаммияти махсус дорад, ки ба таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва васеъ намудани имкониятҳои омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт барои ҳама равона шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти PISA яке аз манбаъҳои маълумот барои мониторинги ноилшавӣ ба вазифаҳои таълимии ҲРУ 4 ба ҳисоб мераванд. Муфассалтар: https://sdgs.un.org/goals.

ИСТИЛОҲ	ТАЪРИФ
Ҳамарзии қобилияти харидорӣ (ҲҚХ, Purchasing Power Parity, PPP)	Усули муқоисаи байналмилалии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ки фарқият дар сатҳи нархҳо байни кишварҳоро ба назар мегирад. Нишондиҳандаҳое, ки бо доллари ИМА аз рӯи ҲҚХ ифода шудаанд, ҳаҷми молу хизматрасониҳоеро инъикос мекунанд, ки бо маблағи дахлдор дар ҳар як кишвар харидан мумкин аст. Ин имкон медиҳад, ки хароҷот, даромад ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ байни кишварҳо дурусттар муқоиса карда шаванд.
Саводнокии функсионалӣ	Қобилияти шахс барои истифодаи дониш, малакаҳо ва таҷрибаи андӯхта ҷиҳати ҳалли масъалаҳои амалӣ, қабули қарорҳои асоснок ва фаъолияти муваффақона дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ. Дар таҳқиқоти PISA саводнокии функсионалӣ тавассути саводи хондан, саводи математикӣ ва саводи илмҳои табиатшиносӣ арзёбӣ карда мешавад.
Саводи фанҳои табиатшиносӣ (физика, химия ва биология)	Қобилияти шахс барои истифодаи дониш ва равишҳои илмӣ ҷиҳати шарҳ додани ҳодисаҳо, тафсири маълумот ва далелҳо, инчунин қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои марбут ба илм ва технология.
Саводи математикӣ	Қобилияти шахс барои таҳия, татбиқ ва тафсири математика дар шароитҳои гуногун. Он тафаккури математикӣ, истифодаи мафҳумҳо, тартибҳо, далелҳо ва воситаҳои математикӣ барои тавсиф, шарҳ ва пешгӯии ҳодисаҳо, инчунин қабули қарорҳои асоснокро дар бар мегирад.
Саводи хондан	Қобилияти хонанда барои фаҳмидан, истифода бурдан, арзёбӣ кардан, тафсир ва таҳлил намудани матнҳои хаттӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои худ, васеъ намудани дониш ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷомеа.
Сатҳҳои ташаккули саводнокӣ дар PISA	Ҷадвали сатҳҳои дастовардҳои хонандагон, ки ба мураккабии супоришҳо ва салоҳиятҳои намоишдода асос ёфтааст. Сатҳҳо имкон медиҳанд, ки донишу малакаҳои хонандагон дар соҳаҳои хониш, математика ва илмҳои табиатшиносӣ тавсиф карда шаванд.
Сатҳи базавии ташаккули саводнокӣ (Сатҳи 2)	Ҳадди ақали сатҳи салоҳиятҳо, ки дар PISA барои иштироки комил дар ҳаёти муосир ва идомаи таҳсил зарур дониста мешавад. Хонандагоне, ки ба ин сатҳ ноил шудаанд, метавонанд дониш ва малакаҳои асосиро дар ҳолатҳои шинос истифода баранд.
Сатҳи асосии саводи фанҳои табиатшиносӣ (Сатҳи 2)	Сатҳе, ки дар он хонандагон метавонанд донишҳои ибтидоии илмиро барои шарҳ додани ҳодисаҳои оддӣ, тафсири маълумот ва арзёбии хулосаҳои бар далелҳо асосёфта истифода баранд.

ИСТИЛОҲ	ТАЪРИФ
Сатҳи базавии саводи математикӣ (Сатҳи 2)	Сатҳе, ки дар он хонандагон метавонанд вазъиятҳои одии математикиро тафсир ва муайян кунанд, ҳисобҳои асосиро иҷро намоянд ва моделҳои оддии математикиро барои ҳалли масъалаҳои амалӣ истифода баранд.
Сатҳи асосии саводи хондан (Сатҳи 2)	Сатҳе, ки дар он хонандагон метавонанд ғояҳои асосии матнро дарк кунанд, маълумоти заруриро пайдо намоянд, робитаҳои оддиро байни қисматҳои матн муайян кунанд ва хулосаҳои ибтидоӣ бароранд.
Хонандагони дорои натиҷаҳои паст дар PISA	Хонандагоне, ки аз рӯи як ё якчанд соҳаи фаннии PISA ба сатҳи асосӣ (Сатҳи 2) ноил нашудаанд.
Натиҷаи миёнаи PISA	Нишондиҳандаи сатҳи миёнаи дастовардҳои таълимии хонандагон, ки тибқи методологияи байналмилалии PISA бо истифода аз қиматҳои ҳақиқатмонанд ва коэффитсиентҳои вазнӣ ҳисоб карда мешавад. Ин усул репрезентативӣ будани намунаҳои интихобшуда ва муқоисашаванда будани натиҷаҳоро байни кишварҳо ва иқтисодҳо таъмин менамояд.
Индекси PISA	Нишондиҳандаи стандартишуда, ки тибқи методологияи байналмилалии СҲИР дар асоси ҷавобҳои хонандагон, директорон ё дигар иштирокчиёни таҳқиқот ба гурӯҳи саволҳои ба ҳам алоқаманди пурсишнома ҳисоб карда мешавад. Индексҳо барои арзёбии миқдории хусусиятҳои гуногуни муҳити таълимӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодии хонандагон, некуаҳволӣ, ҳавасмандӣ, муносибатҳо ва дигар ҷанбаҳое истифода мешаванд, ки бо як савол арзёбӣ карда намешаванд.
Вазъи иҷтимоию иқтисодии хонанда (ESCS)	Нишондиҳандаи маҷмуие, ки дар PISA барои арзёбии шароити иҷтимоию иқтисодии хонанда истифода мешавад. Индекси ESCS дар асоси сатҳи таҳсилот ва мақоми касбии волидон, сатҳи некуаҳволии моддии оила, инчунин мавҷудияти захираҳои таълимӣ дар хона ҳисоб карда мешавад.
Хонандагони дорои сатҳи пасти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ	Хонандагоне, ки қиматҳои индекси ESCS-и онҳо ба фосилаи квартилии поёнӣ (25 фоизи поёнӣ)-и тақсимоти индекси вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд.
Хонандагони дорои сатҳи баланди иҷтимоию иқтисодӣ	Хонандагоне, ки қиматҳои индекси ESCS-и онҳо ба фосилаи квартилии болоӣ (25 фоизи болоӣ)-и тақсимоти индекси вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд.

ИСТИЛОҲ	ТАЪРИФ
Некуаҳволии равонии хонандагон	Маҷмуи нишондиҳандаҳои ҳолати эмотсионалӣ, иҷтимоӣ ва равонии хонандагон, аз ҷумла қаноатмандӣ аз ҳаёт, сатҳи изтироб, устувории эмотсионалӣ ва ҳисси эътимод ба худ. Дар таҳқиқоти PISA ин хусусиятҳо тавассути индексҳои стандартишуда, ки тибқи методологияи байналмилалии СҲИР дар асоси ҷавобҳои хонандагон ба саволҳои дахлдори пурсишнома ҳисоб карда мешаванд, арзёбӣ карда мешаванд.
Мактаби дорои сатҳи баланди некуаҳволӣ	Мактабе, ки дорои шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодии таҳсил ва натиҷаҳои устувори таълимӣ мебошад.
Ҳисси мансубият ба мактаб	Эҳсоси қабул шудан, дастгирӣ ва шомил будани хонанда ба ҷомеаи мактабӣ. Ҳисси мансубият бо ҳавасмандии баландтар ба таҳсил ва натиҷаҳои беҳтари таълимӣ алоқаманд аст. Дар таҳқиқоти PISA ин нишондиҳанда тавассути индекси ҳисси мансубият ба муассисаи таълимӣ арзёбӣ мешавад.
Зӯроварӣ (буллинг)	Намоиши мунтазами агрессия, тарсондан ё таҳқири хонанда аз ҷониби ҳамсолон. Дар таҳқиқоти PISA ин нишондиҳанда тавассути индекси стандартишудаи зӯроварӣ (буллинг) арзёбӣ мешавад, ки дар асоси ҷавобҳои хонандагон оид ба шумораи ҳолатҳои рафтори манфии ҳамсолон ҳисоб карда мешавад. Қиматҳои баландтари индекс ба сатҳи баланди паҳншавии зӯроварӣ (буллинг) мувофиқат мекунанд.
Муҳити интизомӣ	Дарки хонандагон дар бораи тартибот, муташаккилӣ ва рафтор дар дарсҳо, аз ҷумла риояи интизом, сатҳи ғалоғула, сари вақт оғоз шудани дарсҳо ва набудани омилҳое, ки ба раванди таълим халал мерасонанд. Дар таҳқиқоти PISA ин нишондиҳанда тавассути индекси стандартишудаи муҳити интизомӣ арзёбӣ мешавад, ки тибқи методологияи байналмилалии СҲИР дар асоси ҷавобҳои хонандагон ҳисоб карда мешавад. Қиматҳои баландтари индекс ба муҳити интизомии мусоидтар дар синф мувофиқат мекунанд.
Фарқиятҳои гендерӣ дар таҳсилот	Фарқиятҳои байни писарон ва духтарон аз рӯи натиҷаҳои таълимӣ, хусусиятҳои омӯзиш, ҳавасмандӣ, хусусиятҳои иҷтимоию эмотсионалӣ, интизориҳои таълимӣ ва дигар нишондиҳандаҳое, ки дар таҳқиқотҳои байналмилалии соҳаи маориф истифода мешаванд.

ИСТИЛОҲ	ТАЪРИФ
Суботкорӣ ва матонати хонандагон	Қобилияти идома додани таҳсил ва бартараф намудани душвориҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълимӣ. Дар таҳқиқоти PISA ин нишондиҳанда тавассути индекси стандартишудаи суботкорӣ ва матонат арзёбӣ мешавад, ки тибқи методологияи байналмилалии СҲИР дар асоси ҷавобҳои хонандагон ба саволҳои дахлдори пурсишнома ҳисоб карда мешавад.
Майлу рағбат ба рушд	Эътиқоди хонанда ба он ки қобилиятҳо ва зеҳн тавассути омӯзиш, кӯшиш ва истифодаи стратегияҳои самаранок инкишоф ёфта метавонанд. Дар таҳқиқоти PISA ин нишондиҳанда тавассути индекси стандартишудаи майлу рағбат ба рушд арзёбӣ мешавад, ки тибқи методологияи байналмилалии СҲИР дар асоси ҷавобҳои хонандагон ба саволҳои дахлдори пурсишнома ҳисоб карда мешавад.
Квартил	Яке аз се нуқтае, ки тақсимоти ба тартиб даровардашудаи қиматҳо ба чор қисми баробарро ҷудо мекунад.
Фосилаи квартилӣ	Яке аз чор қисми тақсимоти қиматҳо, ки бо квартилҳо ташкил шудааст.
Фосилаи эътимоднокӣ	Диапазони омории қиматҳо, ки дар доираи он бо эҳтимолияти муайян (95%, 99%, 99,9%) қимати ҳақиқии нишондиҳандаи арзёбишаванда қарор дорад.
Синфи модалии PISA	Синф (ё гурӯҳи хонандагони синфи муайян), ки дар намунаи таҳқиқоти PISA аз ҳама бештар намояндагӣ мекунад, яъне дар байни ҳамаи синфҳои ба таҳлил дохилшуда шумораи зиёди хонандагонро дар бар мегирад. Ин нишондиҳанда барои тавсифи сатҳи маъмултарини таҳсили хонандагони 15-сола дар кишвар ё минтақа дар вақти гузаронидани таҳқиқот истифода мешавад.
Роҳнамоии тюторӣ	Дастгирии инфиродӣ ё дастгирӣ дар ҳайати гурӯҳҳои хурд ба хонандагон дар раванди таълим.
Арзёбии ташаккулдиҳанда	Усули арзёбии дастовардҳои таълимӣ, ки ба гирифтани фикру мулоҳизаҳо оид ба пешрафти хонандагон ва истифодаи ин маълумот барои ислоҳи раванди таълим ва омӯзиш равона шудааст.
Омӯзиш дар сатҳи мувофиқ	Равиши таълимие, ки ташкили дастгирии таълимиро дар асоси сатҳи воқеии омодагии хонандагон, на синну сол ё синфи онҳо, пешбинӣ мекунад. Ин равиш барои бартараф намудани камбудиҳо дар малакаҳои асосии хониш ва математика истифода мешавад.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1	Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. (2021). Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе.
2	OECD. (2018). *Education Policy Outlook: Chile*. OECD Publishing, Paris.
3	OECD. (2021). *Education Policy Outlook 2021: Shaping Responsive and Resilient Education in a Changing World*. OECD Publishing, Paris. https://doi.org/10.1787/75e40a16-en
4	OECD. (2023). *Equity and Inclusion in Education: Breaking Down Barriers to Social Mobility*. OECD Publishing, Paris.
5	OECD. (2023a). *PISA 2022 Results (Volume I): The State of Learning and Equity in Education*. PISA, OECD Publishing, Paris. https://doi.org/10.1787/53f23881-en
6	OECD. (2023b). *PISA 2022 Results (Volume II): Learning During and from Disruption*. PISA, OECD Publishing, Paris. https://doi.org/10.1787/a97db61c-en
7	OECD. (2023c). *PISA 2022 Assessment and Analytical Framework*. PISA, OECD Publishing, Paris. https://doi.org/10.1787/dfe0bf9c-en
8	OECD. (2024). *Education Policy Outlook: Estonia*. OECD Publishing, Paris.
9	UNICEF Kazakhstan. (2024). *Annual Report 2024*.
10	UNICEF Kazakhstan. (2025). *Annual Report 2025*.
11	J-PAL. (2025). *Teaching at the Right Level to Accelerate Learning*. Abdul Latif Jameel Poverty Action Lab.
12	TaRL Africa. *Teaching at the Right Level Africa*. https://teachingattherightlevel.org/
13	OECD. (2019). *PISA 2018 Results (Volume III): What School Life Means for Students' Lives*. OECD Publishing, Paris.
14	OECD. (2019). *PISA 2018 Results (Volume II): Where All Students Can Succeed*. OECD Publishing, Paris.
15	OECD (2026), PISA 2025 Results (Volume I): Future-Ready Students, PISA, OECD Publishing, Paris, https://doi.org/10.1787/73451bc5-en.

ЗАМИМА

PISA 2025: НАТИҶАҲОИ 91 КИШВАР ВА МИНТАҚА

Сарчашма: OECD, PISA 2025 Database — PISA 2025 Results (Volume I): Future-Ready Students, ҷадвалҳои I.B1.2a.1 (саводи фанҳои табиатшиносӣ), I.B1.2a.3 (саводи математикӣ), I.B1.2a.2 (саводи хондан). Натиҷаҳо 8-уми сентябри соли 2026 нашр шудаанд.

1. САВОДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ (ХИМИЯ, ФИЗИКА, БИОЛОГИЯ)

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
	Нишондиҳандаи миёнаи кишварҳои СҲИР	**482**
1	B-S-J-Z (Чин)	597
2	Сингапур	560
3	Макао (Чин)	541
4	Тайбэйи Чин	540
5	Ҷопон	538
6	Эстония	527
7	Ҷумҳурии Корея	526
8	Британияи Кабир	511
9	Канада*	510
10	Зеландияи Нав*	509
11	Австралия	509
12	Финляндия	504
13	ИМА*	502
14	Швейтсария	501
15	Ирландия	500
16	Австрия	497
17	Гонконг (Чин)	496

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
18	Лаҳистон	495
19	Туркия	494
20	Чехия	490
21	Белгия	490
22	Литва	488
23	Германия	486
24	Нидерландия*	485
25	Шветсия	485
26	Словения	484
27	Фаронса	483
28	Италия	483
29	Португалия	482
30	Маҷористон	480
31	Дания	478
32	Испания	477
33	Хорватия	476
34	Словакия	475
35	Люксембург	474
36	Норвегия*	470
37	Латвия	468
38	Аморати Муттаҳидаи Араб	458
39	Ветнам	457
40	Малта	453
41	Минтақаҳои Украина (17 аз 27)	448
42	Уругвай	445
43	Чили	442
44	Исроил	442
45	Исландия	441
46	Бруней-Доруссалом	439

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
47	Маврикий	438
48	Ӯзбекистон	438
49	Черногория	435
50	Албания*	435
51	Қатар	434
52	Юнон	434
53	Таиланд	432
54	Сербия	429
55	Руминия	425
56	Муғулистон	424
57	Коста-Рика	424
58	Гурҷистон	422
59	Молдова	422
60	Булғористон	421
61	Қазоқистон	420
62	Малайзия	419
63	Колумбия	414
64	Мексика	414
65	Арабистони Саудӣ	413
66	Кипр	411
67	Озарбойҷон	409
68	Бразилия	409
69	Урдун	407
70	Перу	406
71	Эквадор	393
72	Аргентина	393
73	Индонезия	389
74	Салвадор	385
75	Камбоҷа	382

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
76	Македонияи Шимолӣ	378
77	Филиппин	373
78	Лубнон	372
79	Арманистон	369
80	Қирғизистон	363
81	Ҷумҳурии Доминикан	361
82	Маъмурияти Фаластин	359
83	Марокаш	358
84	Косово	357
85	Парагвай	355
86	Курдистон (Ироқ)	352
87	Гватемала	351
88	Замбия	337
89	Кения	335
90	Душанбе (Тоҷикистон)	334
91	Руанда	317

2. САВОДИ МАТЕМАТИКӢ

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
	Нишондиҳандаи миёнаи кишварҳои СҲИР	**463**
1	B-S-J-Z (Чин)	612
2	Сингапур	563
3	Макао (Чин)	549
4	Тайбэйи Чин	546
5	Ҷопон	525
6	Ҷумҳурии Корея	522
7	Гонконг (Чин)	522

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
8	Эстония	508
9	Швейтсария	499
10	Британияи Кабир	488
11	Канада*	485
12	Лаҳистон	484
13	Нидерландия*	483
14	Зеландияи Нав*	480
15	Ирландия	480
16	Белгия	480
17	Австралия	478
18	Австрия	477
19	Чехия	477
20	Дания	471
21	Литва	470
22	Финляндия	469
23	Словакия	469
24	Италия	468
25	Германия	464
26	Шветсия	464
27	ИМА*	463
28	Туркия	462
29	Словения	460
30	Португалия	460
31	Латвия	460
32	Маҷористон	459
33	Фаронса	458
34	Люксембург	458
35	Испания	457

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
36	Хорватия	455
37	Аморати Муттаҳидаи Араб	453
38	Норвегия*	452
39	Исландия	450
40	Ветнам	443
41	Малта	439
42	Бруней-Доруссалом	435
43	Исроил	433
44	Албания*	433
45	Минтақаҳои Украина (17 аз 27)	431
46	Юнон	424
47	Озарбойҷон	422
48	Руминия	419
49	Муғулистон	419
50	Сербия	417
51	Қатар	416
52	Гурҷистон	416
53	Қазоқистон	414
54	Кипр	412
55	Черногория	411
56	Молдова	410
57	Маврикий	407
58	Таиланд	407
59	Уругвай	405
60	Булғористон	405
61	Чили	403
62	Малайзия	397
63	Арабистони Саудӣ	390

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
64	Мексика	388
65	Урдун	388
66	Коста-Рика	387
67	Перу	382
68	Душанбе (Тоҷикистон)	382
69	Колумбия	381
70	Македонияи Шимолӣ	380
71	Бразилия	377
72	Лубнон	377
73	Арманистон	376
74	Филиппин	371
75	Аргентина	367
76	Эквадор	366
77	Камбоҷа	366
78	Индонезия	364
79	Қирғизистон	364
80	Марокаш	355
81	Маъмурияти Фаластин	354
82	Косово	350
83	Салвадор	346
84	Ҷумҳурии Доминикан	339
85	Курдистон (Ироқ)	339
86	Парагвай	334
87	Гватемала	334
88	Кения	326
89	Замбия	314
90	Руанда	312
—	Ӯзбекистон	нест

3. САВОДИ ХОНДАН

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
	Нишондиҳандаи миёнаи кишварҳои СҲИР	**461**
1	Сингапур	535
2	B-S-J-Z (Чин)	527
3	Тайбэйи Чин	508
4	Ҷопон	503
5	Макао (Чин)	501
6	Ҷумҳурии Корея	501
7	Ирландия	500
8	Эстония	499
9	Зеландияи Нав*	497
10	Британияи Кабир	494
11	Австралия	491
12	Канада*	490
13	ИМА*	490
14	Лаҳистон	482
15	Гонконг (Чин)	480
16	Финляндия	474
17	Италия	474
18	Туркия	472
19	Швейтсария	470
20	Чехия	468
21	Австрия	467
22	Белгия	466
23	Шветсия	466
24	Германия	465
25	Литва	464

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
26	Португалия	462
27	Дания	460
28	Фаронса	456
29	Хорватия	453
30	Норвегия*	453
31	Маҷористон	452
32	Испания	451
33	Словакия	448
34	Словения	445
35	Люксембург	443
36	Нидерландия*	441
37	Чили	436
38	Исроил	436
39	Аморати Муттаҳидаи Араб	433
40	Латвия	430
41	Бруней-Доруссалом	426
42	Уругвай	423
43	Юнон	423
44	Исландия	422
45	Минтақаҳои Украина (17 аз 27)	418
46	Черногория	418
47	Қатар	418
48	Коста-Рика	416
49	Малта	415
50	Сербия	415
51	Руминия	413
52	Албания*	408
53	Мексика	408

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
54	Бразилия	408
55	Маврикий	405
56	Молдова	404
57	Колумбия	399
58	Малайзия	393
59	Ветнам	392
60	Таиланд	392
61	Перу	390
62	Аргентина	389
63	Булғористон	387
64	Арабистони Саудӣ	387
65	Қазоқистон	385
66	Эквадор	385
67	Гурҷистон	384
68	Кипр	379
69	Муғулистон	374
70	Озарбойҷон	374
71	Душанбе (Тоҷикистон)	368
72	Филиппин	367
73	Салвадор	366
74	Индонезия	365
75	Урдун	363
76	Македонияи Шимолӣ	357
77	Парагвай	352
78	Маъмурияти Фаластин	350
79	Арманистон	348
80	Камбоҷа	347
81	Ҷумҳурии Доминикан	346

Ҷой	Кишвар / минтақа	Бали миёна
82	Қирғизистон	344
83	Косово	340
84	Гватемала	337
85	Лубнон	331
86	Замбия	325
87	Марокаш	321
88	Кения	320
89	Курдистон (Ирок)	312
90	Руанда	301
—	Ӯзбекистон	нест

Эзоҳ:

* СҲИР пешниҳод менамояд, ки ҳангоми муқоисаи нишондиҳандаҳо бо кишварҳои дигар бояд эҳтиёткор буд, зеро на ҳамаи меъёрҳои муайян кардани интихоби омории PISA риоя гардидаанд (Албания, Канада, Нидерландия, Зеландияи Нав, Норвегия, ИМА).

Нишондиҳандаҳои миёнаи Ӯзбекистон оид ба саводи математикӣ ва саводи хондан дастрас нестанд, аз ин рӯ, кишвар ба ҷадвалҳои рейтингии дахлдор ворид нагардидааст (дар сутуни ҷойгоҳ аломати хатча «—» гузошта шудааст).

Чанде аз иштирокдорон на ҳамчун як кишвар, балки ҳамчун минтақа ё ҳудуди алоҳида муаррифӣ шудаанд: B-S-J-Z (Пекин, Шанхай, Тсзянсу, Чжэсзян), Макао (Чин), Гонконг (Чин), Тайбэйи Чин, Душанбе (Тоҷикистон), Курдистон (Ирок), минтақаҳои Украина (17 аз 27).

Балҳо барои ҳар се самт (фанҳои табиатшиносӣ, математика ва хониш) бо шкалаҳои ҷудогона чен карда мешаванд. Балҳо ҷамъ карда намешаванд, чунки «бали умумии PISA» ба таври расмӣ вуҷуд надорад.